ISSN 2307 – 5198

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

ЮРИДИЧЕСКИЙ ФАКУЛЬТЕТ

# ҲАЁТИ ҲУҚУҚӢ

# ПРАВОВАЯ ЖИЗНЬ

Июл – сентябр 2023, № 3 (43)

Июль – сентябрь 2023, № 3 (43)

Маҷаллаи илмӣ – иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» («Правовая жизнь») соли 2013 таъсис додашуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳодатномаи № 163/МҶ – 97 аз 25 – уми октябри соли 2020) ва Маркази байналмилалии ISSN (ISSN 2307 – 5198) ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла ба Шохиси илмии тақризшавандаи Россия аъзо буда, ба Феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Россия ва ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.

Научно – информационный журнал «Правовая жизнь» (Ҳаёти ҳуқуқӣ) создан в 2013 г. и перерегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан (свидетельство № 163/МЧ – 97 от 25.10.2020г.) и Международным центром ISSN (ISSN 2307 – 5198).

Журнал аккредитован в Российском индексе научного цитирования, включен в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей ате –стационной комиссии при Министерстве науки и высшего образования РФ и Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан.

Душанбе – 2023

Муассис: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ
Учредитель: Таджикский национальный университет, юридический факультет
Сармуҳаррир: Ш. К. Ғаюрзода — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Главный редактор: Ш. К. Гаюрзода — доктор юридических наук, профессор

Ҳайати таҳририя:

Маҳмудзода М.А. — академики АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Насриддинзода Э.С. — узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Иброҳимов С. И. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Гадоев Б. С. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Ғафурзода А. Д. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Диноршоҳ А.М. — котиби масъул, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Малко А .В. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор (Россия);
Муртазозода Ҷ.С. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Шарофзода Р.Ш. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Маҷидзода Ҷ. З. — муовини сармуҳаррир, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Мирзамонзода Х. М. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

Редакционная коллегия:

Махмудзода М.А. — академик НАНТ, доктор юридических наук, профессор;
Насриддинзода Э. С. — член-корреспондент НАНТ, доктор юридических наук, профессор;
Иброхимов С. И. — доктор юридических наук, профессор;
Гадоев Б. С. — доктор юридических наук, профессор;
Гафурзода А. Д. — доктор юридических наук, профессор;
Диноршох А.М. — ответственный секретарь, доктор юридических наук, профессор;
Малько А.В. — доктор юридических наук, профессор (Россия);
Муртазозода Дж.С. — доктор юридических наук, профессор;
Шарофзода Р.Ш. — доктор юридических наук, профессор;
Маджидзода Дж. З. — зам. главного редактора, доктор юридических наук, профессор;
Мирзамонзода Х. М. — доктор юридических наук, профессор.

Шохиси обунавии маҷалла: 77735
Подписной индекс журнала: 77735

Маҷалладар се моҳ як маротиба бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ чоп мегардад
Журнал выходит один раз в три месяца на русском и таджикском языках

Нишонии маҷалла: 734025, ҶумҳурииТоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Адрес редакции: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17
Телефон ва дигар воситаҳои алоқа: (+992 37) 2 21 77 11, 2 24 65 03, www. law. tnu. tj, www.pravovayazhizn.tj
Телефоны и иные средства связи: (+992 37) 2 21 77 11, 2 24 65 03, www. law. tnu.tj, www.pravovayazhizn.tj
©Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2023 © Ҳайати муаллифон, 2023
©Таджикский национальный университет, 2023 © Коллектив авторов, 2023

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

## I.ИЛМҲОИ НАЗАРИЯВӢ – ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚӢ (ИХТИСОС: 5. 1. 1)

## I. ТЕОРЕТИКО – ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРАВОВЫЕ НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 1)


Азиззода У.А., Алиев И.И. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ..............................5

Розиқзода Д.З. Ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун шакли амалисозии сиёсати ҳуқуқӣ............16

Муминзода М. Н. Теоретико-правовое основание случайного выбора призываемых на военную службу…………………………………………………………………..22


## II. ИЛМҲОИ ОММАВӢ – ҲУҚУҚӢ (ДАВЛАТӢ – ҲУҚУҚӢ) (ИХТИСОС: 5. 1. 2)

## II. ПУБЛИЧНО – ПРАВОВЫЕ (ГОСУДАРСТВЕННО – ПРАВОВЫЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 2)


Сулаймонзода М. С. Нақши Пешвои миллат дар истиқлолияти давлатӣ.................33

Кудратуллозода Б.К., Шоисматуллоева Ф.Ш. Безопасность: некоторые правовые аспекты…………………………………………………………………………………….40

Саъдиев И.З. Конститутсия ва қонунҳо ҳамчун сарчашмаҳои танзими хизмати давлатӣ……………………………………………………………52

Собиров М. Ш. Таърихи ташаккули принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ..................58

Исозода Б. Ч. Заминаҳои таърихии ислоҳот ва такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд.........65

III. ИЛМҲОИ ХУСУСӢ – ҲУҚУҚӢ (МАДАНӢ) (ИХТИСОС: 5. 1. 3)

III. ЧАСТНО – ПРАВОВЫЕ (ЦИВИЛИСТИЧЕСКИЕ) НАУКИ

(СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 3)

Ғаюрзода Ш. К., Қудратзода Б.О. Хизматрасонии логистикӣ: мафҳум ва нишонаҳо......75

Саидов Ҳ. М. Мафҳум ва мазмуни ҳуқуқи моликият ба объектҳои об......83

Ҷураев А. Ш. Хариду фурӯши ҳисса ба манзили истиқоматӣ......91

Аминҷонов А. Х. Баъзе масъалаҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ......99

Азамқулов Ф.Ҳ. Баъзе масъалаҳои ҳолати ҳуқуқии кооперативҳои тиҷоратӣ......107

Шерова М. А. Шаклҳои ҳуқуқӣ ва вазифаҳои розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ......114

IV. ҚОИДАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

IV. ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ

# I.ИЛМҲОИ НАЗАРИЯВӢ – ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚӢ (ИХТИСОС: 5. 1. 1)

# I. ТЕОРЕТИКО – ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРАВОВЫЕ НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 1)

**ВБД: 341. 4 (575. 3)** **Азиззода У.А.,* Алиев И.И.***

## ФУНКСИЯИ ТАРБИЯВИИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

**Калидвожаҳо:** функсияи тарбиявӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, функсияҳои сазодиҳӣ, ҷаримавӣ, пешгирӣ, ҷубронсозӣ, ҷазо, фарҳанги ҳуқуқӣ, ҷиноят, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, азнавтарбияткунӣ, огоҳсозӣ, тарбия, муҳофизат, танзим, таъсири тарбиявӣ, маҳкумшуда, мақсади ҷазо, субъект, шакли ҷиноят, ҷинояткор.

**Ключевые слова:** воспитательная функция, правовая ответственность, карательные функции, штрафные, профилактика, компенсация, наказание, правовая культура, преступление, общественный порядок, правонарушения, перевоспитание, информирование, воспитание, охрана, регулирование, воспитательное воздействие, осужденный, цель наказания, субъект, форма преступления, преступник.

**Keywords:** educational function, legal responsibility, punitive functions, punitive, prevention, compensation, punishment, legal culture, crime, public order, offenses, re-education, information, education, protection, regulation, educational impact, convicted person, purpose of punishment, subject, form of crime, criminal.

Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз функсияҳои муҳиме мебошад, ки дар як вақт бо функсияҳои сазодиҳӣ, ҷаримавӣ, пешгирӣ, ҷубронсозӣ амалӣ карда мешавад. Амалан ҳама унсурҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъсири тарбиявӣ доранд. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои таъмини ноил шудан ба ҳадафи бунёди давлати ҳуқуқии демократӣ тавассути ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҳама субъектҳо пешбинӣ шудааст. Ҳамагуна ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷазои ҷиноятӣ дорои мақсадҳои ислоҳнамоӣ ва тарбиявӣ мебошанд. Ба андешаи У.А. Азиззода, ҷазо ҳама вақт ҳамчун воситаи самараноки мубориза бо ҷинояткорӣ баррасӣ карда мешуд, ки дар давраҳои мухталиф пайгири мақсадҳои гуногун, ба монанди тарсонидан, ислоҳ кардан ва тарбия намудан мебошад[1]. Ба андешаи С. Боронбеков, тарбия ва ислоҳ намудан дар ҳама ҳолатҳо, новобаста аз шакли ҷиноят имкон дорад[2]. Ба андешаи И.Б. Буризода, ҳамаи ҷазоҳо дар як дараҷаи муайян бояд хусусияти ислоҳнамоӣ дошта бошанд. Онҳо на танҳо худи ҷинояткорро ислоҳ менамоянд, балки барои тамоми шахсоне, ки ба ҳуқуқвайронкунӣ даст мезанад оқибатҳои тарбиявӣ дорад[3]. Р.Ш. Шарофзода мақсади ҷавобгарии ҳуқуқиро дар ҳимоя ва таъмини сохти мавҷудаи ҷамъият, ҳуқуқу манфиатҳои аъзоёни он, тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии

* Мудири кафедраи назария ва таърии давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
* Унвонҷӯи соли дуюми Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

[1] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ...д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 4.

[2] Ниг.: Боронбеков С. Шариат: его место и роль в формировании климата доверия, толерантного сознания и борьбе с экстремизмом в российском обществе. – Рязань, 2004. – С. 110.

[3] Ниг.: Буриев И.Б. Действие мусульманского права в дореволюционном Таджикистане (VIII – начало XX вв.). – Душанбе, 1999. – С. 159.

ҳуқуқвайронкуниҳои нав дар оянда маънидод намуда, барои амалисозии ин мақсадҳо як қатор функсияҳоро қайд кардааст, ки яке аз онҳо функсияи тарбиявӣ мебошад[4]. У.А. Азиззода дар ҷойи дигар қайд мекунад, ки ҷазои ҷиноятӣ пеш аз ҳама ба ислоҳ ва азнавтарбиякунии шахси ҷиноятсодирнамуда равона карда шудааст[5].

Ба андешаи З.Х. Зокирзода, таҳти мафҳуми «ислоҳсозии ахлоқӣ» азнавтарбиякунии маҳкумшуда фаҳмида мешавад. Ислоҳи маҳкумшуда ин даровардани тағйирот дар шахсияти ҷинояткор мебошад, ки дар натиҷаи он маҳкум дигар хавфнокияшро дар назди ҷомеа ва мардум гум мекунад[6]. Ба андешаи Т.Ш. Шарипов агар адолати иҷтимоӣ барқарор гардад ва маҳкумшуда то тамом шудани муҳлати ҷазои таъиншуда ислоҳ шавад, пас, иҷрои минбаъдаи он бефоида, беҳуда ва ба мақсад номувофиқ мебошад[7]. Азнавтарбияткунӣ бошад, ин ислоҳсозии ахлоқии шахс мебошад»[8].

Дар ҷавобгарии ҷиноятӣ функсияи тарбиявӣ дар мақсади ҷазо ифода меёбад. Мақсади ҷазо дар таърихи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ба таври гуногун муайян шудааст. Дар моддаи 20 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) мақсади ҷазо ба таври зайл муайян карда шуда буд: «Ҷазо на фақат барои ҷинояти содиркардашуда сазо мебошад, балки мақсади ҷазо низ он аст, ки маҳкумшудагонро дар рӯҳи муносибати софдилона ба меҳнат, айнан иҷро намудани қонунҳо, ҳурмат намудани қонунҳои зиндагии умумии сотсиалистӣ ислоҳ ва аз нав тарбия кунад, инчунин, ҷиноятҳои нав содир кардани ҳам маҳкумшудагон ва ҳам шахсони дигарро пешгирӣ кунад. Мақсади ҷазо озори ҷисмонӣ додан, ё ки қадру қимати одамро паст кардан нест»[9]. Дар асоси он чӣ дар боло зикр шуд, сабаби хориҷ намудани мафҳуми "аз нав тарбиянамоӣ" аз маҷмуи мақсади ҷазои ҷиноятӣ, ки дар қатори мақсади ислоҳи маҳкумшуда дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 пешбинӣ шуда буд, ошкор мегардад. Бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаи тӯлонии пеш бурдани корҳои тарбиявиву ислоҳӣ нисбат ба маҳкумшудагон дар муассисаҳои пенитенсиарӣ, тарбияи шахсияти дорои ахлоқу маънавёти воло, амалан дар аксари мавридҳо, мақсади ҷазо иҷронашаванда ба ҳисоб меравад ва мақсади ҷазо донистани он бештар як амали фиктивӣ ва декларативӣ ба ҳисоб меояд. Дар корҳои анҷомшудаи таҳқиқотии солҳои 60 ва 70 асри XX идеяи аз нав тарбиянамоӣ (перевоспитание) ё тарбияи дубораи шахс, асосан дар заминаи профили идеологӣ матраҳ ва арзёбӣ мешуд, ҳарчанд, ки олимони зиёде ба волоияти аз нав тарбиянамоӣ ё тарбияи дубора нисбат ба масъалаи ислоҳи маҳкумшуда исрор намеварзиданд. Ҳамин тавр, И.Д. Перлов, аз нав тарбиянамоӣ ва ислоҳи шахсони маҳкумшударо, яке аз ҷузъҳои таркибии мафҳуми умумии ислоҳ медонист. Аз назари ин муаллиф натиҷаи ислоҳ бояд ба истисно гардидани имкони такроран даст ба ҷиноят задани шахси маҳкумшуда анҷомад. Аммо натиҷаи ниҳоии аз нав тарбиянамоӣ аз нигоҳи И.Д. Перлов, бояд боиси пурра дигаргун шудани ҷаҳонбинӣ ва биниши шахсони маҳкумшуда

---

[4]Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2003. – С. 446.
[5]Ниг.: Азизов У.А. Асари ишорашуда. – С. 224.
[6]Ниг.: Зокирзода З.Х. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Шарипов Т.Ш. – Душанбе: Нашри мубориз, 2021. – С. 132.
[7]Ниг.: Шарипов Т.Ш. Шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан // Устувории низоми судии Тоҷикистон: проблема ва мулоҳиза. – Душанбе: Матбуот. – С. 121.
[8] Ниг.: Ной И. Вопросы теории наказания в советском уголовном праве. – Саратов. Изд. Саратовск «Ун-та», 1962. – С. 155.
[9] Ниг.: Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон. – Душанбе, 1961. – С. 15.

гардад[10]. Ба ин нуқтаи назар, ҳамчунин олимону муҳаққиқони дигар низ, аз ҷумла, Ю.М. Ткачевский[11], Н.А. Стручков[12] ва дигарон таъкид намудаанд. Дар робита ба ин мавуъ, И.С. Ной низ изҳори назар намудааст. Ба эътиқоди ин муаллиф, ислоҳи ҳуқуқӣ ва ислоҳи ахлоқӣ ду мафҳуми аз ҳам ҷудо мебошанд. Аз нигоҳи И.С. Ной, аз лиҳози мазмуну мафҳум, ислоҳи ахлоқии шахсони маҳкумшуда бо мафҳуми "аз нав тарбиянамоӣ" (перевоспитание) айният дорад[13]. Ба андешаи З.Х. Зокирзода, дар марҳалаи кунунии рушду инкишофи давлат, ҷомеа ва шахсият, аз нигоҳи қонунгузор, салоҳ ва ба манфиати кор нест, ки чунин вазифа дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузошта шавад. Бо ин қонунгузор, баррасии мақсади мазкурро ҳангоми муҳокимаи муқаррароти КҶ ҶТ соли 1998 истисно намуд. Чунин иқдом аз сӯи муаллифони соҳаи назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, сарфи назар аз тафсири гуногуни онҳо, ба таври умумӣ пазируфта шуд (дар солҳои 90 асри гузашта аз нав тарбиянамоӣ ё тарбияи дубора бештар на ҳамчун мафҳуми педагогӣ, балки ҳамчун мафҳуми ҳуқуқии аз ҷиҳати мазмун ба мафҳуми ислоҳи маҳкумшуда наздик арзёбӣ мешуд)[14].

Воситаҳои асосии ислоҳи маҳкумон иборатанд: аз тартиби муқарраркардашудаи иҷро ва адои ҷазо, кори тарбиявӣ, меҳнати муфиди ҷамъиятӣ, гирифтани маълумоти умумӣ, омодагии касбӣ ва таъсири ҷомеавӣ[15]. Дар ин хусус З.Х. Зокирзода қайд мекунад, ки дар фарқият аз барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, муайянкунии қонунии мақсади ислоҳи маҳкумшуда мавҷуд аст. Дар қисми 1, моддаи 14 КИҶҶ ҶТ меъёрҳои зайли ҳуқуқӣ мустаҳкам карда шудаанд: «Ислоҳи маҳкумшудагон ин дар онҳо ташаккул додани муносибати эҳтиромона ба одам, ҷамъият, меҳнат, меъёрҳо, қоидаҳо ва анъанаҳои ҳаёти умумии инсон ва ҳавасманд гардондани рафтори ҳуқуқӣ мебошад». Ба ҷомеа ва давлат лозим аст, ки маҳкумшуда дар оянда ҷиноятҳои нав содир накунад ва муҳим нест, ки ба кадом сабабҳо вай содиркунии ҷиноятҳои навро қатъ кардааст: дар алоқамандӣ бо баҳодиҳии нав ба ҳаёт ё аз тарси ҷазо[16].

Дар адабиёти ҳукуқӣ як қатор таърифҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳукуқӣ ҷой доранд, ки ҳамзамон функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқиро ифода мекунанд. Яке аз муаллифони шинохтаи соҳа С.С. Алексеев дуруст қайд мекунад, ки: «Функсияҳои ҷавобгарии ҳукуқӣ аз табиати ичтимоӣ ва хусусиятҳои ҳукуқӣ вобастагӣ дошта, пеш аз ҳама таъсири давлат ба ҳуқуқвайронкунӣ мебошад, ки мақсади он дар тарбияи шахси вайронкор дар руҳияи тарбияи ахлоқӣ ифода меёбад»[17]. В.В. Лазарев қайд мекунад, ки умуман ҷавобгарии ҳуқуқӣ ду мақсади асосиро пайгирӣ мекунад: таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва тарбияи шаҳрвандон[18] .

---

[10]Ниг.: Перлов И.Д. Исполнение приговора в советском уголовном процессе. – М., 1963. – С. 120.

[11] Ниг.: Ткачевский Ю.М. Советское исправительно-трудовое право. – М., 1971. – С. 57-58.

[12]Ниг.: Стручков Н.А. Уголовная ответственность и ее реализация в борьбе с преступностью. – Саратов, 1977. – С. 67.

[13] Ниг.: Ной И.С. Сущность и функции уголовного наказания в Советском государстве. – Саратов: Изд-во Саратовского государственного университета, 1973. – С. 234.

[14]Ниг.: Зокирзода З.Х., Муқимов Д.С., Алиев И.И. Масъалаҳои асосии мақсади ҷазо дар сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 6. – С. 218–225.

[15] Ниг.: Малышев А.Н. Конфискация имущества в уголовном праве: дис. …канд. юрид. наук. – М., 2010. – С. 119.

[16]Ниг.: Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дис. ...ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 114.

[17]Ниг.: Алексеев С.С. Государство и право: начальный курс. – М., 1993. – С. 147.

[18]Ниг.: Проблемы общей теории права и государства // Под общ. ред. В. С. Нерсесяна. – М., 2005. – С. 497.

Як қатор олимон таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба роҳ монда, функсияи тарбиявиро низ таъкид кардаанд. Масалан, А.А. Иванов функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, ҷаримавӣ ва сазодиҳӣ, ислоҳӣ ва тарбияи шахс, ҳуқуқбарқароркунӣ ва огоҳсозӣ ҷудо мекунад[19]. В.Д. Перевалов бошад функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба ҷаримавӣ-сазодиҳӣ, ҳуқуқбарқароркунӣ,[20] огоҳсозӣ, тарбиявӣ, муҳофизатӣ ва танзимӣ ҷудо мекунад. С.С. Алексеев,[21] А.И. Петилин, П.А. Варул[22], А.А. Собчак[23] бошанд, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба сазодиҳӣ ва ҳуқуқбарқароркунӣ ҷудо намуда, функсияи тарбиявиро зикр накардаанд. М.П. Трофимова бошад, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба умумӣ ва махсус ҷудо карда, функсияи тарбиявиро ба функсияҳои махсус шомил кардааст[24].

Р.Ш. Шарофзода зимни таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ чунин менигорад: "Функсияи тарбиявӣ бо мақсади ислоҳи ҳуқуқвайронкунанда, тарбияи онҳо, тарбияи ҳуқуқии дигарон ба сомон мерасад"[25]. Ба андешаи А.З. Куканов, функсияхои ҷавобгарии ҳуқуқиро вобаста аз он ки онҳо дар доираи кадом функсияҳои ҳуқуқ иҷро мешавад, ба гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст. Масалан, функсияи сазодиҳӣ, ҳуқуқбарқароркунӣ ва огоҳсозӣ дар доираи функсияи муҳофизатӣ амалӣ мегардад. Функсияи тарбиявӣ бошад дар доираи танзими таъсиррасонии ҳуқуқ иҷро мешавад. Илова бар ин, он функсияҳое, ки қайд гардиданд ҳатман инъикоси худро дар намуди алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ меёбанд[26].

Ба андешаи В.В. Сорокин, ҷавобгарии ҳуқуқиро дар мақсадҳои тарсонидан ва ҷазо додани ҷинояткор баррасӣ кардан беманфиат буда, бояд ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун воситаи тарбияи танзими дохилии рафтори инсон баррасӣ кард. Дар ҳоле, ки барои давлат иҷрои функсияи тарсонидани ҷинояткор муҳим аст, барои ҷомеаи шаҳрвандӣ бошад, аз ҳама бештар функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ муҳимтар мебошад[27]. Ба андешаи Д.А Липинский, фаъолияти пурсамари ҷавобгарии ҳуқуқиро бе функсияи тарбиявии он тасаввур кардан мумкин нест [28]. Д.Н. Кархалев мақсади татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро дигаргунсозии ахлоқӣ ва равонии шуури ҷинояткор дониста[29], ба функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад. Р.Л. Хачатуров чунин мешуморад, ки қонунгузор аз чунин мақсад, монанди аз нав тарбия кардан даст кашидааст, амалияи таъсиррасонӣ ба маҳкумшудагон шаҳодат медиҳад, ки ин мақсад воқеӣ нест. Мақсадҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зикргардида бояд

---

[19]Ниг.: Иванов А.А. Цели юридической ответственности, ее функции и принципы // Государство и право. – 2008. – №6. – С.67.

[20] Ниг.: Теория государства и права: учебник для вузов // Отв.ред. В.Д. Перевалов. – М., 2004. – С. 269.

[21] Ниг.: Алексеев С.С. Механизм правового регулирования в социалистическом государстве. – М., 1966. – С.151.

[22]Ниг.: Варул П.А. Методологические проблемы исследования гражданско-правовой ответственности. – Таллин, 1986. – С. 50.

[23]Ниг.: Собчак А.А. О некоторых спорных вопросах теории правовой ответственности // Правоведение. – 1968. – №1. – С. 50.

[24]Ниг.: Трофимова М.П. Функции юридической ответственности: дис. ...канд. юрид. наук. – Саратов, 2000. – С. 46.

[25]Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2014. – С. 624.

[26]Ниг.: Куканов А.З. Мафҳум ва таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – №3 (27). – С. 46.

[27] Ниг.: Сорокин В.В. Цель и функции юридической ответственности // Law Enforcement Review. – 2018. – Vol. 2. – No. 1. – С. 28.

[28] Ниг.: Хачатуров Р.Л. Антология юридической ответственности. – Самара: Ас Гард, 2012 – С. 161.

[29]Ниг.: Кархалев Д.Н. Ответственность по гражданскому праву. – Уфа, 2001. – С. 14.

воқеӣ бошанд, на эъломиявӣ[30]. А.А. Иванов низ функсияи тарбиявиро мақсади асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дониста, қайд менамояд, ки он дар раванди ҷавобгарии интизоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам шудааст. Масалан, қонунгузории соҳаи маориф. Новобаста аз ин функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҷомеа амалӣ карда мешавад ва барои баланд бардоштани он чораҳо зарур мебошанд[31]. М.Г. Мелкумян қайд менамояд, ки агар сохтори мантиқии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқиро ба назар гирем, пас он аз объектҳои таъсир; усулҳои таъсир; асос барои таъсир; натиҷаи таъсир; субъектҳои таъсир иборат хоҳад буд. Бояд қайд кард, ки функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд на танҳо бо истифода аз усули таҳлили сохторӣ, балки бо истифода аз таҳлили полиструктуравӣ низ тафтиш карда шавад, зеро функсияи тарбиявиро на як, балки бисёр сохторҳо тавсиф мекунанд[32].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ «ҷавобгарии конститутсионӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ, молиявӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиаи маданӣ, меҳнатӣ (интизомӣ ва моддӣ), ҷавобгарии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» ҷудо карда мешаванд[33]. Ин шаклҳои соҳавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқиро иҷро мекунанд. Ҳамин тариқ, дар сохтори соҳавии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ унсурҳои зерини сохтор сохта мешаванд:

- функсияи тарбиявии институти соҳавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ;
- функсияи тарбиявии зеринститути ҷавобгарии ҳуқуқӣ;
- функсияи тарбиявии меъёрии ҷавобгарии ҳуқуқӣ[34].

Мутобиқан, дар сохтори функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи тарбиявии ҷавобгарӣ (аз ҷониби соҳаҳои ҳуқуқи моддӣ амалӣ карда мешавад) ва функсияи тарбиявии ҷавобгарии мурофиавӣ муайян кардан мумкин аст. Функсияи тарбиявӣ дар марҳилаҳо, бо мурури замон амалӣ карда мешавад, бинобар ин метавон гуфт, ки сохтори муваққатии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ вуҷуд дорад ва дар марҳилаҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи тарбиявӣ ба таври равшан амалӣ намешавад[35].

Лаҳзаи ибтидоии амали функсияи тарбиявӣ бо эътибор пайдо кардани волоияти қонун алоқаманд аст, ки дар он самтҳои муайяни арзишӣ ташаккул меёбанд. Ин дастурҳо бояд аз ҷониби субъекти ҷавобгарии ҳуқуқӣ эътироф карда шуда, нисбати онҳо муносибати муайяни равонӣ ташаккул дода шавад. Дар натиҷаи дарки талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар субъект муносибати муайяни равонӣ ба арзишҳое ташаккул меёбад, ки дар меъёри ҳуқуқӣ ҷойгир шудаанд, ки дар доираи ирода ва шуури субъект мавҷуд аст. Дар адабиёти равоншиносӣ мафҳуми «муносибат» ба ду тарз шарҳ дода мешавад: аз як тараф, ин муносибати ботинӣ

---

[30]Ниг.: Хачатуров Р.Л., Липинский Д.А. Общая теория юридической ответственности. – СПб.: Пресс, 2007. – С. 395.

[31]Ниг.: Иванов А.А. О воспитательной функции юридической ответственности в современном российском обществе // Вектор науки ТГУ. – 2012. – №3 (21). – С. 138-140.

[32]Ниг.: Мелкумян М.Г. К вопросу о структуре воспитательной функции юридической ответственности // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. – 2014. – № 1 (16). – С. 126.

[33]Ниг.: Липинский Д.А. Об уголовно-процессуальной ответственности // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. – 2010. – №3. – С. 264.; Репетева О.Е. Гражданско-правовая ответственность за трудовые, семейные, экологические правонарушения // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. Серия: Юридические науки. – 2010. – № 1. – С. 73–75.; Лучков В.В. Юридическая ответственность в механизме правового регулирования: автореф. дис. ...канд. юрид. наук. – Казань, 2004. – 24 с.; Мусаткина А.А. К вопросу о финансово-правовом стимулировании правомерного поведения // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. Серия: Юридические науки. – 2010. – № 1. – С. 59-62.

[34]Ниг.: Липинский Д.А. К вопросу о структуре института юридической ответственности // Вектор науки Тольтттинского государственного университета. – 2009. – №6. – С. 62–67.

[35]Ниг.: Мелкумян М.Г. Асари ишорашуда. – С. 127.

мебошад; аз тарафи дигар - берунӣ. Табиист, ки шахс метавонад ба объектҳои гуногун муносибати гуногун дошта бошад. Он метавонад эҳтиромона, манфӣ, мусбат, бепарво ва ғайра бошад. Умуман, агар шахс як амали мушаххаси қонунӣ содир кунад, пас метавон гуфт, ки вай ба манфиатҳои муайяни иҷтимоӣ, одамони дигар муносибати мусбат дорад. Дар фаъолияти худ субъект муносибати худро объективӣ месозад[36].

Ҳамин тариқ, ин марҳилаи инкишофи функсияи тарбиявӣ бо огоҳии субъект аз вазифаҳо, мамнӯиятҳо, арзишҳои иҷтимоӣ алоқаманд аст, ки дар ниҳояти кор ба рафтори воқеии қонунии субъект табдил ёфта, баъдан аз ҷониби мақомоти ваколатдор баҳо дода мешавад. Дар баробари ин худи рафтори қонунӣ бояд натиҷаи функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дониста шавад[37]. Ҳамин тариқ, пайдарпайии мантиқӣ-вақтии зуҳуроти функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ чунин аст: меъёри ҳуқуқие, ки ваколат ё манъкуниро ё вазифаи мусбӣ – огоҳӣ аз дастурҳо, аз ҷумла ташаккули муносибати муайяни равонӣ – рафтори қонуниро пешбинӣ мекунад[38].

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз функсияҳои ҳуқуқ бармеоянд, бинобар ин муносибатҳои онҳо мутаносибан ҳамчун як қисм ва як маҷмуъ пешниҳод карда мешаванд. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тавассути воситаҳои мушаххаси ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд, ки онҳо дорои вазифаҳои худ мебошанд, ки ҳамчун яке аз зуҳуроти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муаррифӣ мешаванд. Ҳамин тариқ, дар адабиёти ҳуқуқӣ андешае мавҷуд аст, ки тибқи он меъёрҳои ҳуқуқии инфиродӣ, санксияҳои онҳо функсияҳои муайян доранд. Ин функсияҳо дар як навъ иерархия (мартабот) нисбат ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ пасттаранд, вале аз рӯйи алоқамандии худ то андозае функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро низ тавсиф мекунанд[39]. Функсияи тарбиявӣ яке аз функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, ки ба ирода ва шуури одамон бо мақсади дар онҳо ташаккул додани муносибатҳои равонӣ ва самтҳои арзишӣ ба рафтори қонунӣ, тарбия намудани ҳисси эҳтиром ба қонун, баланд бардоштани нуфузи қонун, ғояҳои инсондӯстӣ, адолат, демократия, афзалияти ҳуқуқ ва озодиҳои шахс, волоияти қонун дар низоми ҳуқуқро тарғиб мекунанд[40].

Функсияи тарбиявӣ дар ҳуқуқи маданӣ, пеш аз ҳама, дар шакли ихтиёрӣ амалӣ мешавад: дар шакли ба шахсе, ки муносибатҳои ҳуқуқии граждaниро вайрон кардааст, масалан, шартномаи хариду фурӯш, имконияти интихоби амали оқилона ва одилона дар вазъияти ҳозира. Ин барои муносибати софдилона ба иҷрои уҳдадорӣ шароит фароҳам меоварад. Функсияи тарбиявӣ, пеш аз ҳама, шакли ихтиёрӣ дошта, дар ҳолатҳои вайрон кардани муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ низ унсурҳои шакли маҷбуриро пайдо мекунад. Шакли маҷбурии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ дар ҳолатҳои вайрон кардани муносибатҳои ҳуқуқӣ ба шакли ихтиёрии он мегузарад. Шакли ихтиёрии амалисозии функсияи тарбиявии ҷавобгарии конститутсионӣ дорои проблемаҳои ҷиддӣ мебошад. Моҳияти аслии он иборат аз бо роҳи иҷрои софдилона ва одилонаи уҳдадориҳои ба зиммадошта аз сӯи раҳбарони давлативу сиёсӣ бо мақсади парвариш ва ташаккули муносибати мусбат дар шаҳрвандон нисбат ба давлат ва эҳсоси масъулиятпазирӣ дар баробари иҷрои уҳдадориҳо мебошад. Аммо мисолҳои сершумори рафтори ғайриқонунии

[36]Ниг.: Мелкумян М.Г. Асари ишорашуда. – С. 126-128.
[37]Ниг.: Мусаткина А.А. К вопросу о финансово-правовом стимулировании правомерного поведения // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. Серия: Юридические науки. – 2010.– №1. – С. 59-62.
[38]Ниг.: Мелкумян М.Г. Асари ишорашуда. – С. 126-128.
[39] Ҳамон ҷо. – С. 127-129.
[40] Ҳамон ҷо. – С. 128.

баъзе мансабдорони давлат аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар амал чунин масъулият ба хубӣ амалӣ намешавад.

Л.И. Петражитский қайд карда буд, ки ҳуқуқ ба рӯҳияи шахсият ва омма таъсири устувору пурзӯри тарбиявӣ расонида, боиси рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ матлуб ва пешгирии рафтори зиддиҷамъиятӣ мегардад, яъне одату майлҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ матлубро мустаҳкам намуда, унсурҳои ба ҳам мухолифи характерро аз байн мебарад[41]. Мавҷудияти функсияи тарбиявӣ бештар ба мавҷудияти мақсади тарбия вобаста аст, ки ҷомеаро дар назди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегузорад. Аммо фаъолияти муътадили худи ҷавобгарии ҳуқуқӣ танҳо дар натиҷаи таъсири якчанд функсияҳои он имконпазир аст. Аз ин рӯ, ҳамаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо ҳам алоқаманданд ва иҷрои як функсияро бе татбиқи функсияи дигар тасаввур кардан ғайриимкон аст[42]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ усули таҳлили сохторӣ барои омӯзиши функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ истифода мешавад. М.П. Трофимова дар сохтори функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ «субъектҳои он; объектҳои таъсир; роҳҳо ва воситаҳои иҷрои он; асосҳои воқеӣ ва расмӣ; оқибатҳои умумии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ; муносибатҳои ҳуқуқӣ; меъёрҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ»-ро мефаҳмад[43]. Ҳамин тавр, функсияи тарбиявӣ чунин унсурҳои сохториро дар бар мегирад, ба монанди объектҳои таъсир, асосҳо, воситаҳои ҳуқуқӣ, субъектҳо ва натиҷаҳои таъсир.

Мавриди зикр аст, ки функсияи тарбиявӣ ин таъсир расонидан ба ирода ва шуур мебошад. Аз ин рӯ, мантиқӣ мебуд, ки шуури ҳуқуқӣ ҳамчун шакли махсуси шуури ҷамъиятӣ ҳамчун объекти мушаххаси таъсири тарбиявӣ амал мекунад, ки дар навбати худ ба ҳадафи таҳким ва азхудкунии муқарраროти асосӣ, ташаккул додани ҳисси эҳтироми амиқ нисбат ба қонун, зарурияти қонунгузорӣ дар шуури шахс хизмат мекунад. Ба ибораи дигар, таъсир дар ин ҳолат ҳамчун эътиқоди шахсӣ, муносибати қатъӣ ба риояи қатъии нишондодҳои қонунӣ ва баъд ҳамчун эҳтиёҷоти дохилии риояи қонун амал мекунад. Аммо ин таъсир худ аз худ ба амал намеояд, балки ба амали дигар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ асос меёбад. Махсусан, амалисозии функсияи сазодиҳӣ дар натиҷаи таъсир боиси азобу уқубати маънавӣ мегардад. Тавассути ранҷу азоби маънавӣ ҳадафиислоҳи гунаҳкор ба даст меояд. Азоби маънавие, ки ба ин мавзуъ оварда шудааст, ӯро водор мекунад, ки олами ботинии худро аз нав дида барояд ва муносибатҳои зиддиҷамъиятии худро ислоҳ кунад. Ин бори дигар робитаи мутақобила ва хусусияти низомноки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро тасдиқ мекунад[44].

Функсияи тарбиявӣ на танҳо муҳим, балки бо ҳамроҳии функсияи мақсадҳои татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ дар шакли маҷбурӣ амалӣ мегардад. Тибқи қисми 2 моддаи 46 КҶ ҶТ, яке аз мақсадҳои ҷазо ислоҳи маҳкумшуда мебошад. Мақсади он безарар гардонидани ақида ва одатҳои ғайриҷамъиятии маҳкумшуда, ки таҳти таъсири онҳо ҷиноят содир намудааст, ҳамчунин ташаккул ва парвариши муносибати эҳтиромона дар шахс нисбат ба риояту волоияти қонун, ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони дигар ва меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад. Муҳим он аст, ки шахси маҳкумшуда, ки ба ҷомеа бармегардад, қонуни ҷиноятиро вайрон накунад ва қоидаҳои ҷомеаи инсониро эҳтиром намояд.

Тасвияи мафҳуми ҷазо аз нигоҳи қонунгузорӣ, ки бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва муносибат бо маҳкумшудагон мувофиқати

---

[41]Ниг.: Мелкумян М.Г. О воспитательной функции юридической ответственности // Вектор науки ТГУ. – 2010. – №3(3). – С. 128.

[42] Ниг.:Липинский Д.А. Юридическая ответственность. – Тольятти: Изд-во ВУиТ, 2002. – С. 134–149.

[43]Ниг.: Трофимова М.П. Функция юридической ответственности: автореф. дис. ...канд. юрид. наук. – Саратов, 2000. – С. 18.

[44]Ниг.: Мелкумян М.Г. Асари ишорашуда. – С. 128.

комил дорад, худ дорои аҳаммияти тарбиявӣ мебошад. Аз ҷумла он ҷавобгӯи талаботи м. 29-уми Эъломияи умумии ҳуқуқи башар мебошад, ки тибқи он ҳар як инсон дар бобати татбиқи ҳуқуқу озодиҳои худ бояд танҳо ба дараҷае маҳдуд карда шавад, ки аз тарафи қонун фақат бо мақсади таъмини эътирофу эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон ва қонеъ гардонидани талаботи одилонаи ахлоқӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва осудаҳолии умумӣ дар шароити ҷомеаи демократӣ муқаррар карда шудааст[45]. Дар ин кор ду ҷанбаро бояд дар назар дошт. Аввалан, давлат наметавонад аз номи худ бидуни зарурат ва салоҳият нисбат ба шахси ҷинояткор ҷазо муқаррар намояд ва ба мақсад мувофиқ будани чунин ҷазо аз ҳуқуқи ҷинояткор истифода барад, бинобар ин дар қонуни ҷиноятӣ як катор коидаҳое мавҷуданд, ки ҳуқуқи дар амал татбиқ нагардидани ҷазоро медиҳанд, аз ҷумла шартан татбиқ накардани ҷазо ( моддаи 71 КҶ ҶТ). Сониян, шахси гунаҳкор ҳатто баъди маҳкум шуданаш ҳам узви ҷомеа боқӣ мемонад ва тамоми дигар ҳуқуқу озодиҳои ӯ, ба истиснои ҳуқуқу озодиҳои бо ҷазои таъиншуда ба таври маҳдуд ё бекоршуда нисбат ба ӯ нигоҳ дошта мешаванд. Аз ин рӯ, азияти ҷисмонӣ, паст задани шаъну эътибори инсонӣ, нисбат ба ӯ истифода кардан аз маҳдудиятҳои ҳуқуқие, ки аз доираи чораи мукарраршуда берунанд, роҳ додан номумкин аст. Ин нишон медиҳад, ки функсияи тарбиявӣ дар таъйини ҷазо нисбат ба ҷинояткор нақши муҳим мебозад.

Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо тамоми функсияҳои дигари ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқаманд аст, зеро функсияи сазодиҳӣ, пешгирӣ, ҳуқуқбарқароркуниро бе мавҷудияти функсияи тарбиявӣ тасаввур кардан мумкин нест[46]. Ҳамаи унсурҳои мазмуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ – уҳдадорӣ оид ба рафтори ҳуқуқӣ, рафтори қонунӣ, ҳавасмандгардонӣ, уҳдадорӣ оид ба оқибатҳои номатлуб дучор шудан, маҳкум кардан, дучори оқибатҳои номатлуб шудан дорои таъсири тарбиявӣ мебошанд[47]. Дар ҳолати ҳуқуқвайронкунӣ функсияи тарбиявӣ барои ислоҳи шахсият ва сабук кардани иқтидори функсияи сазодиҳӣ пешбинӣ шудааст[48].

Як қатор муҳаққиқон қайд мекунанд, ки ба самаранокии таъсири тарбиявӣ омилҳои гуногуни иҷтимоии берунӣ, аз қабили шароити нигоҳдорӣ дар муассисаи ислоҳӣ таъсири калон мерасонад. Аксарияти кулли маҳкумшудагон аз шароити нигоҳдорӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ норозӣ ҳастанд. Дар натиҷа, шароити ғайриқаноатбахши нигоҳдорӣ дар муассисаи ислоҳӣ танҳо боиси хашму ғазаби маҳкумшудагон мегардад ва онҳо хашмро ба омилҳое марбут медонанд, ки дар оянда онҳоро ба ҷинояти нав водор мекунанд. Маҳз мавҷудияти ҳолати мазкур сабаб мешавад, ки ҷазо аз мақсади ислоҳнамоии худ берун барояд[49]. Мутобиқати функсияи сазодиҳӣ ба меъёрҳои қонуният барои амалисозии самараноки функсияи

---

[45] Ниг.: Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. – Душанбе, 2016. – С.64.

[46] Ниг.: Липинский Д.А. Регулятивная функция конституционной ответственности // Конституционное и муниципальное право. – 2003. – №4. – С. 21–24.; Липинский Д.А. Соотношение функций права и функций юридической ответственности // Правоведение. – 2004. – №3. – С. 144-145.; Липинский Д.А. Карательная и восстановительная функции налоговой ответственности // Юрист. – 2003. – №8. – С. 35-39.; Липинский Д.А. Регулятивная и превентивная функции дисциплинарной ответственности // Трудовое право. – 2003. – №4. – С. 30–33.

[47] Ниг.: Мелкумян М.Г. Взаимодействие воспитательной функции юридической ответственности с регулятивной, превентивной и карательной функцией // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. 2014. – №1(16). – С. 55.

[48] Ниг.: Мусаткина А.А. О воспитательной и превентивной функциях финансовой ответственности // Право и образование. – 2005. – №3. – С. 164–171.; Мусаткина А.А. Признаки финансово-правовых санкций // Финансовое право. – 2004. – № 1. – С. 25–28.

[49] Ниг.: Липинский Д.А. Соотношение функций и целей уголовной ответственности // Уголовное право. – 2004.–№2. – С.40–42.; Липинский Д.А. Регулятивная и превентивная функции дисциплинарной ответственности // Трудовое право. – 2003. – №4. – С. 30–33.

тарбиявӣ замина фароҳам меорад. Агар ҷазо ба қонун мувофиқат накунад, дар он сурат иҷрои самарабахши функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқиро тасдиқ кардан мумкин нест, зеро он аз ҷониби субъект беадолатона қабул карда мешавад, ё барои расидан ба ҳадафҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ кофӣ нест, зеро хусусияти таъсири тарбиявӣ ба намуди чораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва давомнокии татбиқи он алоқаманд аст[50].

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст, ки функсияи тарбиявӣ дар ҳама шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар татбиқи ҷазо, ҳолатҳои сабуккунанда, вазнинкунанда ва дигар чораҳои хусусияти тарбиявидошта ифода мегардад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии маданӣ дар иҷрои уҳдадориҳои тарафайн аксаран дар шакли ихтиёрӣ амалӣ карда мешавад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии маъмурӣ дар татбиқи ҷазои маъмурӣ ифода меёбад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии интизомӣ дар санадҳои муассисавӣ бештар инъикос гардида, дар амалигардонии муносибатҳои интизомӣ ифода мегардад. Шакли ихтиёрии амалисозии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шакли рафтори қонунӣ зоҳир мегардад, ки ба ислоҳи маҳкумшуда, барқарор намудани муносибатҳои иҷтимоии вайроншуда нигаронида шудааст. Амалан ҳама унсурҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъсири тарбиявӣ доранд. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои таъмини ноил шудан ба ҳадафи бунёди давлати ҳуқуқии демократӣ тавассути ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҳама субъектҳо пешбинӣ шудааст.

**Адабиёт:**


1.Алексеев С.С. Механизм правового регулирования в социалистическом государстве. – М., 1966.

2.Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ...д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 413 с.

3.Боронбеков С. Шариат: его место и роль в формировании климата доверия, толерантного сознания и борьбе с экстремизмом в российском обществе. – Рязань, 2004.

4.Буриев И.Б. Действие мусульманского права в дореволюционном Таджикистане (VIII – начало XX вв.). – Душанбе, 1999.

5.Варул П.А. Методологические проблемы исследования гражданско-правовой ответственности. – Таллин, 1986.

6.Зокирзода З.Х. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Шарипов Т.Ш. – Душанбе: Нашри мубориз, 2021. – 196 с.

7.Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 176 с.

8.Зокирзода З.Х., Муқимов Д.С., Алиев И.И. Масъалаҳои асосии мақсади ҷазо дар сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 6. – С. 218–225.

9.Иванов А.А. О воспитательной функции юридической ответственности в современном российском обществе // Вектор науки ТГУ. – 2012. – №3(21). – С. 138-140.


[50]Ниг.: Мелкумян М.Г. Асари ишорашуда. – С. 54–57.

10.Иванов А.А. Цели юридической ответственности, ее функции и принципы // Государство и право. – 2008. – №6. – С.52– 67.

11.Кархалев Д.Н. Ответственность по гражданскому праву. – Уфа, 2001. – С.3 –14.

12.Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон. – Душанбе, 1961.

13.Куканов А.З. Мафҳум ва таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – №3 (27). – С. 34 - 46.

14.Липинский Д.А. Карательная и восстановительная функции налоговой ответственности. // Юрист. – 2003. – №8. – С. 35-39.

15.Липинский Д.А. Регулятивная и превентивная функции дисциплинарной ответственности // Трудовое право. – 2003. – №4. – С. 30–33.

16.Липинский Д.А. Юридическая ответственность. – Тольятти: Изд-во ВУиТ, 2002. – С. 134–149.

17.Липинский Д.А. К вопросу о структуре института юридической ответственности // Вектор науки Тольттинского государственного университета. – 2009. – №6. – С. 62–67.

18.Липинский Д.А. Об уголовно-процессуальной ответственности // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. – 2010. – №3. – С. 254 – 265.

19.Липинский Д.А. Регулятивная функция конституционной ответственности // Конституционное и муниципальное право. – 2003. – №4. – С. 21–24.

20.Липинский Д.А. Соотношение функций и целей уголовной ответственности // Уголовное право. – 2004.–№2. – С.31–42.

21.Липинский Д.А. Соотношение функций права и функций юридической ответственности // Правоведение. – 2004. – №3. – С. 141-149.

22.Лучков В.В. Юридическая ответственность в механизме правового регулирования: автореф. дис. ...канд. юрид. наук. – Казань, 2004. – 24 с.

23.Малышев А.Н. Конфискация имущества в уголовном праве: дис. … юрид. наук. – М., 2010. – 196 с.

24.Мелкумян М.Г. Взаимодействие воспитательной функции юридической ответственности с регулятивной, превентивной и карательной функцией // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. – 2014. – №1(16). – С. 51–57.

25.Мелкумян М.Г. К вопросу о структуре воспитательной функции юридической ответственности // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. – 2014. – № 1 (16). – С. 120-128.

26.Мелкумян М.Г. О воспитательной функции юридической ответственности // Вектор науки ТГУ. – 2010. – №3(3). – С. 121-129.

27.Мусаткина А.А. К вопросу о финансово-правовом стимулировании правомерного поведения // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. Серия: Юридические науки. – 2010. – № 1. – С. 51-62.

28.Мусаткина А.А. О воспитательной и превентивной функциях финансовой ответственности // Право и образование. – 2005. – №3. – С. 160–171.

29.Мусаткина А.А. Признаки финансово-правовых санкций // Финансовое право. – 2004. – № 1. – С. 21–28.

30.Ной И.С. Вопросы теории наказания в советском уголовном праве. – Саратов. Изд. Саратовск «Ун-та», 1962.

31.Ной И.С. Сущность и функции уголовного наказания в Советском государстве. – Саратов: Изд-во Саратовского государственного университета, 1973.

32.Перлов И.Д. Исполнение приговора в советском уголовном процессе. – М., 1963.

33.Проблемы общей теории права и государства // Под общ. ред. В. С. Нерсесяна. – М., 2005.

34.Репетева О.Е. Гражданско-правовая ответственность за трудовые, семейные, экологические правонарушения // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. Серия: Юридические науки. – 2010. – № 1. – С. 53–75.

35.Собчак А.А. О некоторых спорных вопросах теории правовой ответственности // Правоведение. – 1968. – №1. – С.34 - 51.

36.Сорокин В.В. Цель и функции юридической ответственности // Law Enforcement Review. – 2018. – Vol. 2. – No. 1. – С. 21 -28.

37.Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2014.

38.Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2003.

39.Стручков Н.А. Уголовная ответственность и ее реализация в борьбе с преступностью. – Саратов, 1977.

40.Теория государства и права: учебник для вузов // Отв.ред. В.Д. Перевалов. – М., 2004.

41.Ткачевский Ю.М. Советское исправительно-трудовое право. – М., 1971.

42.Трофимова М.П. Функция юридической ответственности: автореф. дис. ...канд. юрид. наук. – Саратов, 2000.

43.Хачатуров Р.Л. Антология юридической ответственности. – Самара: Ас Гард, 2012.

44.Хачатуров Р.Л., Липинский Д.А. Общая теория юридической ответственности. – СПб.: Пресс, 2007.

**Азиззода У.А., Алиев И.И.**

**Фишурда**

**Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ**

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқшиносӣ – амалисозии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бахшида шудааст.Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз функсияҳои муҳиме мебошад, ки дар як вақт бо функсияҳои сазодиҳӣ, ҷаримавӣ, пешгирӣ ва ҷубронсозӣ амалӣ карда мешавад. Амалан, ҳама унсурҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъсири тарбиявӣ доранд. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои таъмини ноил шудан ба ҳадафи бунёди давлати ҳуқуқии демократӣ тавассути ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҳама субъектҳо пешбинӣ шудааст. Ҳамагуна ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷазои ҷиноятӣ дорои мақсадҳоиислоҳнамоӣ ва тарбиявӣ мебошанд.

**Азиззода У.А., Алиев И.И.**

**Аннотация**

Вос**питательная функция юридической ответственности**

Данная статья посвящена одному из актуальных вопросов юриспруденции – реализации воспитательной функции юридической ответственности. Воспитательная функция правовой ответственности является одним из важных функций, которая реализуется одновременно с карательными функциями штрафов, профилактика и компенсации. Практически, все элементы юридическая ответственности имеют воспитательный эффект. Воспитательная функция юридической ответственности предназначено для обеспечения достижения цели построения демократического правового государства, путем формирования правовой культуры во всех субъектах. Любая юридическая ответственность, в том числе уголовная, имеет исправительные и воспитательные цели.

**Azizzoda U.A., Aliev I.I.**

**The summary**
**The educational function of legal responsibility**

This article is devoted to one of the topical issues of jurisprudence – the implementation of the educational function of legal responsibility. The educational function of legal responsibility is one of the important functions that is implemented simultaneously with the punitive functions of fines, prevention and compensation. Practically, all elements of legal responsibility have an educational effect. The educational function of legal responsibility is intended to ensure the achievement of the goal of building a democratic rule of law, through the formation of a legal culture in all subjects. Any legal liability, including criminal liability, has correctional and educational purposes.

**Муқарризи мақола Раҳмон Д. С. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.**

**ВБД: 341. 4 (575. 3)** **Розиқзода Д. З.***

# ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ АМАЛИСОЗИИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқэҷодкунӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, сиёсати ҳуқуқӣ, сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ, ҳуқуқи инсон, мақомоти қонунбарор, низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, илмҳои ҳуқуқшиносӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, шаклҳои амалисозии сиёсати ҳуқуқӣ.

**Ключевые слова:** правотворчество, правотворческая деятельность, правовая политика, правозащитная политика, права человека, законодательные органы, система нормативных правовых актов, юридические науки, правовые нормы, формы реализации правовой политики.

**Keywords:** law-making, law-making activity, legal policy, human rights policy, human rights, legislative bodies, system of normative legal acts, legal sciences, legal norms, forms of implementation of legal policy.

Сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ аз зумраи масъалаҳои марказии илми назарияи давлат ва ҳуқуқ дар замони муосир ба ҳисоб рафта, тавассути шаклҳои мухталиф ба амал бароварда мешавад. Яке аз шаклҳои амалисозии сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ - ин фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад.

Барои дарки дурусти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ зарур аст, ки мафҳум ва намудҳои он мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Доир ба масъалаи мавриди назар дар байни олимону муҳаққиқон андешаву назари яксон вуҷуд надорад. Муҳаққиқи ватанӣ Э.С. Насриддинзода ишора менамояд, ки “ҳуқуқэҷодкунӣ ин пеш аз ҳама фаъолияти мақомоти давлатӣ дар қабул кардан, тағйир додан ва бекор намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад”[51]. Р.Ш. Шарофзода бошад, онро дар чунин шакл маънидод менамояд: “Ҳуқуқэҷодкунӣ – фаъолияти субъектони босалоҳият

*Ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; **E-mail:** rozikov_9999@mail.ru; **Тел.:** (+992) 900010122.

[51]Ниг.: Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Нашри 2-юм. – Душанбе: Адиб, 2022. – С. 129.

мебошад, ки бо мақсади қабул, тағйир ва қатъи муқарраротӣ меъёрии ҳуқуқӣ, эътирофи талаботи фитрӣ-ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад”[52].

Бояд ишора намуд, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ)мафҳуми “фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ” ба таври расмӣ шарҳ дода шудааст, ки мутобиқи он “фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ – фаъолияти расмии субъекти ҳуқуқэҷодкунанда оид ба таҳия, қабул, интишор ва қатъи амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” мебошад[53].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса кард, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ин фаъолияти субъектони салоҳиятнок буда, ҳадаф ва мақсади онҳо таҳия, қабул, интишор, тағйир ва қатъи амали санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки рушди устувори самтҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҳар як ҷомеа аз самаранокии сиёсати ҳимояи ҳуқуқии давлат ва шаҳрвандони он вобастагӣ дорад. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар, бе таъмини сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ, волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст. Сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ дар ҷомеа бо истифода аз чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, мафкуравӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ ва инкишофи минбаъдаи онҳо роҳандозӣ мешавад. Сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ тавассути стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои татбиқи ҳуқуқ амалӣ карда мешавад. Маҳаки муҳимми сиёсати ҳимояи ҳуқуқиро арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи онҳо, гуногунандешагии сиёсӣ, баробарии шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, рақобати озод дар иқтисодиёт ташкил медиҳанд. Аз нигоҳи муҳаққиқон, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳои қабулгашта на ҳама вақт самаранок амал менамоянд. Дар натиҷа ҳадафҳои дар назди онҳо ҳангоми қабул гаштанашон гузошташуда иҷро намегарданд, ки боиси ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид намудани тағйиру иловаҳои зиёд ё дар таҳрири нав қабул кардани онҳо мешаванд. Аз ин ҷо, дар оянда зарурияти таъмини натиҷанокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалисозии сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ ба миён меояд[54].

Аз ин рӯ, барои бапуррагӣ иҷро гардидани барномаҳои зикршуда, дар чунин шароит стратегияи ба мақсад мувофиқи ҳуқуқэҷодкунӣ, сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ ва татбиқи он бо дар назар доштани ҳалли вазифаҳои дарозмуҳлат дар соҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигари қонунгузорӣ бояд амалӣ карда шаванд. Вобаста ба ин, инкишофи минбаъдаи қонунгузории кишвар бояд тибқи консепсияи ягонаи сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ, ки дурнамои инкишофи онро Конститутсияи ҶТ муайян менамояд, сурат гирад[55].

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҶТ бо мақсади эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба роҳ монда мешавад. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мақсаду мазмуни қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии ҶТ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии ҳамаи субъектҳои

---

[52]Ниг.: Шарофзода Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: Сино, 2023. – С. 431.

[53]Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, таҳти №1414. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/. (санаи муроҷиат: 15.04.2023)

[54] Ниг.: Раҳимзода М.З. Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ // Садои мардум (нашрияи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон), – №38 (3675) аз санаи 11 апрели соли 2017.

[55] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/. (санаи муроҷиат: 17.04.2023)

**Ключевые слова:** Национальный лидер, президент, мир и единство, государственная независимость, единство, гражданская война, разделение государственной власти, законодательная власть, исполнительная власть, судебная власть, государственное управление, конституционные ценности, демократические институты, многопартийность.

**Keywords:** National leader, president, peace and unity, state independence, unity, civil war, division of state power, legislative power, executive power, judicial power, public administration, constitutional values, democratic institutions, multi-party system.

Дар таърихи давлатдории кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон шахсиятҳои таърихӣ ва барҷаставу номбардоре вомехӯранд, ки онҳо дар марҳилаву вазъиятҳои барои кишварашон тақдирсоз ба арсаи сиёсат омада, суботу осоиштагӣ ва роҳи рушди минбаъдаи кишвари худро муайян намуда, дар волоияти меҳнаташон нақши абадӣ гузоштаанд. Яке аз чунин шахсиятҳои барҷаста Ҷорҷ Вашингтон Президенти ШМА мебошад, ки то имрӯз мардуми ин давлат ба эҳтироми ӯ зодрӯзашро ҳамчун рӯзи Президент ҷашн мегиранд.

Пойдориву пешрафти давлати соҳибтамаддуни тоҷикон низ ба шахсияти роҳбари он пайванди ногустастанӣ доранд. Чунки таъсиси мансаби президентӣ барои пойдориву мустаҳкамшавии ҳокимияти давлатӣ нақши аввалиндараҷа дорад[78].

Новобаста аз таърихи наонқадар тӯлонӣ доштани таъсиси ин ниҳоди давлатӣ, ҳамчун ҷузъи муҳимтарини бунёду инкишофи давлату миллати шарифи кишвар ба шумор меравад. Дар ин робита М.С. Имомзода дуруст қайд менамоянд, ки «Китоби таърихи миллати мо хокӣ аз он аст, ки дар ҳама давраҳои таърихӣ бештар бо надоштани лидерҳои тавоно бо шикастҳо ва парешониҳо мувоҷеҳ гардидааст. Дар аҳди Сомониён миллати тоҷик тавониста буд, ки дар атрофи давлати миллии хеш муттаҳид гардад. Баъдан ин имкону муҳити давлатдорӣ тӯли қарнҳо имконнопазир гардид. Ҳокимиятхоҳон дар масири таърих кам набудаанд,

---

*Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Тел.:** (+992) 904-23-88-88. **E-mail:** sulaymonzoda.m@gmail.com

[78]Ниг.: Сайфиддинов А.А. Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақвияти соҳаи хизмати давлатӣ// Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳомии Конститутсия ва қонунҳо.-Душанбе,2010.- С.71.

аммо ҳунару сифати пешвоӣ дар тинати онҳо кам буд, ё набуд. Ҳамин буд, ки тоҷик марзу буми худро аз даст медод. Баъди ҳазор сол тоҷик аз нав истиқлол ба даст овард ва бо роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон асосҳои давлати миллиро бунёд ва пойдор гардонид»[79]. Дар воқеъ, дастовардҳои истиқлоли давлатӣ бо талошҳо ва корнамоиҳои беназири Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавъам мебошанд, ки дар тӯли зиёда аз 30 сол инкишофи босуръат, зиндагии шоиста, шароити хубу арзанда, оромиву осудагӣ, Ваҳдати комили миллӣ ва ягонагиву муттаҳидиву сарҷамъиро барои ҳар фарди миллат ҳадя намуд.

А. Холиқзода дар бораи хизматҳои Пешвои миллат чунин менависад: «Дуруст аст, ки инъикоси симои шахсе, ки халқи беш аз ҳазор сол аз саҳнаи таърих дурафтодаро аз сари нав хамчун миллати соҳибдавлат ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ворид кардааст, халқи гирифтори гирдоби нобудиро наҷот додааст, инъикоси симои инсоне, ки миллатро дар кӯтоҳтарин замон аз вартаи ҷанги шаҳрвандӣ раҳонидааст, тасвири корнамоии фарзанди миллат, ки ҷон дар кафи даст душманонро ба оғуш кашида, ҷинояткоронро авф карда, гурезаҳоро ба Ватан баргардонида, ба миллати мотамзада ваҳдат, сулҳу субот, амният оварда, ҳама доройӣ, кудрат ва сиёсатро дар хизмати инсон вогузор намуда, пояи давлатдориро аз сифр, низоми молияро аз хазинаи холии ба ғоратрафта, лашкарро бо сарфармондеҳони кироя, ҳуқуқро бо ғояҳои анъанавию миллӣ, тарҳрезӣ намуда, оби наҷотбахши озодиву соҳибдавлатиро барои ташнагони беш аз ҳазорсола эҳдо, садои модари тоҷикро ҳамчун модари миллати соҳибдавлат то ба созмонҳои байналмилалӣ расонида, мардуми парешонро атрофи дастархони миллат муттаҳид карда, дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлатеро бо номи Тоҷикистон сабт намудааст».[80]

Албатта, гуфтаҳои олимони ватанӣ дар симои шахсе, ки миллати бесарпаноҳро соҳибдавлат намудаву аз дасту чашми ноумедиҳо раҳонидааст, дар таърихи кишвардори абарқудрати ҷаҳонӣ ками дар кам дида мешавад, аз ин ҷост, ки корнамоиҳои Пешвои миллат тамоми самтҳои таҳқиқоти соҳавиро, аз қабили сиёсиву фалсафӣ, филологиву сотсилогӣ, таърихиву ҳуқуқӣ ва ғайраро фаро мегиранд.

Оғози давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба давраи мураккабу душвори гузариши кишвар аз як сохт ба сохти дигари ҷамъиятӣ рост омада буд. Яъне, дар ин айёми басо ҳассос ва тақдирсоз Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи ташаккули давлатдории нав, шароити сангини ҷанги шаҳрвандӣ, харобиҳои баъд аз ҷанг ва душвориҳои дигарро паси сар мекард. Охирҳои соли 1985 ва аввалҳои соли 1992 буд, ки шиорҳои ошкорбаёнӣ ва озодӣ аз ҷониби роҳбарони собиқ Шӯравӣ оғоз шуд ва Тоҷикистонро ба сӯи шинохти миллатсозӣ бо тарзу муносибатҳои ноустувор равона мекард. Ин маҷроҳои ноҳамвору бесубот зери сарпарастии бегонаситезон кишварро рӯз то рӯз ба самти норушан ва ноором кашондан мегирифтанд ва кор ба ҷое расид, ки ҷони зиёда аз ҳазор шахс талаф ёфт ва миллионҳо хисороти иқтисодӣ бар ҷой гузошт. Талошҳои гурӯҳҳои сохта барои озодӣ ва ҳувиятсозӣ вазъияти кишварро боз ҳам ваҳмтару ваҳшатноктар мекард ва мардумро ба тарафи парокандагӣ ва ҷудоихоҳӣ мебурд. Вазъият ба ҷое расида буд, ки дар ҷомеа ноадолатиҳои иҷтимоӣ афзудан мегирифт ва ноилоҷ бисёре аз мардум ба сӯи кишварҳои ҳамсоя муҳоҷират карда, хонаву маҳалли сукунати худро тарк карданд[81]. Тавре коршиносон мегӯянд: «Ҷанги шаҳрвандӣ наметавонад

---

[79]Ниг.: Имомзода М. С. Ҳамнавои дили халқ (Маҷмуи мақолаҳои публитсистӣ). -Душанбе: ЭР-граф,2022.-С.64-65.
[80]Ниг.: Холиқзода А.Ғ. Пешво ва оини давлатсозӣ.-Душанбе:Дониш.-2021.-С.26-27.
[81]Ниг.: Раҳмонов М. Президенти Тоҷикистон бунёдгузори давлатдории миллӣ ва ҳомии истиқлолияти кишвар //Рушди давлатдории миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ– Душанбе: Абдураҳмон-Р, 2021. – С.143.

шукуфой ва сулҳ оварад», ё худ натиҷаи он низоъҳои дохилии сиёсӣ буд, ки боиси вайрон гардидани асосҳои сохтори давлатӣ, аз байн бурдани зиёда аз 157 ҳазор нафар ҷони одамон, зиёда аз 10 миллиард доллари ШМА хисороти молу мулкӣ, бештар аз 50 ҳазор нафар кудакон бе парастории падару модар мондаанд[82].

Ба бахти тоҷику тоҷикистониён Эмомалӣ Раҳмон, сарфи назар аз ҷавонии худ, дар ҷодаи сиёсат аз ин ҳодисаву воқеаҳо дар душвортарин шароиту вазъият бо сарбаландӣ берун омаданд.

Дар баробари ин, соли 1994 ба хотири раҳонидани миллату давлати тоҷик аз хатари нестшавӣ, фароҳам овардани шароит барои зиндагиву фаъолият дар фазои сулҳу амният ва осудагиву субот дар саросари Тоҷикистон, ба ҳам овардани миллати пароканда, даст ѐфтан ба ваҳдату ҳамбастагии доимӣ ва рушду тараққии соҳаҳои ҳаѐтан муҳими ҷомеа, бавижа илму фарҳанг, маориф, сиёсат, иқтисодиёт ва ғайра дар нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки аз ҷониби халқ қабул карда шуд, Тоҷикистон аз шакли идории парламентӣ ба шакли ҷумҳурии президентӣ гузашт. Дар ҳамин сол, дар марҳилаи ниҳоят ҳассоси таърихӣ, ки давлату миллати тоҷик ба сарваре ҷасур ва хирадманду дурандеш ниёз дошт, интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) баргузор гардид ва дар ин интихобот муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз миёни дигар номзадҳо пирӯз омада, Президенти ҶТ интихоб шуданд[83].

Ҷаҳон медонад, ки ҷанги шаҳрвандӣ бо ҷонбозӣ ва заҳмати шабонарӯзии фарзанди хирадманди диёр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хотима ёфт, фазои оромиву осудагӣ фароҳам омад. Фазое фароҳам омад, ки мардуми Тоҷикистон бо ақлу неруи тоза суйи созандагию бунёдкорӣ қадам заданд[84].

Дар ин росто, З. Ализода менависад, «…баъди Сарвари давлат интихоб шудан, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври қатъӣ иброз намуданд, ки мақсади мо бунёди давлати демократии дунявӣ ва ҳуқуқбунёд аст. Ин роҳи мост ва мо ҳеҷ вақт аз ин роҳ намегардем. Ин изҳороти роҳбари ҷавон ва тозаинтихоби Тоҷикистон ба дили мардуми кишвар шӯълаи умедро бедор кард, онҳо ба ояндаи Тоҷикистони озоду демократӣ, дунявию ҳуқуқбунёд ва ободу пешрафта боварӣ ҳосил карданд ва он халқи «роҳгумкарда» - и мамлакатро дар атрофи Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид кард».[85]

Воқеан, новобаста аз роҳи ноҳамвори таърихии миллат, мо тавонистем зери роҳбарии шахсияти оқилу доно онро сипарӣ намоем, ки моҳият ва чавҳари онро метавон хамчун давраи пурпечутоби имтиҳон, дарку ҳазми мафҳум ва моҳияти истиқлолият, кашмакашу нофахмиҳои миёни неруҳои мухталифи иҷтимоиву сиёсии ҷомеа, ки нуқтаи олии он - ҷанги дохилии кишвар буд ва боз ба сӯи ҳамдигар дароз кардани дасти дӯстиву ҳамдигарбахшии тарафҳои мухолиф, тақвияти давлату давлатдорӣ, рӯ ба рӯ бо мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ қарор доштани миллат ва ҳалли батадриҷу боэътимоди ин мушкилот эътироф намуд. Ҳамчунин, қобили зикр аст, ки дар ин роҳи басо душвор шуҷоату ҷасорати нотакрор доштани Эмомалӣ Раҳмон, заковати азими мардумпарваронааш,

---

[82]Ниг.: Сафолзода М. К. Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон и Государственная независимость Республики Таджикистан// Известия Академии наук Республики Таджикистан.- №4 (265).- 2021.- С- 72.

[83] Ниг.: Комилзода Ш., Назрӣ Ф. Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: сенарияи намунавии таҷлили ҷашн / муҳаррир М. Муродӣ. – Душанбе: Аржанг, 2018.-С-4.

[84] Ниг.: Саъдизода Ҷ., Муминзода М.Н. Иҷлосияи тақдирсози миллати тоҷик // Иҷлосияи XVI Шурои Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату хукуки миллии тоҷикон: монография – Душанбе: Балоғат, 2023.- С.117.

[85] Ниг.: Ализода З. Нақши Эмомалӣ Раҳмон - дар таҳия, қабул ва рушди Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол // Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи конференсияи ҷумҳурявии илмию назариявӣ. – Душанбе, 2023.-С.18.

ватанпарастӣ ва миллатдӯстиаш боиси он гардид, ки ӯ ҷони хешро ба гарав монда барои таъмини ваҳдат ва барқарории сулҳ дар Тоҷикистон сафарҳои пурхатар намуда, сулҳу ваҳдатро дар кишвар барқарор намуд.

Дар баробари ин, мардуми шарафманди кишвар дарк менамуд, ки маҳз ҳамин марҳила бештар аз ҳама давру замонҳо аз мардум ақли солим ва хиради бунёдкоронаро тақозо намуда, шадидан зарурати ба даст гирифтани ҷилави корҳои идораи давлат ва ҷомеаро аз ҷониби сарваре, ки аз ҷасорату матонат, дили софу нияти пок, муҳаббату садоқат ба Ватан, миллат ва мардум бархурдор бошад, ба миён гузошт, зеро дар солҳои аввали касби истиқлолият халқи тоҷик душвортарин ва фоҷианоктарин давраи таърихии хешро ба сар мебурд. Бо дарк ва эҳсоси масъулияти таърихии дар ҳамон рӯзҳои воқеан ғайримуқаррарӣ ва фавқулодда муҳим иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии ҶТ, ки ҳамчун руйдоди сиёсии наҷотдиҳандаи миллат аз вартаи нобудӣ ва ифтитоҳбахши сулҳу субот, оромӣ ва рушду такомули ҷомеа этироф шудааст, ҷилави корҳои идораи давлати фалаҷгашта ва харобгардидаро ба ихтиёри раиси нав интихобшудаи Шурои Олии ҶТ Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов во гузошт. «Маҳз бо заҳмату талошҳои пайгиронаи Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар интиҳои асри XX аз фоҷиаи миллӣ раҳоӣ ёфта, истиқлолияти давлатии худро таҳким бахшид ва миллати тоҷик баъд аз ҳазорсола дар роҳи эҳёи давлатдории миллӣ ба дастовардҳои бузурги таърихӣ ноил гардид ва имрӯз ба суйи ояндаи нек устуворона қадам мегузорад».[86]

Барҳақ, расидан ба сулҳ кори басо душвор ва ниҳоят мураккаб буд. Баъд аз анҷоми Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шурои Олии Тоҷикистон, Раиси навинтихобшудаи Шурои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон тамоми қувва ва иродаю имконияти хешро барои таъмини сулҳ, баргардондани муҳоҷирин ба Ватан ва шурӯъи музокирот бо мухолифини собиқ равона намуд. Иқдоми Эмомалӣ Раҳмон аз ҷиҳати методологӣ дорои аҳамияти ниҳоят бузург буд, зеро ӯ миллатро ба ғолибу мағлуб ҷудо накард ва савганд хурд, ки вазифааш аз он иборат аст, ки охирин шаҳрванди фирории Тоҷикистонро ба Ватан баргардонад, миллатро сарҷамъ намуда, ҳама дар якҷоягӣ дар заминаи Ваҳдати миллӣ Тоҷикистони соҳибистиқлолро созанд. Бо ин изҳороти худ сарвари давлат аз ибтидо дарҳоро барои музокира кушод ва ин заминаи бисёр муҳим барои дар оянда шурӯъ шудани музокироти байни тоҷикон гардид[87].

Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз оғози давраи фаъолияти сиёсиаш фазои холии идеологӣ, сиёсатҳои бепояи нобаҳангом, ваҳшонияти сиёсиву қатлу куштор, радикализми сиёсӣ ва иқтисодӣ, буҳрони маънавӣ, хурофоту мавҳумпарастиро аз сабабҳои аслии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ номида, азми худро барои бунёди давлати демократии дунявӣ ва ҳуқуқбунёд, сарҷамъии миллат ва барқарории сулҳу ризоияти миллӣ дар кишвар баён дошт. Х.Ҳамидов қайд менамояд, ки 19 ноябри соли 1992, ки рӯзи интихоби сарвари нави давлати тоҷикон аст, чархи таърихи миллатро аз ноумедӣ ба умед, аз ҷаҳолат ба нур, аз ғафлат ба хирад, аз харобкорӣ ба созандагӣ, аз куштору ғорат ба меҳру шафқат, аз беадолатӣ ба адлу инсоф, хулоса ба сӯи хубиву накукорӣ гардон намуд. Воқеан, хар гоҳ агар мо фаъолияти Сарвари давлатро дар тули солҳои сипаришуда аз сари инсоф мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем, хоҳем дид, ки маҳз аз баракати роҳбариву сиёсати ин фарзанди фарзонаи миллат ҳам бино ниҳодани давлат, ҳам ба таври мушаххас муайян карда шудани услуби давлатдорӣ, ҳам поягузории соҳаҳои ҳуқуқи муосир ва ҳам таъсиси дастоҳи нави давлатии қодир ба хизмати мардум амалан сурат

[86] Ниг.: Шарифзода А., Фаттоев С. Эмомалӣ Раҳмон поягузори сулҳ ва вахдати миллӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1996-1999).- Китоби дуюм. -Душанбе: Ирфон, 2011.- С-144.

[87] Ниг.: Ваҳдат. Давлат. Президент.- Ҷилди VI. – Душанбе, 2007. - С.76.

гирифт[88]. Воқеан, дар он марҳилаи ҳассоси таърихӣ, ки кишвар ба вахдату сарҷамъӣ ниёз дошт, низоми идоракунии Президентӣ маҳз бо мақсади пурзӯр намудани ҳокимияти ичроия, баланд бардоштани самаранокии он, кабули фаврии қарорҳои идорӣ, такмили механизми иҷрои қонунҳо, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ҷорӣ карда шуд. Он як интихоби огоҳона буда, махсули сабақҳои таърихӣ ва натиҷагириҳо аз самараи фаъолияти давлатдории гузашта ва имрӯзаи мо ба ҳисоб меравад.

Интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми Президенти ҶТ ба ин ниҳоди давлатӣ рӯҳ ва маънои бузург бахшида, мақоми Президентиро ба як ниҳоди наҷотдиҳандаи давлат ва сарҷамъии миллат табдил дод. Маҳз ба Эмомалӣ Рахмон муяссар гашт, ки тамоми таҷрибаи таърихию байналмилалӣ ва ҳукукию сиёсии ниҳоди Президентиро истифода намуда, ин тарзи давлатдориро ба модели наҷоти миллии мо табдил дихад. Илова бар ин фаъолияти Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Президенти ҶТ ин тарзи идоракунии давлатиро такмил дода, дар меҳвари он мактаби нави давлатдории миллии тоҷиконро ба вучуд овард, ки имрӯз бо бартарию хусусиятхои худ эътирофи байналмилалро касб намудааст.

Хушбахтона, гузаштан ба низоми Президентӣ на танҳо боиси наҷоти давлату миллат, балки омили рушди устувори тамоми соҳаҳои муҳимми давлативу идорӣ гардид. Таъсиси ниҳоди президентӣ марҳилаи нави рушди давлатдорӣ маҳсуб ёфта, дар роҳи тасдиқи унсурҳои таҷзияи ҳокимияти давлатӣ қадами устувор гардид.

Созмони қолаби ҷадиди идораи давлатӣ дар Тоҷикистон бо сарварии Президент бо чанд омили вокеӣ ва зеҳнӣ муайян мегашт. Пеш аз ҳама, зарурати пурзӯр намудани ҳокимияти иҷроия, баланд бардоштани самаранокии он, қабули фаврии карорҳои идорӣ, такмили механизми ичрои қонунҳо, тақвияти интизоми давлатӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ аз ҷумла онҳо мебошанд. Ҷорӣ гаштани мансаби президент ба унсурҳои идора таҷҳиз бахшида, шароиту имконоти мусоидро барои рушди устувори Тоҷикистон фароҳам овард[89].

Ба ақидаи мо омилҳои асосии ташкили шакли идораи президентӣ чунинанд: таъсири ниҳодҳои деморкатӣ дар давлат, аз ҷумла таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва таъмини мувозинат ва боздорӣ, барҳамдиҳии низоми яккаҳизбӣ ба бисёрҳизбӣ, муътадил намудани вазъияти сиёсии кишвар, фароҳам овардани шароити иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар давлат ва таъсиси давлати дунявӣ[90].

Ҳамин тавр, дар таърихи давлати сохибистиқлоли мо мафҳуми “Пешвои миллат” бо шахсияту хизматҳои бузурги муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамсадо гашта, пайванди ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ. дар “Рӯзи Президент” бе ихтиёр шахсияти таърихии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Рахмон ва заҳматҳои бузурги ӯ дар роҳи наҷоти давлату миллат пеши рӯй меоянд. Имрӯз мардуми Тоҷикистон ба Эмомалӣ Раҳмон на ҳамчун ба Сарвари давлат, балки ҳамчун ба як наҷотбахши давлат, сарҷамъкунандаи миллат, кафили сулҳу ваҳдат, эҳёгари фарҳанги миллӣ, бунёдгузори мактаби давлатдории муосири миллӣ ва дар маҷмӯъ, ҳамчун меъмори давлатдории навини тоҷикон ва пешвои эътирофшудаи умумимиллӣ менигарад. Маҳсули заҳматҳои шоистаи Пешвои миллат дар он аст, ки кишвари мо дар масири зиёда аз 30 соли истиқлолияти давлатӣ ба сулҳу ваҳдати миллӣ расид ва таҷрибаи сулҳи тоҷикон минбаъд, ҳамчун таҷрибаи нодири расидан ба сулҳу субот

[88] Ниг.: Ҳамидов Х. Президент Э.Ш. Раҳмонов – бунёдгузори давлати муосири тоҷикон. - Душанбе: Қонуният, 2006.- С-7.
[89] Ниг.: Раззоқов Б.Ҳ. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарвари ҳокимияти иҷроия.-Душанбе: Ирфон, 2010.- С-6.
[90] Ниг.: Сулаймонзода М. С. Конституционно-правовой статус Президента Республики Таджикистан (монография). - Душанбе, 2019.-С-14-16.

эътироф гардид. Дар ин раванд қонунгузории миллии худро бунёд намуд, низоми самараноки мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ташкилу такмил ёфта, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти онҳо мустаҳкам карда шуд[91].

Президенти ҶТ тавозуни устувори рукнҳои давлатӣ – ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ буда, ҳамчун кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи минбаъдаи ислоҳоти идораи давлатӣ, ташаккули низоми шаффофи фаъолияти мақомоти идоракунӣ, сарфа ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҶТ, сохтори мақомоти марказии иҷроияи давлатро тасдиқ карда, ҳамзамон вазифаҳои онҳоро дақиқан муқаррар менамояд. Президенти кишвар ҳангоми таҳдид ба ин арзишҳои конститутсионӣ тамоми тадбирҳо ва имкониятҳои сиёсиву ҳуқуқиро меандешад, то ки кафолати онҳо таъмин карда шаванд[92].

Дар ин самт, хизматҳои шоёни фарзанди фарзонаи миллатро ба инобат гирифта, дар асоси моддаи 2-юми Қонун «Дар бораи рӯзҳои ид» дар фазои Тоҷикистони соҳибистиқлол рӯзи 16-уми ноябр ҳамчун «Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тантана ва шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифта мешавад. Албатта ин бе сабаб нест. Таърих гувоҳ аст, ки 16-уми ноябр дар Иҷлосияи Шурои Олӣ маросими савгандёдкунӣ ва ба вазифа шурӯъ кардани Президенти кишвар баргузор гардида буд. Мақсад ҳам аз рӯзи ид муайян кардани рӯзи 16 ноябр дар он ифода меёбад, ки ибтидо аз ҳамин рӯзи тақдирсозу муайянкунандаи рушди минбаъдаи бомароми Тоҷикистон марҳилаи нави муҳимми давлатӣ, яъне тибқи Конститутсияи давлати соҳибихтиёр дар ҶТ идоракунии президентӣ оғоз ёфта, Президенти тозаинтихобгардида ба иҷрои вазифа шурӯъ намудааст.

Боиси ифтихору сарфарозист, ки дар ин рӯз дар саросари кишвар дар ҷамъомадҳои илмӣ, мулоқоту вохӯрихои мардумӣ, мусобиқаҳои варзишию фарҳангӣ ва дигар намуди чорабиниҳои идона доир гашта, мардуми Тоҷикистон ин ҷашни миллиро бо сururу шодмонӣ ва эҳтироми хосса пешвоз мегиранд. Зеро сиришти мардумӣ, эҳсоси худӣ, иродаи қавӣ ва таҷрибаи бузурги Эмомалӣ Раҳмон қалби ҳар шаҳрвандро саршор аз ҳиси боварию эътимод ба фардо, ба ояндаи фарзандони худ ва ба дурнамои давлату миллат менамояд. Ин ҳолати нодирест, ки мардум ба роҳбари худ на ҳамчун ба худ, балки бештар аз худ боварӣ ва эътимод дорад.

**Адабиёт:**


1. Сайфиддинов А. А. Накши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақвияти соҳаи хизмати давлатӣ// Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳомии Конститутсия ва қонунҳо.-Душанбе,2010.
2. Имомзода М. С. Ҳамнавои дили халқ (Маҷмуи мақолаҳои публитсистӣ). - Душанбе: ЭР-граф,2022.
3. Холиқзода А.Ғ. Пешво ва оини давлатсозӣ.-Душанбе: Дониш, 2021.
4. Раҳмонов М. Президенти Тоҷикистон бунёдгузори давлатдории миллӣ ва ҳомии истиқлолияти кишвар //Рушди давлатдории миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ– Душанбе: Абдураҳмон-Р.- 2021.
5. Сафолзода М. К. Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон и


[91] Ниг.: Насриддинзода Э. С. Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих, таҷрибаи байналмилалӣ ва заминаҳои ҳуқуқӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. - С-14.
[92] Ҳамон ҷо.- С-17.

Государственная независимость Республики Таджикистан// Известия Академии наук Республики Таджикистан.- №4 (265).- 2021.
6. Комилзода Ш., Назрӣ Ф. Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: сенарияи намунавии таҷлили ҷашн / муҳаррир М. Муродӣ. – Душанбе: Аржанг, 2018.
7. Саъдизода Ҷ., Муминзода М.Н. Иҷлосияи тақдирсози миллати тоҷик // Иҷлосияи XVI Шурои Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуки миллии тоҷикон: монография – Душанбе: Балоғат, 2023.
8. Ализода З. Нақши Эмомалӣ Раҳмон - дар таҳия, қабул ва рушди Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол // Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи конференсияи ҷумҳурявии илмию назариявӣ. – Душанбе, 2023.
9. Шарифзода А., Фаттоев С. Эмомалӣ Раҳмон поягузори сулҳ ва вахдати миллӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1996-1999).- Китоби дуюм. -Душанбе: Ирфон, 2011.
11. Ҳамидов Х. Президент Э.Ш. Раҳмонов – бунёдгузори давлати муосири тоҷикон –Душанбе: Қонуният, 2006.
12. Раззоқов Б.Ҳ. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарвари ҳокимияти иҷроия.-Душанбе: Ирфон,2010.
13. Сулаймонзода М.С. Конституционно-правовой статус Президента Республики Таджикистан (монография). - Душанбе, 2019.
14. Насриддинзода Э.С. Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих, таҷрибаи байналмилалӣ ва заминаҳои ҳуқуқӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023.

**Сулаймонзода М. С.**

**Фишурда**

**Нақши Пешвои миллат дар истиқлолияти давлатӣ**

Дар мақолаи мазкур вобаста ба шахсияти роҳбари сиёсӣ Пешвои муаззами миллат-Эмомалӣ Раҳмон, ки бо дурахши ситораи бахти миллат ба сари қудрат омада, зиёда аз се даҳсола сарварии давлату миллатро ба ӯҳда доранд, мавриди таҳқиқ карор гирифтааст. Ин шахсияти сиёсӣ ва наҷотбахши озодиву соҳибдавлатӣ марҳалаи роҳбарии сиёсиро аз фидокорӣ оғоз намуда, бо ҷуръату ҷасорати фавқулодаи фардӣ идома медиҳанд. Муаллиф дар солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва марҳилаҳои ташаккули давлатдории миллати тоҷикро тахти роҳбарии сарвари давлат, ҳамчунин корнамоиҳои Пешвои миллатро ҳамчун эҳёгари таърих, ойину суннатҳои миллӣ, бунёдкори имрӯз ва роҳнамои фардои миллат мавриди таҳқиқ қорор додааст. Ҳамчунин, дар мақола саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва таҳкими сиёсати давлатии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Сулаймонзода М. С.**

**Аннотация**

**Роль Лидера нации в государственной независимости**

В настоящей статье рассмотрена личность многоуважаемого Лидера нации -Эмомали Рахмона, который пришел к власти со вспышкой счастливой звезды нации и руководит страной более трех десятилетий. Эта политическая личность и спасатель свободы и государственность начинал политического

руководства с самопожертвования и продолжает с необычайной смелостью и индивидуальностью. Автор рассматривает становления таджикской государственности в первые годы независимости под руководством главы государства, а также подвиги Лидера нации в возрождении истории и национальных традиций. Также в статье рассматривается вклад Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в формирование и укрепление государственной политики Таджикистана.

**Sulaimonzoda M. S.**

**The summary**
**The role of the Leader of the Nation in state independence**

This article examines the personality of the highly respected Leader of the Nation, Emomali Rahmon, who came to power with the flash of the nation's lucky star and has led the country for more than three decades. This political personality and savior of freedom and nationhood began political leadership with self-sacrifice and continues with extraordinary courage and individuality. The author examines the formation of Tajik statehood in the first years of independence under the leadership of the head of state, as well as the exploits of the Leader of the nation in the revival of history and national traditions. The article also examines the contribution of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in the formation and strengthening of the state policy of Tajikistan.

**Муқарризи мақола Мирзамонзода Х. М. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.**

**УДК: 341. 4 (575. 3)**

**Кудратуллозода Б.К.***
**Шоисматуллоева Ф.Ш.***

## БЕЗОПАСНОСТЬ: НЕКОТОРЫЕ ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ

**Калидвожаҳо:** амният, амнияти байналмилалӣ, амнияти миллӣ, ҳамкории байналмилалӣ, субот, давлат, ҳуқуқ, таҳдидҳо, ҷамъият, манфиатҳо, қонун, шартнома, уҳдадорӣ, таъмин, ченак, консепсия, СММ, ШМА, ИДМ.

**Ключевые слова:** безопасность, международная безопасность, национальная безопасность, международное сотрудничество, стабильность, государство, право, угрозы, общества, интересы, законы, договора, обязательства, обеспечение, измерение, концепции, ООН, США, СНГ.

**Keywords:** security, international security, national security, international cooperation, stability, state, law, threats, societies, interests, laws, treaties, obligations, provision, measurement, concepts, UN, USA, CIS.

Безопасность включена в каталог ценностей, составляющих экзистенциальные потребности, вытекающие непосредственно из природы

*Проректор по международным связям, кандидат юридических наук, доцент кафедры международного права и сравнительного правоведения юридического факультета Российско-Таджикского (Славянского) университета. Тел.: 909110001, E-mail: nusratulloyev@bk.ru

*Старший преподаватель кафедры государственно-правовых дисциплин юридического факультета Российско-Таджикского (Славянского) университета. Тел.: 98-61-42-85, e-mail: fira.sho@mail.ru

человека. Следовательно, следует сделать вывод, что одной из основных целей деятельности любого государства является, прежде всего, обеспечение безопасного существования и условий жизни личности и развития общества. Иначе говоря, основная ответственность по обеспечению безопасности возлагается на государство.

На сегодняшний день, безопасность выступает одной из фундаментальных проблем международных отношений. Данная проблема имеет как теоретическое, так и практическое измерение. В каждом из этих измерений безопасность является областью исследования различных наук, поскольку она представляет собой элементарную, первичную потребность отдельных лиц, социальных групп и государств.

Вместе с тем, само понятие «безопасность» является предметом изучения и дискуссии разных научных сфер, в том числе и юриспруденции.

В толковом словаре русского языка безопасность определяется как отсутствие опасности[93]. В энциклопедии права безопасность раскрывается как состояние защищенности жизненно важных интересов личности, общества и государства от внутренних и внешних угроз политического, экономического, социального, военного, техногенного, экологического, информационного и иного характера, предполагающее установление политической, экономической и социальной стабильности в государстве, безусловное исполнение законов и поддержание правопорядка, развитие международного сотрудничества на основе партнерства[94].

«Словарь социальных наук» (Тезарус), финансируемый ЮНЕСКО, определяет безопасность в самом буквальном смысле как «практически тождественную определенности и означающую отсутствие физической опасности или защиту от нее».

Синонимами слова безопасность выступают надёжность, защищенность, устойчивость, сохранность, безобидность, безвредность[95].

Термин «безопасность» в научной среде интерпретируется неоднозначно под углом разных подходов. К примеру, группа авторов ключевым элементом в обозначении сущности безопасности видят отсутствие самой опасности. Но, как правильно заметил С.В. Нестеров, «найти на практике такую ситуацию, при которой отсутствовали бы любые угрозы и опасность как таковая – не представляется возможным»[96]. Данный тезис подтверждают слова ученых: «полная безопасность невозможна в принципе»[97].

Второй подход приравнивает безопасность к состоянию защищенности[98] и является наиболее распространенной формой интерпретации данной дефиниции. Сторонники третьего подхода рассматривают безопасность как состояние, при котором достигается устойчивое развития бытия или общества[99].

---

[93]См.: Ушаков Д.Н. Толковый словарь русского языка [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://dic.academic.ru/dic.nsf/ushakov/745334 (дата обращения: 12.05.2023).

[94]См.: Энциклопедия права [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://encyclopediya_prava.academic.ru/491/%D0%91%D0%B5%D0%B7%D0%BE%D0%BF%D0%B0%D1%81%D0%BD%D0%BE%D1%81%D1%82%D1%8C (дата обращения: 12.05.2023).

[9595]См.:Словарь синонимов [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://dic.academic.ru/dic.nsf/dic_synonims/7694/%D0%B1%D0%B5%D0%B7%D0%BE%D0%BF%D0%B0%D1%81%D0%BD%D0%BE%D1%81%D1%82%D1%8C (дата обращения: 12.05.2023).

[96]См.: Нестеров С.В. Понятие общественной безопасности // Вестник ТГУ. – 2013. - №11 (127). – С. 3.

[97]См.: Бабурин С.Н., Дзлиев М.И., Урсул А.Д. Стратегия национальной безопасности России: теоретико-методологические аспекты. - М., 2012. - С. 16.

[98] См.: Ирошников Д.В. Правовая политика Российской Федерации в сфере государственной безопасности (теоретический аспект): автореф. дис. … канд. юр. наук. - Тамбов, 2011. - С. 24.

[99] См.: Прохожев А.А. Теория развития и безопасности человека и общества. - М., 2006. - С. 11.

Термин «безопасность» упоминается в Преамбуле Устава Организации Объединенных Наций[100] (далее - ООН), где говорится, «…и в этих целях…объединить наши силы для поддержания международного мира и безопасности». Для реализации этой цели, а также в целях обеспечения быстрых и эффективных действий ООН главная ответственность за поддержание международного мира и безопасности возлагается на Совет Безопасности (ст. 24).

Первые относительно последовательные научные концепции безопасности в зарубежных странах были разработаны только во второй половине XX-го века во времена холодной войны. Отправной точкой их теоретического построения стал подход к политике безопасности, сформировавшийся в результате Вестфальского порядка – это система международных отношений, зародившаяся в Европе в силу заключенного Вестфальского мира как соглашения, которое положило конец тринадцатилетней войне, закончившейся в 1648 году. Несмотря на период «холодной войны» и сохраняющуюся угрозу вооруженного конфликта, в подходе к безопасности доминировала реалистическая парадигма, основанная на пост-вестфальском видении международных отношений. Поэтому термин «национальная безопасность» был принят в качестве базовой концептуальной категории в области научных теорий о безопасности, которая относилась почти исключительно к политической и военной сфере, а под угрозой понималась, прежде всего, опасность вооруженной агрессии со стороны других государств.

Ученые также предполагали, что государства могут достичь соответствующего состояния безопасности, развивая свою собственную военную мощь и расширяя свой военный потенциал.

Расширенный взгляд на безопасность стал конкретным в конце 1990-х годов в работе группы ученых, собравшейся вокруг Копенгагенской школы, под названием «Безопасность: новая основа анализа», в которой были определены основные области безопасности и соответствующие категории основных угроз. К ним относятся военная безопасность (угроза, связанная с военным сектором и принуждением силой), политическая безопасность (угроза, связанная с функционированием власти), экономическая безопасность (угроза, связанная с торговлей, производством и финансовой сферой), социальная безопасность (угроза, связанная с функционированием власти), экологическая безопасность (угроза, связанная с деградацией земель в связи с деятельностью человека).

До недавнего времени безопасность понималась главным образом с военной точки зрения. Сегодня проблема анализируется также с экономической, информационной, экологической, политической и т.д. Отход от традиционного понимания безопасности и движение к безопасности человека на основе достижений Копенгагенской школы безопасности отвлекло внимание от военных факторов. За годы своих исследований копенгагенская группа провела множество комплексных исследований, направленных на расширение понимания проблемы безопасности. Достижения Копенгагенской школы имеют фундаментальное значение для развития теоретических исследований о безопасности. Они явились отправной точкой для формулирования концепции безопасности человека, то есть безопасности личности.

Интерпретация термина «безопасность» в зарубежном праве имеет расширенное толкование. Однако восприятие состояния безопасности имеет как субъективное, так и объективное, индивидуальное, социальное и групповое измерение. Так, по мнению Р. Такур показателем безопасности являются качество

[100]См.: Устав ООН Сан-Франциско, 26 июня 1945 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.un.org/ru/about-us/un-charter/full-text (дат обращения: 22.08.2023).

жизни граждан и функционирования государства, при этом основным элементом безопасности являются права человека[101].

К. Аннан считал, что безопасность должна охватывать защищенность от организованной преступности, терроризма, нищеты, смертоносных инфекционных заболеваний, деградации окружающей среды[102]. Здесь безопасность, в силу ее очень обширного охвата, автором восприниматься как определенное состояние угрозы, мира, уверенности, свободы от угроз, страха или нападения.

К. Томас определяет безопасность как состояние, при котором удовлетворяются базовые материальные потребности, реализуется достоинство личности через ее участие в социально значимой жизни сообщества[103].

С. Козьей отмечает, что на теорию и практику безопасности существенное влияние оказывает сам процесс, который охватывает «ту область ее деятельности, которая направлена на обеспечение возможности выживания, развития и свободы преследовать собственные интересы в конкретных условиях, используя преимущества благоприятных обстоятельств (возможностей), принятия вызовов, снижения риска и противодействия (предотвращения и противодействия) всем видам угроз субъекту и его интересам»[104]. По мнению автора, субъектом безопасности являются все субъекты, которые имеют свои собственные интересы и выражают амбиции по реализации этих интересов. Эти интересы данного субъекта понимаются как выражение его идентичности, ценностей, исторических достижений и традиций, текущих потребностей, стремлений и будущих устремлений. В данном аспекте можно говорить о двух категориях интересов: жизненно важных и второстепенных. Первые касаются существования сущности и выживания в конкретных условиях, а вторые - связаны с качеством этого существования и продолжительностью.

П. Палери раскрывает безопасность как измеряемое состояние способности нации преодолевать различные угрозы благополучию народа, существованию государства посредством баланса используемых средств государственного управления[105]. В данном контексте безопасность представляется как процесс, в котором состояние безопасности и его структура, механизм и организация подвержены динамическим изменениям, изменениям в соответствии с естественными изменениями условий безопасности.

По мнению Л.Ф. Корженевского, безопасность – это «объективное состояние, заключающееся в отсутствии угрозы существованию, развитию и нормальному функционированию человека, субъективно ощущаемой отдельными людьми и группами»[106].

Р. Земба очень широко и интересно определяет понятие безопасности. По его мнению, «в общесоциальном смысле безопасность включает в себя удовлетворение потребностей: существования, выживания, определенности, стабильности, целостности, идентичности, независимости, защиты уровня и качества жизни. Безопасность является основной потребностью государств и международных систем; его отсутствие вызывает беспокойство и чувство угрозы». Анализируя

---

[101] См.: Thakur R. From National to Human Security, In: S. Harris and A. Mack, eds. Asia-Pacifi c Security: The Economics, Politics Nexus.- Sydney, 1997.Allen & Unwin. - P. 53.

[102] См.: Annan K. In larger freedom: towards development, security and human rights for all. Report of the Secretary-General. New York: United Nations, 2005. - P. 4.

[103] См.: Thomas C. and Wilkin P. Globalization, Human Security, and the African Experience. Boulder; London: Lynne Rienner Publishers, 1999.Inc. - P.3.

[104] См.: Толвиньски М. Общественная безопасность в Польше// Национальная безопасность. – 2020. – № 6. – С. 32.

[105] См.: Paleri P. National Security: Imperatives And Challenges. New Delhi: Tata McGraw-Hill. -2008. - P. 521.

[106]См.: Корженевский Л.Ф. Основы менеджмента. – Краков, 2005. – С. 437.

далее, Р. Земба в общем смысле определяет безопаснось как то состояние, где присутствует «уверенность в существовании и выживании, владении, функционировании и развитии сущности». Эта уверенность является результатом не только отсутствия угроз, их не возникновения или устранения, но и возникает в результате творческой деятельности данного субъекта и непостоянна во времени, т.е. имеет характер социального процесса»[107].

Безопасность толкуется не только как состояние отражения угрозы, но и как подготовка среды, в которой возможно развитие личности. В этом понимании процесс создания безопасности, по мнению М. Добросельского, состоит в «создании оптимальных условий для внутреннего, бесконфликтного развития важнейших компонентов данной системы, а также в устранении ее возможной внешней угрозы путем содействия формированию внешней среды, которая бы поддерживала гармоничное симбиотическое развитие более широкого организма или системы». Автор обращает внимание на два основных элемента безопасности, т.е. гарантию выживания и свободы развития не только личности, но и всей социальной группы[108].

Исходя из вышесказанного, а также проанализировав другие иностранные источники, можно отметить, что безопасность, в целом, составляют следующие составные компоненты: способность государств и граждан предотвращать и разрешать конфликты мирными и ненасильственными средствами; возможность без какой-либо дискриминации пользоваться всеми правами и свободами; обеспечение равных возможностей пользоваться социально-экономическими благами для всех членов общества; верховенство закона и независимость системы правосудия[109]. Иначе говоря, безопасность как процесс – это непрерывная и динамичная деятельность отдельных лиц, местных сообществ, государств и международных организаций по созданию желаемого состояния безопасности.

В различных правовых системах встречаются не схожие друг на друга определения категории «общественная безопасность». В частности, в странах англосаксонской правовой семьи при формулировании понятия «общественная безопасность» акцент делается на безопасности в социально-экономической сфере[110]. Например, в США рассматриваемое понятие определяется как определенное объективное состояние, ощущаемое как уверенность существования, выживания, обладания, функционирования и развития субъекта, положительно оцениваемого им и являющегося результатом его деятельности и действий, предпринятых для обеспечения безопасности своим социальным окружением, направленное на противодействие различного рода реальным потенциальным угрозам как самому себе, так и своим интересам. Иначе говоря, безопасность представляет собой общее благосостояние, где превалирует чувство глубокой уверенности, защищенности, надежности и удовлетворенности от возможности реализации своих интересов и потребностей в настоящем[111].

В Канаде безопасность ориентирована на достижение таких стандартов жизни в стране, в которой наличествует развитая инфраструктура, повышенная производительность труда, высокий уровень капиталовложений, в частности и

---

[107] См.: Толвиньски М. Указ. раб. - С. 29-30.

[108] См.: Добросельский М. Вопросы теории и практики мирного сосуществования. Философия - идеология - политика: общественно-политическая литература. - М.: Международные отношения, 1977. – С.7.

[109] См.: Ogata S. Inclusion or Exclusion: Social Development Challenges For Asia and Europe. Asian Development Bank Seminar. 1998. - P. 27.

[110] См.: Хатуаев В. У., Солодовченко Д.Д. О сущности общественной безопасности как вида национальной безопасности в контексте интегративного подхода к понимаю права // Правосудие.- 2019. - № 1. - Том 1. – С. 20.

[111] См.: Шершнев И.Л. Общественная безопасность: ключевые понятия // Проблемы внутренней безопасности России в XXI в. / Материалы науч.-практ. конф. 15–16 февр., 2001 г. - М., 2001. – С. 102-103.

инвестиций, поддержание мира и благополучия в обществе, благоприятная деловая атмосфера[112].

В зарубежной доктрине романо-германской правовой семьи ученые дают разное толкование понятия «безопасность». К примеру, немецкий ученый Р. Сампер считает, что термин «безопасность», по сути, является неопределенной правовой категорией, потому ее невозможно конкретно определить в силу ее зависимости от различных объективных обстоятельств и закрепить в правовом поле[113].

Австрийский ученый Г. Петерс рассматривает категории «безопасность», «общественная безопасность» и «общественный порядок» как идентичные правовые явления. Автор при этом, рассматривает «общественный порядок» как «совокупность всяких неписаных правил поведения индивидуума в обществе, которые по господствующим взглядам характеризуются как непосредственные предпосылки упорядоченного сосуществования государства и граждан»[114]. Несомненно, подобный подход характерен для государств с высокой степенью развитости уровня правосознания граждан в обществе, с развитым гражданским обществом.

В судебной практике Конституционного суда Баварии «безопасность» было определена как «целостность здоровья, чести, свободы и имущества граждан, а также неприкосновенность правового порядка и основных учреждений государства»[115].

Таким образом, приведенные определения не полностью объясняют сложность и многоаспектность безопасности, но содержат элементы, которые после оценки, более глубокого обобщения и правильной интерпретации позволят лучше понять ее смысл. Проанализировав различные точки зрения приведенных авторов, можно заключить, что представления ученых относительно понятия безопасность имеют существенные различия. Следует согласиться, что зарубежные исследователи более узко толкуют суть безопасности, связывая её с личной безопасностью, достижением интересов и благополучия отдельными лицами и со стабильностью существования государственных институтов[116]. Но стоит учесть, что безопасность имеет многогранный характер. С одной стороны, представляет собой специфическую социальную, цивилизационную, культурную, политическую, экономическую и экологическую ценность, а с другой – экзистенциальную, моральную и духовную ценность. Это базовая ценность, которая преследуется не ради нее самой, а ради других ценностей, которые она обеспечивает.

Мы солидарны с учеными, поддерживающими широкое толкование термина «безопасность». Иначе говоря, широкое представление общественной безопасности характеризуется правильным поведением общественной жизни[117], рассматривая ее как защиту от всех угроз, независимо от их источников. На наш взгляд, такой подход к пониманию исследуемого понятия может быть взят за основу, как в национальном праве, так и в зарубежном законодательстве или на международном уровне. Мы также не отрицаем, что широкое толкование термина «безопасность» приводит к поглощению нескольких самостоятельных институтов, отражающих иные угрозы и сферу общественных отношений, в которой

---

[112] См.: Хатуаев В.У., Солодовченко Д.Д. Указ. раб. – С. 20.

[113] См.: Samper R. Kommentar zum bayerischen Polizeiaufgabengesetz. - Munchen, 1965.- P.23.

[114]См.: Peters H. Lehrbuch der Verwaltungsrecht. Frankfurt am Main. -1961.- P. 377.

[115] См.: Гиленсен В.М. Полиция ФРГ. - М., 1973. - С. 18.

[116]См.: Хатуаев В.У., Солодовченко Д.Д. О сущности общественной безопасности как вида национальной безопасности в контексте интегративного подхода к понимаю права // Правосудие.- 2019. - № 1. - Том 1. – С. 21.

[117]См.: Хайбуллин А.Р., Шурухин Н.А. Понятие и содержание общественной безопасности в Российской Федерации // Молодой ученый. - 2021. - № 47 (389). - С. 324.

достигается обеспечение безопасности. К таким институтам, в частности, можно отнести противодействие терроризму и экстремизму, обеспечение пожарной и экологической безопасности, военной и международной безопасности и т.д.[118].

Исходя из этого, можно заключить, что категория «общественная безопасность» в национальном и зарубежном праве носит многоаспектный характер. Разграничение общественной безопасности от иных видов безопасности, и выделение ее различных составных структурных институтов имеет важное значение в жизни каждого общества и мирового сообщества в целом.

«В настоящее время сфера международной и национальной безопасности является одной из ключевых областей деятельности любого государства, предметом внутриполитической борьбы, внимания гражданского общества, научных исследований. Это, в свою очередь, требует осознанного подхода к проблемам национальной и международной безопасности со стороны не только специалистов, но и как можно более широкого круга граждан. Именно по этим причинам проблемы национальной и международной безопасности становятся частью программ образовательных институтов, публикаций, обращенных не только к специалистам, но и к широкой публике»[119].

В условиях современности государства сотрудничают практически по всем сферам общественной жизни. Весомая роль во взаимодействиях государств отводится вопросам обеспечения безопасности государств. В связи с чем, эффективное сотрудничество государств на политическом уровне и реализация задач по предотвращению и недопущению преступных деяний стоит на повестке дня стран-членов международной жизни. И, как известно, с врагом легче бороться не в одиночку, а в коллективе. Поэтому, предполагается, что, будучи сплоченными, можно достичь определенных положительных результатов[120].

Суть международной безопасности сводится к тому, что она представляет собой систему международных отношений, основанных на соблюдении всеми государствами общепризнанных принципов и норм международного права, исключающая решение спорных вопросов и разногласий между ними с помощью силы или угрозы[121].

Вопросы обеспечения международной безопасности, а именно поддержания мира, пресечения актов агрессии, обеспечения политической, экономической и социальной стабильности в мире, на международном уровне регламентируются нормами права международной безопасности. Нормы данной отрасли направлены на обеспечение как международной, так и национальной безопасности.

Создание системы международной безопасности в рамках международного права ставит перед собой решение следующих задач:

- поддержание и укрепление существующего международного правопорядка в мировом сообществе;

- создание новых международно-правовых норм, отвечающих современным реалиям обеспечения безопасности[122], ведь необходимо констатировать, что

---

[118]См.: Босхамджиева Н.А. Общественная безопасность как объект административно-правового обеспечения // Юридический мир. - 2012. - № 9.- С. 52-54.

[119]См.: Баранов Н.А. Международная безопасность: глобальный и региональный аспекты [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.nicbar.ru/politology/study/kurs-problemy-natsionalnoj-bezopasnosti-i-kontrol-nad-vooruzheniyami/231-lektsiya-6-mezhdunarodnaya-bezopasnost-globalnyj-i-regionalnyj-aspekty (дата обращения: 21.07.2023).

[120] См.: Нусратуллоев Б.К. Взаимодействие государств по борьбе с незаконным оборотом наркотических средств в рамках СНГ // XXIII Славянские чтения: материалы научной конференции профессорско-преподавательского состава и студентов юридического факультета РТСУ (Душанбе, 24 апреля 2019 г.). – Душанбе: РТСУ, 2019. – С. 92.

[121] См.: Баранов Н.А. Указ. раб.- С. 21.

[122] См.: Игнатьева И.В. Международная безопасность и актуальные проблемы ее обеспечения // Глаголъ правосудия. - 2017. - №2(14). - С. 88.

межгосударственное сотрудничество теряет смысл и эффективность без наличия разработанной и действующей правовой базы.

В международном праве выделяются различные средства обеспечения международной безопасности, среди которых особое место занимает система коллективной безопасности. Она бывает универсальной и региональной. К системам региональной безопасности относятся Организация Североатлантического договора (НАТО), Организация по безопасности и сотрудничеству в Европе (ОБСЕ), Система коллективной безопасности в рамках СНГ и др.

Основными нормативно-правовыми актами, регламентирующие вопросы обеспечения международной безопасности, признаются:

- универсальные договоры (Устав ООН, соглашения в области разоружения);
- региональные договоры (уставы региональных организаций безопасности, соглашения в области разоружения, установления мер доверия и создания безъядерных зон);
- двусторонние соглашения (о мире и дружбе, о разоружении и др.).

Таким образом, право международной безопасности, всецело направлено на разработку мер и средств поддержание мирового порядка и обеспечение международной безопасности.

Более эффективными формами сотрудничества государств для достижения определенных целей, в частности обеспечения безопасности, является сплочение в рамках определенных регионов. Так, для стран-участников Содружества Независимых Государств (далее - СНГ) данный столь важный феномен является одним из наиболее актуальных и особо остро стоящих на повестке дня вопросов. Ведь, как заметила И.В. Игнатьева, «реальности современного мира свидетельствуют о том, что … безопасность одного государства связана с безопасностью мирового сообщества в целом»[123].

На сегодняшний день, особый интерес к феномену безопасность или международная безопасность вызван реалиям современности и тем угрозам и вызовам, которые несет в себе современный мир. В данном контексте следует согласиться с Г.И. Авциневой, что «в современных условиях появились новые, эффективные формы выражения протестных настроений и протестной активности с использованием Интернета, социальных сетей, привлекающие молодежь (флешмоб, перформанс, хеппенинг, наномитинг)»[124].

Действительно, появление новых методов вовлечения молодежи в различные группы и протестные акции, имеющие под собой цель дестабилизацию общества, а также «успешное применение технологии «мирного гражданского неповиновения» в качестве пускового механизма смены политического режима»[125] обуславливают объективную необходимость пересмотра давно устоявшихся способов и средств обеспечения безопасности, форм взаимодействия органов государственной власти с гражданским обществом.

Следует особо подчеркнуть, что в настоящее время одним из самых опасных преступлений, носящих международный характер, пожалуй, следует считать незаконный оборот наркотических средств и психотропных веществ. Опасность данной категории преступления заключается в том, что, во-первых, по своей природе наркотические средства имеют пагубное влияние на здоровье населения; во-вторых, оборот наркотических средств влияет самым существенным образом на уровень экономического развития страны и, в-третьих, на имидж последнего на

---

[123]См.: Игнатьева И.В. Указ. раб. - С. 88.

[124] См.: Авцинова Г.И. Общественная безопасность в современной России: понятие и политика обеспечения // Россия: тенденции и перспективы развития. – 2016.- № 11-3.- С. 117.

[125] Там же.

международной арене. В связи с этим, государства предпринимают попытки борьбы, предотвращения и пресечения оборота наркотических средств[126].

Одним из первых документов в рамках СНГ по вопросам противодействия незаконному обороту наркотических средств является Соглашение о сотрудничестве в борьбе с незаконным оборотом наркотических средств и психотропных веществ и прекурсоров от 30 ноября 2000 г. Согласно положениям указанного Соглашения государства-участники обязались принять на национальном уровне необходимые меры, как законодательного, так и практического характера, направленные на учет и своевременное пресечение лиц, принимавших участие в незаконном обороте наркотических средств, а также уголовное преследование последних.

Другой, не менее значимый документ на постсоветском пространстве в вопросе борьбы с указанными вызовам и угрозами безопасности государств-участников СНГ – Концепция сотрудничества государств-участников СНГ в противодействии незаконному обороту наркотиков, психотропных веществ и прекурсоров от 7 октября 2002 г. В рамках указанной Концепции приняты специальные программы, разбитые на определенные промежутки времени с целью развития и совершенствования систему межгосударственного сотрудничество в противодействии этому наиболее опасному виду преступлений международного характера[127].

Необходимо подчеркнуть, что государства-участники СНГ помимо создания правовой базы взаимодействия немаловажное значение придают и организационным вопросам сотрудничества. Так, с 2004 г. на территории стран-членов СНГ в составе Бюро по координации борьбы с организованной преступностью и иными опасными видами преступлений созданы структурное подразделение по координации борьбы с незаконным оборотом наркотических средств, психотропных веществ и прекурсоров.

Таким образом, проанализировав категорию «безопасность» с точки зрения национального и международного права, а также рассмотрев основные вопросы взаимодействия государств по вопросам обеспечения международной безопасности, можно прийти к выводу, что хоть нормативно-правовая база и организационные составляющие в вопросе обеспечения международной безопасности налажены на должном уровне, однако государства должны прилагать максимум усилий для претворения в жизнь положений международных договоренностей с целью поддержания мирового порядка и пресечения актов агрессии.

**Литература:**

1. Устав ООН, Сан-Франциско, 26 июня 1945 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.un.org/ru/about-us/un-charter/full-text (дат обращения: 22.08.2023).

2. Соглашение о сотрудничестве государств-участников СНГ в борьбе с незаконным оборотом наркотических средств и психотропных веществ и прекурсоров от 30 ноября 2000 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cis.minsk.by/page/1864/soglasenie-o-sotrudnicestve-gosudarstv-ucastnikov-sodruzestva -nezavisimyh-gosudarstv-v-borbe-s-nezakonnym-oborotom-narkoticeskih-sredstv-psihotropnyh-vesestv-i-prekursorov (дата обращения: 12.07.2023).

[126] См.: Дроздова М.А. Международно-правовые аспекты предотвращения незаконного оборота наркотиков: дис. … канд. юрид. наук. - Санкт-Петербург, 2005.- С. 83.
[127] См.: Курченко В.Н. Противодействие незаконному обороту наркотических средств, психотропных веществ или их аналогов: автореф. … канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2004.- С. 38.

3. Концепция сотрудничества государств-участников СНГ в противодействии незаконному обороту наркотиков, психотропных веществ и прекурсоров (г. Кишинев, 7 октября 2002 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cis.minsk.by/page/13756 (дата обращения: 12.07.2023).

4. Авцинова Г.И. Общественная безопасность в современной России: понятие и политика обеспечения // Россия: тенденции и перспективы развития. – 2016.- № 11-3. - С. 115-117.

5. Бабурин С.Н., Дзлиев М.И., Урсул А.Д. Стратегия национальной безопасности России: теоретико-методологические аспекты. - М., 2012. – 512 с.

6. Баранов Н.А. Международная безопасность: глобальный и региональный аспекты [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.nicbar.ru/politology/study/kurs-problemy-natsionalnoj-bezopasnosti-i-kontrol-nad-vooruzheniyami/231-lektsiya-6-mezhdunarodnaya-bezopasnost-globalnyj-i-regionalnyj-aspekty (дата обращения: 21.07.2023).

7. Босхамджиева Н.А. Общественная безопасность как объект административно-правового обеспечения // Юридический мир. - 2012. - № 9.- С. 51-57.

8. Гиленсен В.М. Полиция ФРГ. - М., 1973. – 116 с.

9. Добросельский М. Вопросы теории и практики мирного сосуществования. Философия - идеология - политика: общественно-политическая литература. - М.: Международные отношения, 1977. – 136 с.

10. Дроздова М.А. Международно-правовые аспекты предотвращения незаконного оборота наркотиков: дис. … канд. юрид. наук. - Санкт-Петербург, 2005.- 194 с.

11. Игнатьева И.В. Международная безопасность и актуальные проблемы ее обеспечения // Глаголъ правосудия. - 2017. - № 2(14). - С. 86-92.

12. Ирошников Д.В. Правовая политика Российской Федерации в сфере государственной безопасности (теоретический аспект): автореф. дис. … канд. юрид. наук. - Тамбов, 2011. – 25 с.

13. Корженевский Л.Ф. Основы менеджмента. – Краков, 2005. – 543 с.

14. Курченко В.Н. Противодействие незаконному обороту наркотических средств, психотропных веществ или их аналогов: автореф. … канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2004.- 69 с.

15. Нестеров С.В. Понятие общественной безопасности // Вестник ТГУ. – 2013. - №11 (127). – С. 2-8.

16. Нусратуллоев Б.К. Взаимодействие государств по борьбе с незаконным оборотом наркотических средств в рамках СНГ // XXIII Славянские чтения: материалы научной конференции профессорско-преподавательского состава и студентов юридического факультета РТСУ (Душанбе, 24 апреля 2019 г.). – Душанбе: РТСУ, 2019. – С. 91-93.

17. Прохожев А.А. Теория развития и безопасности человека и общества. - М., 2006. – 195 с.

18. Словарь синонимов [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://dic.academic.ru/dic.nsf/dic_synonims/7694/%D0%B1%D0%B5%D0%B7%D0%BE%D0%BF%D0%B0%D1%81%D0%BD%D0%BE%D1%81%D1%82%D1%8C (дата обращения: 12.05.2023).

19. Толвиньски М. Общественная безопасность в Польше// Национальная безопасность. – 2020. – № 6. – С. 29-33.

20. Ушаков Д.Н. Толковый словарь русского языка [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://dic.academic.ru/dic.nsf/ushakov/745334 (дата обращения: 12.05.2023).

21. Хайбуллин А.Р., Шурухин Н.А. Понятие и содержание общественной безопасности в Российской Федерации // Молодой ученый. - 2021. - № 47 (389). - С. 324 – 326.

22. Хатуаев В. У., Солодовченко Д.Д. О сущности общественной безопасности как вида национальной безопасности в контексте интегративного подхода к понимаю права // Правосудие.- 2019. - № 1. - Том 1. – С. 14 - 21.

23. Шершнев И.Л. Общественная безопасность: Ключевые понятия // Проблемы внутренней безопасности России в XXI в./ Материалы науч.-практ. конф. 15–16 февр. 2001 г. - М., 2001. – С. 86-103.

24. Энциклопедия права [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://encyclopediya_prava.academic.ru/491/%D0%91%D0%B5%D0%B7%D0%BE%D0%BF%D0%B0%D1%81%D0%BD%D0%BE%D1%81%D1%82%D1%8C (дата обращения: 12.05.2023).

25. Annan K. In larger freedom: towards development, security and human rights for all. Report of the Secretary-General. New York: United Nations.- 2005.- P. 2 - 4

26. Ogata S. Inclusion or Exclusion: Social Development Challenges For Asia and Europe. Asian Development Bank Seminar, 27. 1998.

27. Paleri P. National Security: Imperatives And Challenges. New Delhi: Tata McGraw-Hill. - 2008.- P. 513 – 521.

28. Peters H. Lehrbuch der Verwaltungsrecht.- Frankfurt am Main, 1961.-582 p.

29. Samper R. Kommentar zum bayerischen Polizeiaufgabengesetz.- Munchen. 1965. – 565 p.

30. Thakur R. From National to Human Security, In: S. Harris and A. Mack, eds. Asia-Pacifi c Security: The Economics, Politics Nexus. Sydney: Allen & Unwin, 1997. - P. 46 -53.

31. Thomas C. and Wilkin P. Globalization, Human Security, and the African Experience.- Boulder; London: Lynne Rienner Publishers, Inc.- 1999. – 211 p.

**Кудратуллозода Б.К.,**
**Шоисматуллоева Ф.Ш.**

**Фишурда**

**Амният: баъзе ҷанбаҳои ҳуқуқӣ**

Дар мақола ҷанбаҳои ҳуқуқии мафҳуми «амният» дар ҳуқуқи миллӣ, хориҷӣ ва байналмилалӣ, инчунин масъалаҳои ҳамкориҳои байналмилалии кишварҳо дар ин соҳа таҳлил карда шудаанд. Дар айни замон муносибат ба масъалаҳои амният ба таври гуногунҷанба пешниҳод карда мешавад. Аммо ин тартиб додани махфуми одӣ, универсалӣ ва аз тарафи умум эътирофшудаи онро осон намекунад. Дар ҳамин ҳол, бисёрҷанбагии мафҳуми амният боиси мушкилот дар эҷоди таърифи ягонаи умумӣ мегардад. Танхо бо дарки равшании он, ки истилохи «амният» чиро фаро мегирад, мумкин аст, ки тахдидхои асосиро ба амнияти миллӣ ва байналмилалӣ муайян намуда, равандхои безарар гардонидани онҳо ва кам кардани окибатхои таъсири онхоро муайян намуд.

**Кудратуллозода Б.К.,**
**Шоисматуллоева Ф.Ш.**

**Аннотация**

**Безопасность: некоторые правовые аспекты**

В статье анализируются некоторые правовые аспекты интерпретации понятия «безопасность» в национальном, зарубежном и международном праве, а также вопросы международного сотрудничества стран в данной сфере. В настоящее время подход к вопросам безопасности представлен многоаспектно. Однако, это не облегчает формулировку простого, универсального и общепринятого его определения. Между тем многоаспектность самого понятия безопасности приводит к трудностям в создании единого целостного определения проблемы. Только при наличии четкого понимания того, что охватывает термин «безопасность», есть возможность обозначить главные угрозы обеспечению национальной и международной безопасности и определить процессы по их нейтрализации и минимизации последствий их воздействия.

**Kudratullozoda B.K.**
**Shoismatulloeva F.Sh.**

**The summary**
**Security: some legal aspects**

The article analyzes the legal aspects of the interpretation of the concept of “security” in national, foreign and international law, as well as issues of international cooperation between countries in the field of security. Currently, the approach to security issues is presented in a multidimensional way. However, this does not make it easier to formulate a simple, universal and generally accepted definition. Meanwhile, the multidimensional nature of the very concept of security leads to difficulties in creating a single holistic definition of the problem. Only with a clear understanding of what the term “security” covers is it possible to identify the main threats to national and international security and identify processes to neutralize them and minimize the consequences of their impact.

**Рецензент статьи Раджабзода М. Н. – кандидат юридических наук, доцент**

**ВБД: 341. 4 (575. 3)** **Саъдиев И. З.***

# КОНСТИТУТСИЯ ВА ҚОНУНҲО ҲАМЧУН САРЧАШМАҲОИ ТАНЗИМИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, қонун, сарчашма, хизмати давлатӣ, сиёсати ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, ислоҳоти конститутсионӣ.

**Ключевые слова:** Конституция, закон, источник, государственная служба, правовая политика, нормативные правовые акты, законодательство, конституционные реформы.

**Keywords:** Constitution, law, source, public service, legal policy, regulatory legal acts, legislation, constitutional reforms.

Ҳар як Конститутсия ҳамчун қонуни асосӣ дар ҷомеаи мутамаддин сарфи назар аз тарзи омода кардани лоиҳа ва қабули он, ҳатто сарфи назар аз ҷиҳати мазмуни мушаххас ва сохтори дохилӣ, аз нигоҳи ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва таърихӣ ҳуҷҷати ниҳоят арзишманд мебошад. Мутахассисон вобаста ба аҳамияти Конститутсия фикру мулоҳизаҳои мухталифро пешкаш намуда, кушиш менамоянд, ки ҷойгоҳи онро дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар ва саҳми онро дар танзим ва пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ, муайян созанд.

Ба маънои аслӣ ва воқеӣ Конститутсияи ҷумҳурӣ бунёдкунанда, муқарраркунанда ва ё ҳуҷҷатест, ки ҷомеаро ба роҳи рушд раҳсипор намуда, барои ба зиндагии арзанда ва инкишофи озодона расидани мардум, тарз, усул ва ҳадафҳои мушаххасро муайян менамояд. Дар заминаи он санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гардида, муносибатҳо дар ҷомеа ба низом ва ба танзим дароварда мешаванд.

Конститутсияи ҷумҳурӣ барои ҷомеа гӯё рамзи ирсӣ аст, ки аз рӯйи он ва мувофиқи он рушду таҳаввул ва такмили он пеш меравад ва бояд пеш равад. Вай пойдевори ҳуқуқии давлатро ташкил дода, бо ҳамин ба ҷамъият сохти мувофиқ медиҳад, вай ҳамчун асоси тамоми низоми ҳуқуқии ҷамъият баромад карда, кори тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятиро ба низому тартиб медарорад. Аҳамияти Конститутсияро ҳамчун сарвати маънавие, ки ҷаҳонбинӣ ва идеалҳои одамонро ташаккул дода, онҳоро дар як умумият муттаҳид менамояд, қайд накардан мумкин нест[128]. Конститутсияи ҷумҳурӣ на танҳо дар ба низом даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ба маҷроҳи муайян равона кардани онҳо нақш дорад, балки дар рушду нумуи илми ҳуқуқшиносӣ низ саҳми арзишманд дорад. Конститутсия қонуни одӣ набуда, ҳатто вай ҳуҷҷати дар доираи талаботи илмӣ таҳияшудаест, ки ба ҷаҳонбинии шаҳрвандон таъсир мерасонад ва ба рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сиёсӣ ва ғайра низ таккони ҷиддӣ медиҳад.

Иқтидори танзимии Конститутсия дар ҷомеа, давлат ва институтҳои ҳуқуқӣ аҳамият бағоят бузург дорад.

Дар назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ ду шакли амали меъёрҳои конститутсионӣ ҷудо карда мешавад.

- бевосита;
- бавосита.

---

* Мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. E-mail: ismoil.s85@mail.ru; Тел.: (+992) 555585552.

[128]Ниг.: Атаманчук Г.В. Сущность государственной службы: история, теория, закон, практика: монография. – Изд. 2-е, доп. – М.: Изд-во РАГС, 2008. – С.163.

Конститутсия ҳамчун санади олӣ ва муҳимтарини сиёсӣ-ҳуқуқӣ асоси ҳуқуқии бунёди ҷомеа ва давлат мебошад ва мувофиқи хусусиятҳои худ ҳуҷҷати ҷозибаноки муттаҳид ва сафарбаркунандаи тамоми мардум аст.

Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати сиёсӣ мазмуни ба худ хос дорад. Одатан, дар он шакли ҳуқуқии масъалаҳои муҳимтарини ба соҳибихтиёрии давлат, сохтори ҷамъиятӣ ва давлатӣ, шакл идораи давлат, ҳолати ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, тарзи таъсис ва фаъолияти мақомоти давлатӣ, таъсис ва фаъолияти мақомоти худидораи маҳаллӣ алоқаманд муайян ва танзим карда мешаванд.

Мавқеи Конститутсия дар муайян кардани қонунҳои нави сершумор ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар, дар татбиқи асосҳо ва заминаҳои нави давлатдорӣ хеле калон аст. Аз ин рӯ, Конститутсия ва ҳолату меъёрҳои он дар ташаккулёбии низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории ҷумҳурӣ, дар пойдор гардидан ва камолоти давлатдорӣ дар Тоҷикистон аҳамият калон доранд.

Моҳияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд -ҶТ) ҳифзи ирода ва манфиатҳои халқи ҷумҳурӣ буда, таркиби сохтори ҷамъият, сохтори давлат вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, низом ва тартиби таъсису фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, ҳолати ҳуқуқии шахсони мансабдор ва салоҳияти онҳоро муайян менамояд.[129]

Вақте сухан дар бораи Конститутсияи ҶТ меравад, кас бояд на танҳо матни онро ва ё ҳарфи онро бинад, балки рӯҳи он, мазмуни он ва маънои мураккаби семантикии онро дар мавҷудияти давлат ва ҷомеа эҳсос намояд. Бо вуҷуди он, ки мо Конститутсияро дар соли 1994 қабул карда, се маротиба тағйиру иловаҳо ворид намудем, то ҳол мазмуну муҳтавои онро на ҳама шаҳрвандон амиқан дарк кардаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мазмуни Конститутсия ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ бояд фарохтар аз матни он фаҳмида шавад. Ҷустуҷӯ кардани калимаҳо ва ибораҳои муайян дар матни Конститутсия ҷиҳати муайян кардани мавҷудияти танзими муносибатҳои соҳаҳои мухталиф ба мақсад мувофиқ набуда, аз маҳдуд шудани фаҳмишҳо дар доираи матни Конститутсия шаҳодат медиҳад.

Яке аз соҳаҳое, ки нақши Конститутсияя дар он назаррас мебошад, ин соҳаи хизмати давлатӣ аст. Сарчашмаи асосии хизмати давлатӣ Конститутсияи ҶТ мебошад, ки 6 ноябри соли 1994 қабул шудааст. Тибқи муқаррароти моддаи 10-и он "Конститутсия қувваи олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд" ва дар тамоми қаламрави ҶТ татбиқ карда мешаванд. Қонун ва дигар санадҳои меъёрҳои ҳуқуқии дар ҶТ қабулшаванда, набояд ба Конститутсияи ҶТ мухолифат кунад. Ба хизмати давлатӣ аҳамияти асосиро он меъёрҳои конститутсионие соҳиб мегарданд, ки принсипҳои соҳавиро ифода мекунанд. Мувофиқан, агар аз рӯйи матн ба Конститутсия назар намеом, пас муайян мегардад, ки ибораи хидмати давлатӣ дар он ҳамагӣ як бор дар моддаи 27 оварда шудааст, ки тибқи он шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд. Вале бояд таъкид намуд, ин асло маънои онро надорад, ки бо ҳамин як ибора мазмуну имкониятҳои Конститутсия оид ба хизмати давлатӣ ва мутаносибан муносибатҳои байни онҳо ба итмом мерасад.

Бо қабули Конститутсияи ҶТ соли 1994 падидаи хизмати давлатӣ заминаи мустаҳками конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ пайдо кардааст (қисми 2, моддаи 27). Шаҳрванд метавонад ҳуқуқи иштироки худро дар ҳокимияти давлатӣ бевосита ё ба воситаи намояндааш истифода барад (қисми 1, моддаи 27 Конститутсия). Ҳуқуқ

[129] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: Офсет Империя, 2017. – С. 75-77.

ба хизмати давлатӣ бо иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар идоракунии давлат алоқаманд аст. Конститутсияи ҶТ ҳуқуқи баробарии шаҳрвандон ба хизмати давлатиро мукаррар намуда, нисбати шахсоне, ки ба хизмати давлатӣ дохил мешаванд, ягон талаботро мукаррар накардааст, масалан: қобилият, мувофиқ будан ба хизмат, дараҷаи маълумот, пешравии хизматии хизматчиёни давлатӣ дар фаъолияти хизматӣ ва ғайра. Татбиқи ин ҳуқуқи конститутсионӣ дар санадҳои қонунгузорӣ ба таври муфассал танзим шудааст.

Дар Конститутсияи ҶТ низ як қатор муқаррароте эълон шудааст, ки бевосита ё бавосита ба институти хизмати давлатӣ марбутанд. Масалан:

- уҳдадории давлат оид ба эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодихои инсон ва шаҳрванд (қисми 3 моддаи 5);

- ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ таҷзия кардани ҳокимияти давлатӣ (моддаи 9);

- волоияти Конститутсия, таъсири бевоситаи меъёрҳои он, инчунин уҳдадории давлат, ҳамаи мақомот ва шахсони мансабдор оид ба риояи Конститутсия (моддаи 10);

- афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва татбиқи бевоситаи онҳо (моддаи 14); манъ кардани аъзои Ҳукумати ҶТ ҷиҳати ишғоли вазифаи дигар, вакили мақомоти намояндаги будан, ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан, ба истиснои фаъолияти илмӣ, эҷоди ва омӯзгорӣ (кисми 3 моддаи 73).

Боби 9 Конститутсия ба асосҳои ташкили фаъолияти мақомоти прокуратура ва хизматчиёни давлатие, ки фаъолияти худро дар ин мақомот анҷом медиҳанд, бахшида шудааст. Ҳамаи ин далели он аст, ки қонуни асосӣ барои танзим намудани падидаи хизмати давлатӣ бо як модда маҳдуд нагардидааст.

Конститутсияи ҶТ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ дар танзими падидаи хизмати давлатӣ нақши муассир дошта, асоси қабули қонунҳои махсус дар соҳаи хизмати давлатӣ гардидааст. Конститутсияи кишвар меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқиеро дар бар мегирад, ки бевосита ба хизмати давлатӣ алоқамандаанд.
Ҳамин тариқ, Конститутсияи кишвар:

- барои хизмати давлатӣ манбаи ҳуқуқии қувваи олии ҳуқуқӣ ва амали бевосита мебошад, ки мувофиқати пурраи ҳадафҳо, сохтор ва тартиби фаъолияти хизмати давлатиро ба Конститутсия дар назар дорад;

- хизмати давлатӣ дар маҷмуъ барои таъмини татбиқи мақсад ва вазифаҳои давлат равона карда мешавад, аз ин рӯ, тамоми муқаррароти Конститутсияи кишвар барои он дахлдор ва ҳатмӣ мебошанд;

- ташкил ва фаъолияти хизмати давлатӣ аз моҳияти давлат, ки дар Конститутсия ифода ёфтааст, сарчашма гирифта, бояд параметрҳои давлатдории дар он зикргардида, асосан муносибатҳои онро бо ҷамъият ва шаҳрвандон ҳифз намуда, ва инкишоф диҳад.

Дар миёни сарчашмаҳои танзими муносибатҳои хизмати давлатӣ қонунҳо мавқеи калидиро ишғол менамоянд. Меъёрҳои конститутсионӣ дар бораи дастрасии баробари шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ дар амалияи қонунгузории ҷумҳурӣ бо қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 13 ноябри соли 1998, № 677 такмили минбаъда пайдо мекунанд. Қонуни мазкур дар муътадил гардонидани фаъолияти дастгоҳи давлатӣ, муайян намудани мақоми хизматчиёни давлатӣ нақши назаррас дошт ва ин санад заминаи муҳими ташаккули раванди таъсиси хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон гардид. Қонуни мазкур то соли 2007 амал намуда, дар маҷмуъ нӯҳ сол муносибатҳоро дар бахши хизмати давлатӣ ба танзим даровард.

Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" бори нахуст дар худ фаҳмиши моҳияти муосири хизмати давлатиро дар худ инъикос намуд.[130]

Дар давраи амали худ Қонун "Дар бораи хизмати давлатӣ корҳои зиёд ҷиҳати ташаккули хизмати давлатӣ ба сомон расонида шуд ва хизмати давлатӣ объекти таваҷҷуҳи ниҳодҳои ташаккулёфтаи ҷомеаи шаҳрвандӣ гардид. Ҳамзамон дар ин давра ташаккули инфрасохтори ташкилӣ, илмӣ, методӣ, таълимӣ ва иттилоотии хизмати давлатӣ оғоз гардид.[131]

Чуноне ки Х. Ойев қайд мекунад, бо қабули қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба фаъолияти давлат оид ба фароҳам овардани шароити ташкилию ҳуқуқӣ ва иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандон барои амали намудани ҳуқуқи худ ба хизмати давлати алокамандананд, заминаи устувори ҳуқуқӣ пайдо карданд.[132]

Чи тавре қайд гардид, нахустин қонуни соҳавии соли 1998 қабулгардида, ба институти хизмати давлатӣ тағйиротҳои зиёд ворид намуд. Аз ҷумла қонуни мазкур як қатор мафҳумҳои заминавиро аз қабили «хизматчии давлатӣ», «мақомоти давлатӣ», «мансаби давлатӣ», «мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ», «мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ», «хизматчии давлатӣ», «шахси мансабдор» муайян ва пешкаш намуд. бори аввал тартиб дода шудааст. Инчунин, санади меъёрии ҳуқуқии мазкур як қатор талаботҳоро ба монанди таҳсилоти махсус, аттестатсия, тартиби озмунии ворид шудан ба хизмати давлатӣ, такмили ихтисос ба таври доимӣ, таъминоти моддӣ ва низоми чораҳои интизомиро нисбат ба шаҳрвандоне, ки хоҳиши ишғоли мансабҳои хизмати давлатиро доранд, муқаррар карда буд, Ҳамин тариқ, дар маҷмӯъ бо қабули Қонун аз 13 ноябри соли 1998 муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ дар самти амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ низомномаи одилона гирифта шудааст.

Ҳамин тавр, Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" аз соли 1998 ҷиҳати ба низом дарории хизмати давлатӣ ва амалишавии салоҳиҳияти мақомоти давлатӣ дар кишвари тозаистиқлол саҳми хело калон ва арзишманд гузошт.

Яке аз сарчашмаҳои муҳим дар соҳаи хизмати давлатӣ ин Қонун "Дар бораи хизмати давлатӣ" аз 5 уми марти соли 2007 мебошад, ки айни ҳол қонуни амалкунанда ба ҳисоб меравад. Қонуни мазкур аз 5 боб ва 45 модда иборат буда, асосҳои ташкилию ҳуқуқии хизмати давлатӣ, вазъи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои иҷтимоии хизматчиёни давлатиро муайян менамояд. Қонуни соҳавии амалкунанда муқаррароти қонуни қаблиро инкишоф дода, меъёрҳои замонавиро пешбинӣ менамояд, ки ба стандартҳои байналмилалии танзими ҳуқуқии муносибатҳои хизмати давлатӣ мувофиқат мекунанд. Инҳо, пеш аз ҳама, ҷорӣ намудани тартиби ҳатмии озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ (ба истиснои мансабҳои категорияи олӣ) ва иҷрои минбаъдаи фаъолияти меҳнатӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ бо роҳи бастани шартномаи меҳнатӣ иборатанд.

Баъзе мафҳумҳои асосии дар қонунгузорӣ дар бораи хизмати давлатӣ истифодашаванда низ ислоҳ карда шуданд. Мутобиқи меъёрҳои қонуни нав ҳоло

[130]Ниг.: Джамшедов Д.Н. Некоторые аспекты и особенности определения понятия государственной службы в Республике Таджикистан // Актуальные проблемы развития законодательства Республики Таджикистан. История и современность. Вып. 4 / Отв. ред. Буриев И.Б., Менглиев Ш.М. – Душанбе, 2004. – С. 69.

[131]Ниг.: Каримов К.М. Реформирование государственной службы в контексте оптимизации государственного управления Республики Таджикистан: дисс. … канд. полит. наук. – Душанбе, 2007. – С. 80.

[132] Ниг.: Ойев Х. Хидмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2005. – С. 6.

мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ ба мансабҳои сиёсӣ ва маъмурӣ тақсим мешаванд.

Дар қонун муқаррар шудааст, ки хизматчии давлатии сиёсӣ ин хизматчии давлатиест, ки фаъолияти ӯ ба сиёсати умумидавлатӣ вобаста аст ва барои дар амал татбиқ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат масъул мебошад, хизматчии давлатии маъмурӣ бошад, хизматчии давлатӣ, ки ухдадориҳои мансабии ӯ ба таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ равона карда шудааст.

Ҷ.Н. Ҷамшедзода дар рисолаи илмии худ қайд менамоянд, ки қонуни нав, гӯё, хизматчиёни давлатиро ба «элитаи сиёсии» кишвар, яъне онҳое, ки вобаста ба вазъи сиёсии кишвар иваз мешаванд, низ ҷудо мекунад. Аммо дар худи қонун меъёрҳои дақиқ оид ба маҳакҳо ва асосҳои тафриқагузорӣ хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ вуҷуд надорад. Дар баробари ин, таҳлили сарчашмаҳои меъёрӣ ва адабиёти давлатҳои дигар (масалан, Қазоқистон) имкон медиҳад ба хулоса оем, ки хизматчиёни давлатии маъмурӣ фаъолияти худро дар асоси касбии доимӣ пеш мебаранд ва хизматчии давлатии сиёсӣ метавонад дар натиҷаи тағйироти кадрӣ бо сабабҳои сиёсӣ аз вазифа озод карда шавад (ба вазифа таъин карда мешавад).[133]

Қонуни нав дар моддаи 5-и худ намудҳои хизмати давлатиро муқаррар намуда, онро ба хизмати давлатии шаҳрвандӣ, хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбӣ ҷудо намуд. Ин муқарарот низ яке аз навгониҳо дар қонуни амалкунанда ба ҳисоб меравад.

Ба ҷуз аз Қонун “Дар бораи хизмати давлатӣ,” инчунин қонунҳои зерин ба сифати сарчашмаи хизмати давлатӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравand:

1. Қонуни конститутсионӣ “Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон”;
2. Қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
3. Қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
4. Қонун «Дар бораи ухдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ»;
5. Қонун «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ»;
6. Қонун «Дар бораи милитсия» ва ғайра.

Санадҳои зерикпонунӣ ба низоми қонунгузорӣ шомил шуда, мушаххаскунанда ва таъминкунандаи иҷрои меъёрҳои қонунҳо дар соҳаи хизмати давлатӣ буда, ба сифати сарчашмаи муҳими хизмати давлатӣ баромад менамоянд ва дар асос ва барои иҷрои ҳадафҳои танзими ҳуқуқӣ қабул мешаванд.

Мафҳум, низом, тартиби таҳия ва интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон тибқи Қонун “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз соли 2017 муайян карда шудааст.

Тибқи қонуни номбурда санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ – санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар асос ва барои иҷрои санадҳои қонунгузорӣ қабул мешаванд.

Низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии зеникқонунӣ аз фармонҳои Президент, қарорҳои Ҳукумат, қарорҳои якҷоя ва алоҳидаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, амрҳои вазоратҳо ва дигар мақомоти худидоракунии давлатӣ, қарорҳои кумитаҳои давлатӣ, қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи

---

[133]Ниг.: Джамшедов Дж.Н. Государственная служба Республики Таджикистан: (конституционно правовой аспект): дисс. … канд. юрид. наук. – Москва, 2011. – С. 46.

ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, қарорҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот иборат мебошад.

Танҳо фармонҳои меъёрии Президент санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд. Фармонҳои фардӣ ва амрҳои ғайримеъёрии Президент санади меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб намераванд.

Дар бахши хизмати давлатӣ санадҳои меъёрии зериқонунӣ дар танзими муносибатҳои соҳавӣ иштироки фаъол ва саҳми барҷаста доранд.

Дар бахши хизмати давлатӣ санадҳои зиёди зериқонунӣ қабул гардидаанд, ки бахшҳои мухталифи хизмати давлатиро дар кишвар танзим менамоянд.

Ҳамин тариқ, Конститутсия ҳамчун қонуни асосӣ бо мазмуну муҳтавои худ асоси ҳуқуқии рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро гузошта, дар заминаи он садҳои санадҳои қонунгузорӣ қабул гардидаанд.

Адабиёт:


1.Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳои 1999, 2003, 2016) // www.mmk.tj.

2.Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 5 уми марти соли 2007 // www.mmk.tj.

3.Атаманчук Г.В. Сущность государственной службы: история, теория, закон, практика: монография. Изд. 2-е, доп. — М.: Изд-во РАГС, 2008.

4. Джамшедов Дж.Н. Некоторые аспекты и особенности определения понятия государственной службы в Республике Таджикистан // Актуальные проблемы развития законодательства Республики Таджикистан. История и современность. Вып. 4 / Отв. ред. Буриев И.Б., Менглиев Ш.М. -Душанбе. 2004.

5. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо.- Душанбе: Офсет Империя, 2017. – 500 с.

6. Каримов К.М. Реформирование государственной службы в контексте оптимизации государственного управления Республики Таджикистан: дисс. … канд. полит. наук.- Душанбе, 2007.

7. Джамшедов Дж.Н. Государственная служба Республики Таджикистан: (конституционно правовой аспект): дисс. … канд. юрид. наук. - Москва, 2011.

8.Ойев Х. Хидмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2005.



Саъдиев И.З.

Фишурда

Конститутсия ва қонунҳо ҳамчун сарчашмаҳои танзими хизмати давлатӣ

Дар мақолаи мазкур баъзе манбаҳои низоми сарчашмаҳои хизмати давлатӣ мавриди баррасӣ қарор додашуда, муаллиф қайд менамояд, ки Конститутсия ва қонунҳо ҳамчун сарчашмаҳои асосӣ баромад менамоянд. Ба андешаи муаллиф, тамоми санадҳои танзими фаъолияти хизмати давлатӣ дар заминаи Конститутсия қабул гардида, ба меъёрҳои он мутобиқат менамоянд.

Саъдиев И.З.

Аннотация

Конституция и законы как источники регулирования государственной службы

В рамках данной статьи рассматривается система источников регулирования государственной службы, при этом автор отмечает, что основными источниками являются Конституция и законы республики. По мнению автора, все акты, регулирующие деятельность государственной службы, приняты на основе Конституции и соответствуют ее нормам.


Sadiev I.Z.

The summary

Constitution and laws as a source of civil service

This article examines the system of sources of public service, while the author notes that the main sources are the Constitution and laws. According to the author, all acts regulating the activities of the public service were adopted on the basis of the Constitution and comply with constitutional norms.



**Муқарризи мақола Ойев Х.- номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.**



**ВБД: 341. 4 (575. 3)**


**Собиров М. Ш.***


## ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ ПРИНСИПИ ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ


**Калидвожаҳо:** эҳтимолияти бегуноҳӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ, Рими қадим, тамаддуни шарқӣ, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, адолат, мурофиаи ҷиноятӣ, принсип.

**Ключевые слова:** презумпция невиновности**,** Конститутция Республики Таджикистан, уголовно процессуальный Кодекс**,** Древний Рим, восточная цивилизация, потерпевший, обвиняемый, подсудимый, права и свободы человека и гражданина, справедливость, уголовный процесс, принцип.

**Keywords:** presumption of innocence, Constitution of the Republic of Tajikistan, Criminal Procedure Code, Ancient Rome, Eastern civilization, victim, accused, defendant, human and civil rights and freedoms, justice, criminal process, principle.


Пайдоиш ва ташаккули эҳтимолияти бегуноҳиро олимону муҳаққиқон ҳаргуна маънидод менамоянд. Баъзеи онҳо дар он андешаанд, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ дар Рими қадим пайдо шудааст. Олимони дигар бошанд чунин меҳисобанд, ки ин истилоҳ дар тамаддуни шарқӣ низ фаррох истифода мегардид. Яъне вобаста ба ин андешаҳо оид ба пайдоиш ва ташаккули эҳтимолияти бегуноҳӣ ягонафикрӣ ҷой надорад. Зимнан бояд қайд намуд, ки вожаи мазкур таърихи чандинасра дошта, аз ҷониби омма ҳамчун ҳақиқати баҳснопазир пазируфта шудааст. Вале аз рӯи таҳлилҳо, он замон на эҳтимолияти бегуноҳӣ, балки вожаи росткорӣ ва ҳалолкорӣ (praesumptio boni viri)[134] амал мекард, ки он баҳри бартараф намудани мушкилиҳо ва баҳсҳои шаҳрвандӣ истифода мегардид. Мутобиқи қонунгузории замони мазкур ҳар як иштирокчии муносибатҳои гражданӣ дар фаъолияти худ ҳалолкору бовиҷдон ва поктинату росткор эътироф мегардид ва


*Ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Тел.:** +992 918150505 E-mail: **sobirov0505@mail.ru**


[134]Ниг.: Фойницкий И.Я. Курс уголовного судопроизводства.- Том II.- СПб.: Альфа, 1996.- С. 245.

шахсе агар нисбат ба фаъолияти одилонаи шахси дигар шубҳа пайдо мекард, уҳдадор буд исбот намояд. Муҳаққиқи ватанӣ З.Ҳ. Искандаров дар ин хусус чунин ибрози назар менамояд, ки: "эҳтимолияти бегуноҳӣ аз аввал сирф моли мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб намерафт. Меъёри мазкур аз меъёрҳои ахлоқӣ маншаъ мегирад. Мутобиқи меъёрҳои ахлоқӣ инсон аз аввал ҳамчун шахси поквиҷдон маҳсуб меёфт, то он даме ки баръакси он исбот нагардад"[135].

Гузашта аз ин баъзе муҳаққиқон бар он назаранд, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ сарчашмаи худро аз Рими қадим намегирад, зеро истилоҳҳои ростқориву ростқавлӣ танҳо баҳри бартараф намудани баҳсҳои шаҳрвандӣ равона гардида буд ва ҳеҷ рабте ба ҷиноят ҷинояткорӣ надошт[136].

Воқеан аз рӯи таҳлилҳои адабиёти ҳуқуқӣ ва андешаҳои чанде аз муҳаққиқон, истилоҳҳои болозикр дар бисёр ҳолатҳо баҳри бартараф намудани масъалаҳои граждании ва ё шаҳрвандӣ равона гардида буд. Ба андешаи мо чунин андешаҳо чандон қобили қабул нестанд, зеро дар замони мазкур ин принсип умумӣ буда, дар ҳама соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода мегардид. Чунки бо вуҷуд доштани муносибатҳои маданӣ, вуҷуд надоштани ҷиноят ҷинояткорӣ имконнопазир аст. Масалан агар истилоҳҳои фавқуззикр танҳо баҳри ҳалу фасл намудани масъалаҳои маданӣ равона гардида бошанд, пас масъалаи марбут ба ҷиноят ҷинояткорӣ ва бегуноҳиву гунаҳгории шахсро бо кадом ибора муайян менамуданд? Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки ибораҳои болозикр дар баробари танзими муносибатҳои маданӣ, ҳамчунин дар бартараф намудани ҳолатҳои ҷиноят ҷинояткорӣ, муайян намудани бегуноҳиву гунаҳгорӣ ва инчунин исботи ҳамаҷонибаи айби шахс дар содир намудани ҷиноят низ истифода мегардид. Истисно танҳо дар он дида мешавад, ки истилоҳи мазкур дар он замон на ба шаклу мафҳуми имрӯзааш, балки бо вожаҳои гуногун, ки мазмунан ба бегуноҳии шахс ишора мегардид, фаҳмида мешуд.

Ҳарчанд бештари олимону муҳаққиқон бар он нуқтаи назаранд, ки истилоҳи эҳтимолияти бегуноҳӣ сарчашмаи худро аз Рими қадим мегирад, вале тамаддуни шарқиро низ набояд фаромӯш кард.

Бояд қайд намуд, ки дар якчанд сарчашмаҳои таърихии тоҷикон аз қабили Авасто ва низоми ҳуқуқии Зардуштӣ, ки ҳанӯз дар ҳазораи II пеш аз мелод арзи ҳастӣ дошт, вожаи ростқориву поквиҷдонӣ фаррох истифода мегардид.

Ба андешаи Қ.Ш. Қурбонов вожаҳои зикргардида то пайдоиши ҳуқуқи римӣ дар Авасто дида мешуд ва ҳуқуқи римӣ танҳо барои ташаккули минбаъдаи он заминаи мусоид фароҳам овард[137].

Дар давраҳои қадим ҳокимият танҳо ба як нафар, яъне монарх тааллуқ дошт ва ҳамаи халқияту миллатҳо аз ин марҳилаи таърихӣ гузашатаанд. А.Ғ. Холиқов менависад, ки Мансур Ростин дар тадқиқотҳои худ муайян менамояд, ки ҳам дар Эрони қадима ва ҳам Турон ҳокимият дар дасти як нафар буд. Шоҳ ҳамчун судяи болоӣ маҳсуб меёфт ва ҳама ҳуқуқвайронкуниҳои махсусан вазнинро ӯ шахсан худаш мавриди баррасӣ қарор дода, ҳукм мебаровард[138].

Ин гуфтаҳо башорат аз он медиҳанд, ки ҳанӯз аз замонҳои пеш то инҷониб масъалаи адлу адолат ва баробариву ростқавлии шахс дар саргаҳи ақли инсонӣ қарор дошт, вале бояд иқрор кард, ки он замон бинобар сабаби паст будани шууру маърифати ҳуқуқӣ ва ахлоқии мардум нисбатан шакли нодурусти исботнамоӣ дар бегуноҳии шахс муқаррар гардида буд.

---

[135]Ниг.: Искандаров З.Х. Защита прав человека в уголовном процессе Республики Таджикистан: история и современность. – Душанбе: Эр-граф, 2022. – С.132.

[136]Ниг.: Курс советского уголовного процесса. Общая часть. //Под ред. А.Д. Бойкого и И.И. Кариена. - М., 1989.- С. 21.

[137] Ниг.: Курбонов К.Ш. Добросовестность в гражданских правоотношениях и её правовой эффект // Под ред. д.ю.н., профессора Дж.С. Муртазакулова. –СПБ.: Питер, 2018. – С.12.

[138] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). -Душанбе: Маориф ва фарҳанг – 2005. - С.88.

Низом ул-Мулк менависад, ки дар ҳама давру замон шурӯъ аз давраи Одам то ин дам дар ҳама намуди шакли давлатдории халқҳо адолати судӣ... вуҷуд дошт[139].

Хотирнишон бояд сохт, ки дар давраҳои қадим барои ҳал намудани масъалаҳои судӣ ва умуман муайян намудани бегуноҳиву гунаҳгории шахс шаклҳои гуногуни исботнамоӣ амал мекард. Масалан дар низоми ҳуқуқи Зардуштӣ аксар вақт оҳан, оташ ва обро ҳамчун асоси исботнамоии гуноҳи шахс дар содир намудани ҷиноят истифода мекарданд. П.С. Абдуллоев менависад, ки дар он замон шаклҳои гуногуни ордалия мавҷуд буд, ки тавассути он гунаҳгорӣ ва ё бегуноҳии шахс муайян карда мешуд. Масалан ордалияи гарм дар намуди мондани оҳани тафсон ба бадан, рехтан ё даромадан ба моеи ҷӯшон, оби ҷӯшон, равғани тафсон ва ғайра сурат мегирифт. Ордалияи сард бошад бо роҳи даромадан ба оби хунук ва ғайра сурат мегирифт[140]. Онҳо ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ, дар сурати мавҷуд набудани шоҳидон ва набудани далел барои исботи гуноҳи гумонбаршуда дар содир намудани ҷиноят аз қуввахои иллоҳӣ ва фариштагон истифода менамуданд, зеро онҳо чунин меҳисобиданд, ки онҳо мебинанд ва медонанд, кӣ гунаҳгор аст ва кӣ бегуноҳ[141]. Н.Б. Хоҷаева низ бар он нуқтаи назар аст, ки дар низоми ҳуқуқии Зардуштӣ исботнамоӣ аслан бо тариқи ордалия ва қасамёднамоӣ сурат мегирифт[142].

Сарчашмаи дигари қадимаи шарқӣ, ки дарбаргирандаи меъёрҳову унсурҳои эҳтимолияти бегуноҳӣ буд, Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ба ҳисоб меравад. Дар он Куруш иброз медорад, ки: "...дар подшоҳии ман ҳар миллат озод аст...", "...нахоҳам гузошт, ки касе ба дигаре ситам кунад ва агар касе нотавон буд ва бар ӯ ситаме рафт, ман аз вай дифоъ хоҳам кард ва ҳаққи ӯро гирифта ва баъд пас хоҳам дод ва ситамкоронро ба кайфар хоҳам расонд[143].

Қ.Ш. Қурбонов менависад, ки вобаста ба бегуноҳӣ ва адолату баробарҳуқуқии шахс на танҳо олимони ғарбӣ, балки мутафаккирони шарқӣ низ аз қабили Абуабдуллоҳ Рудакӣ, Абдулқосим Фирдавсӣ, ал-Форобӣ, Абул Ҳасан Амерӣ, Низом ул-Мулк, Ғазолӣ, Ибн Ҳалдун, ва Аҳмади Дониш[144] андешаронӣ намудаанд.

Ҳамин тариқ бо мурури замон ва бо тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ масъалаи бегуноҳии шахс ва исбот гардидани гуноҳи шахс дар содир намудани ҷиноят тақозои замон шуд. Дигар мардум бо ҳар роҳу восита аз бегуноҳии худ дифоъ менамуданд ва пайваста талош меварзиданд, ки бегуноҳии онҳо дар мадди аввал гузошта шавад.

Дар замони Шӯравӣ низ ба монанди замонҳои пеш то солҳои 1940 амали ин принсип чӣ аз ҷониби шахсони мансабдор ва чӣ олимону ҳуқуқшиносон пурра рад карда шуда, ба ҷои эҳтимолияти бегуноҳӣ эҳтимолияти гунаҳгории шахс истифода мегардид. Ба унвони мисол яке аз прокуророни он замон А.Я. Вишинский амалишавии онро пурра нолозим дониста, ҳатто иброз медорад, ки он бояд ба партовгоҳ партофта шавад, чун ба он ҳеҷ зарурате нест.[145] Дар баробари ӯ ҳамчунин С.А. Голунский низ изҳор медорад, ки эҳтимолияти бегуноҳиро ба мурофиаи ҷиноятӣ ворид намудан ин танҳо як омили барасмиятдарории он буда, як чизи хаёлӣ аст, ки тавассути он ба суд такя карда мешавад, ки бармаҳал

[139] Ҳамон ҷо.
[140]Ниг.: Абдуллоев П.С. Далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – С.13.
[141]Ниг.: Халиков А.Г. Асари ишорашуда. - С.94.

[143]Ниг.: Эъломияи Куруши Кабир // Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – С. 117.
[144] Ниг.: Курбонов К.Ш. Асари ишорашуда. – С.12.
[145] Ниг.: Вышинский А.Я. Революционная законность и задачи советской защиты. - М.: Редакционно-издательский сектор Мособлисполкома, 1934. - С.18.

хулосабарорӣ карда нашавад. Ҳарчанд дар ҷараёни пешбурди он ҳамаи мушкилиҳоро ҳал намудан мумкин аст.[146] Яъне эҳтимолияти бегуноҳӣ дар замони Шӯравӣ чандин солҳо истифода намегардид, вале олимон барои тавлиди дубораи он кушишу заҳматҳои зиёд кашиданд.

Бо боварии комил метавонем иброз дорем, ки яке аз поягузорони бунёдии ташаккул ва инкишофи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар илми мурофиаи ҷиноятии замони Шӯравӣ М.С. Строгович маҳсуб меёбад. Чунки ҳанӯз дар соли 1946 китоби дарсии ӯ таҳти унвони «мурофиаи ҷиноятӣ» ба чоп баромад, ки дар он мазмуни пурраи эҳтимолияти бегуноҳӣ бо чунин тарз инъикос гардида буд: «Ҳар як шаҳрванд бегуноҳ дониста мешавад, то он даме ки гунаҳгории ӯ тибқи муқаррароти қонун муайян карда нашавад.»[147] Мафҳуми пешниҳоднамудаи М.С. Строгович роҳи минбаъдаи инкишофёбии эҳтимолияти бегуноҳиро боз намуд. Чунки тавассути он ҳолати ҳуқуқии шахс муайян гардида, амали он алакай ба ҳама паҳн мегардид ва мутобиқи он ҳамаи шаҳрвандон алакай медонистанд, ки то замоне ки ҳукми суд ба қувваи қонунӣ надарояд, шахс шаҳрванди комилҳуқуқи ҷомеа ба ҳисоб меравад ва фикри субъективии шахсони дахлдор ҳам дар давраи тафтишоти пешакӣ ва ҳам давраи судӣ оид ба бегуноҳиву гунаҳгории шахс танҳо фикри онҳо боқӣ мемонаду халос.

Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон низ принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ яку якбора пайдо нашудааст, балки як марҳилаи муайяни таърихиро сипарӣ намудааст. Принсипи мазкур аввалин маротиба инъикоси воқеии худро дар қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Шӯравӣ дар моддаи 7-и Асосҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар ИҶШС ва Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ аз соли 1958 пайдо намуд, ки мутобиқи он ҳеҷ касро то ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф намудан ва ҷазои ҷиноятӣ додан мумкин набуд.

Асосҳои мазкур барои қабули кодексҳои мурофиаи ҷиноятии давлатҳои Шӯравӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар натиҷа ҳамаи Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ солҳои 1959-1961 кодексҳои нави мурофиаи ҷиноятии худро қабул намуданд. Аз ҷумла Тоҷикистон низ 17-уми августи соли 1961 Кодекси мурофиаи ҷиноятии худро қабул намуд, ки он аз 1-уми ноябри соли 1961 мавриди амал қарор гирифт. Шоёни зикр аст, ки кодекси мазкур то қабули Кодекси мурофиаи ҷиноятии кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 3-юми декабри соли 2009 қабул гардида, аз 1-уми апели соли 2010 мавриди амал қарор гирифт, дар зарфи тақрибан 50 сол амал намуд. Дар ин муддат ба ин кодекс тағйиротҳои зиёд ворид карданд, вале принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳамчун моддаи алоҳида солҳои зиёд дар он дарҷ нагардида, танҳо баъзе аз меъёрҳои онро дидан мумкин буд.

Дар Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон вобаста ба эҳтимолияти бегуноҳӣ солҳои зиёд ҳамчун сарлавҳа моддаи алоҳида пешбинӣ нагардида буд, балки танҳо баъзе аз меъёрҳои ин принсипро дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1978, Кодекси ҷиноятии ҶШСТ соли 1961 ва Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶШСТ соли 1961 мушоҳида намудан мумкин буд. Вале баъдтар 25 августи соли 1983 пас аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (1961) мафҳуми эҳтимолияти бегуноҳӣ дар қисми 2-и моддаи 8 дарҷ гардид. Моддаи мазкур муқаррар намуд, ки «ҳеҷ касро бе ҳукми суд ва бар хилофи қонун дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор донистан ва инчунин ҷазои ҷиноятӣ додан мумкин нест»[148].

---

[146] Ниг.: Голунский С.А. О вероятности и достоверности в суде // Проблемы уголовной политики. Кн. 4. - М.1937. - С. 59.

[147]Ниг.: Строгович М.С. Уголовный процесс. - Юрид. изд-во МЮ СССР, 1946. – С. 37.

[148]Ниг.: Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Қудратов – Душанбе, 2016. – С.56-57.

Марҳилаи асосӣ барои инкишофи минбаъдаи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ин қабули қонуни асосии давлат Конститутсияи ҶТ (6-уми ноябри соли 1994) мебошад. Пас аз заҳмату талошҳои зиёди олимону тадқиқотчиёни замони Шӯравӣ ва бархурдҳои беамон баҳри дар сатҳи қонунгузорӣ ҷой намудани принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ билохира ин принсип дар моддаи 20-и боби дуюми Конститутсия – "ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд" пешбинӣ гардид, ки мутобиқи он: "ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф карда намешавад"[149].

Дар заминаи моддаи 20-и Конститутсия, Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶТ дар моддаи 15-и худ ин принсипро дар 5 қисмат муқаррар намуд, ки дар он на натанҳо қисми 1-и моддаи 20-и Конститутсия, ҳамчунин дигар унсурҳои зарурӣ аз қабили "уҳдадории исботи айб ба зиммаи айбдоркунанда гузошта мешавад", "гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда уҳдадор нестанд, ки бегуноҳии худро исбот намоянд**"**, "ҳама гуна шубҳаҳои гунаҳгории айбдоршаванда, ки бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур бартараф карда намешаванд, ба фоидаи айбдоршаванда маънидод карда мешавад" ва "ҳукми айбдоркуниро бо тахмин асоснок кардан мумкин нест"[150] таҷассум гардидааст.

Ба андешаи баъзе муҳаққиқон эҳтимолияти бегуноҳӣ аз сиёсат ба мурофиаи ҷиноятӣ ворид гардидааст ва замоне онро ҳамчун шиори сиёсӣ истифода мебурданд. Вале ба андешаи мо эҳтимолияти бегуноҳӣ на шиор, на эъломия ва на ягон санади меъёрист, балки ҳолати воқеӣ ва ҳуқуқии инсон аст. Принсипи мазкур дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ низ ба таври васеъ истифода бурда мешавад, вале моддаи 20-и Конститутсия, ки ба эҳтимолияти бегуноҳӣ бахшида шудааст, танҳо ба мурофиаи ҷиноятӣ тааллуқ дорад. Моҳияти принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар он аст, ки намегузорад шахс ғайриқонунӣ ва беасос маҳкум гардад. Яъне, принсипи мазкур кафолатдиҳандаи озодии инсон аз ҳар гуна таҷовузҳои беасосу ғайриқонунӣ маҳсуб ёфта, баробарии тарафҳо ва адолатро тақозо менамояд.

В.А. Ойгензихт чунин меҳисобад, ки агар эҳтимолият рад карда нашавад ва агар мавқеи муайяне бар хилофи он гузошта нашавад, ин маънои ба воқеият табдил ёфтани эҳтимолиятро надорад, вале ин нодурустии факт ва ё мавқеи гузошташударо низ нишон намедиҳад[151].

Ҳарчанд имрӯз эҳтимолияти бегуноҳӣ кафолатдиҳанда ва таъминсозандаи бегуноҳиву озодии инсон аст, вале аз рӯи таҳлилҳои боло дар замонҳои қадим дар ин хусус табъиз аз рӯи мақому манзалат дар авҷи аъло буд. Дар замони мазкур шахсоне, ки сарватманд ва ё аз табақаи болоӣ буданд, ҳукми суд нисбати онҳо ба дигар тарз ва шахсоне, ки аз табақаи поёнӣ буданд, ба таври дигар татбиқ карда мешуд. Ғуломон бошанд, умуман ҳуқуқ надоштанд. Онҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ на ба ҳайси айбдоршаванда ва на ба ҳайси айбдоркунанда баромад карда наметавонистанд, чунки онҳо сараввал ҳамчун инсон эътироф карда намешуданд, балки онҳоро ҳамчун мол истифода мебурданд.

Принсипи мазкур яке аз принсипҳои калидӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ маҳсуб ёфта, таъмингару кафолатдиҳандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҳар гуна таҷовузҳои ғайриқонунӣ ба ҳисоб меравад. Тавассути ин принсип бештари мушкилиҳое, ки дар рафти тафтишоти пешакӣ ва дигар давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ пайдо мешаванд ҳал худро меёбанд. Ин бори дигар аз он башорат медиҳад, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ дар низоми принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ бе шубҳа мавқеи марказиро ишғол менамояд. Ҳарчанд ин принсип яке аз принсипҳои

---

[149]Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/. (санаи муроҷиат: 10.04.2023).

[150]Ниг.: Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶТ аз 3-юми декабри соли 2009 – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/. (санаи муроҷиат: 10.04.2023).

[151]Ниг.: Ойгензихт В.А. Избранные труды.- Душанбе: Типография ТНУ, 2019. - С.163.

асосӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад, вале бояд иқрор кард, ки фаҳмиши ҳамаҷонибаи ин принсип дар замони имрӯза мушкил ва баҳсбарангез боқӣ мемонад. Чунки шурӯъ аз лаҳзаи пайдоиш то ҳанӯз оид ба табиати ҳуқуқӣ, мазмуну моҳият, амали он дар давраҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ ва умуман зарур будан ва ё набудани ин принсип баҳсу мунозираҳо зиёданд.

Дарвоқеъ, то ҳол оид ба масъалаи мазкур байни олимон баҳсҳои илмӣ идома доранд. Зеро, агар ба омор назар афканем аксарияти он нафароне, ки дар содир намудани ҷиноят гумонбару айбдор дониста шудаанд, нисбат ба онҳо аз ҷониби суд ҳукми айбдоркунанда бароварда шудааст. Ин амал барои олимон як муаммо ва моҷарои баҳсангез ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки то ҳанӯз оид ба ин принсип ягонафикрӣ ҷой надорад.

**Адабиёт:**


1. Абдуллоев П.С. Далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 252 с.
2. Абдуллоев П.С. Таълимот оид ба далел ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ// Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. -2018.- № 4.- С. 72-87.
3. Вышинский А.Я. Революционная законность и задачи советской защиты. - М.: Редакционно-издательский сектор Мособлисполкома, 1934.
4. Голунский С.А. О вероятности и достоверности в суде // Проблемы уголовной политики. Кн. 4. - М.,1937.
5. Искандаров З.Х. Защита прав человека в уголовном процессе Республики Таджикистан: история и современность. – Душанбе: Эр-граф, 2022. – 368 с.
6. Кодекси мурофиаи ҷиноятии ЧТ аз 3-юми декабри соли 2009 – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/. (санаи мурочиат: 10.04.2023).
7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/. (санаи муроҷиат: 10.04.2023).
8. Курбонов К.Ш. Добросовестность в гражданских правоотношениях и её правовой эффект // Под ред. д.ю.н., профессора Дж.С. Муртазакулова. –СПБ.: Питер, 2018. – 340 с.
9. Курс советского уголовного процесса. Общая часть.// Под ред. А.Д. Бойкого и И.И. Кариена.- М., 1989.
10. Маргинани Бурхануддин. Хидоя. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 1. Т. I−11 / пер. с анг.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред., авт. предисл., вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. - М.: Волтерс Клувер, 2010. – 808 с.
11. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Қудратов – Душанбе, 2016. – 528 с.
12. Ойгензихт В.А. Избранные труды.- Душанбе: Типография ТНУ, 2019.- 740 с.
13. Строгович М.С. Уголовный процесс. - Юрид. изд-во МЮ СССР, 1946. – 511 с.
14. Фойницкий И.Я. Курс уголовного судопроизводства.- Том II, СПб.: Альфа, 1996.
15. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). Душанбе: Маориф ва фарҳанг – 2005. - 488 с.
16. Эъломияи Куруши Кабир // Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Бахмандрӯд, 2016.

**Собиров М. Ш.**

**Фишурда**

**Таърихи ташаккули принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ**

Дар мақолаи мазкур таърихи пайдоиш ва ташаккули принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ шуруъ аз замони Рими қадим то замони соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Сабаби зери таҳлил қарор додани таърихи пайдоиши принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар он ифода меёбад, ки бештари муҳаққиқон Рими қадимро тавлидгари он медонанд. Ҳарчанд дар мақолаи мазкур муаллиф муайян намудааст, ки дар баробари Рими қадим, ҳамчунин тамаддуни Шарқӣ низ ба масъалаи бегуноҳии шахс диққати махсус зоҳир менамуд. Аз ин лиҳоз дар як қатор сарчашмаҳои таърихии ин тамаддун, бахшҳои мухталафи эҳтимолияти бегуноҳӣ, ҳамаҷониба инъикос гардидаанд, ки дар мақолаи мазкур баъзеи онҳоро ба риштаи таҳлил кашидаем.

**Собиров М. Ш.**

**Аннотация**

**История становления принципа презумпции невиновности**

В данной статье анализируются история возникновения и становления принципа презумпции невиновности, начиная со времен Древнего Рима до независимости Республики Таджикистан. Причина анализа истории возникновения принципа презумпции невиновности выражается в том, что большинство исследователей считают что его создателем является Древний Рим. Однако в данной статье автор определил, что, наряду с Древним Римом, восточная цивилизация также уделяла особое внимание вопросу невиновности человека. С этой точки зрения в ряде исторических источников данной цивилизации, всесторонне отражены различные аспекты презумпции невиновности и некоторые из них мы проанализировали в данной статье.

**Sobirov M. S.**

**The summary**

**History of the development of the principle of presumption of innocence**

This article analyzes the history of the emergence and development of the principle of the presumption of innocence, starting from the times of Ancient Rome to the time of independence of the Republic of Tajikistan. The reason for analyzing the history of the emergence of the principle of the presumption of innocence is that most researchers believe that its creator is Ancient Rome. However, in this article, the author determined that, along with Ancient Rome, Eastern civilization also paid special attention to the issue of human innocence. From this point of view, in a number of historical sources of this civilization, various aspects of the presumption of innocence are comprehensively reflected, and we analyzed some of them in this article.

**Муқарризи мақола Маҳмудов И. Т. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.**

**ВБД: 341. 4 (575. 3)** **Исозода Б. Ч.***

# ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ИСЛОҲОТ ВА ТАКМИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ТАЪМИНИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, суд, адлияи маъмурӣ, ислоҳоти судӣ, судҳои махсусгардондашуда, ҳуқуқи инсон, озодии инсон, адлияи ювеналӣ, судҳои маъмурӣ, низоми судӣ, Шурои адлия, суди иқтисодӣ.

**Ключевые слова:** Конституция, суд, административная юстиция, судебная реформа, специализированные суды, права человека, свобода человека, ювенальная юстиция, административные суды, судебная система, Совет юстиции, хозяйственный суд.

**Keywords:** Constitution, court, administrative justice, judicial reform, specialized courts, human rights, human freedom, juvenile justice, administrative courts, judicial system, Council of Justice, economic court.

Ислоҳоти судии солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон ба тағйироти куллӣ дар ҳокимияти судӣ ва фаъолияти он оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат кард. Мутобиқи моддаҳои 5 ва 14 Конститутсияи кишвар ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзиши олӣ эълон шуда, таъмини онҳо вазифаи давлат, ҳадафи асосии шохаи судии ҳокимият гардид.

Зимнан, дар фаъолияти ҳокимияти судии Тоҷикистон мушкилоти зиёд вуҷуд дошт, ки ба кафили ҳақиқии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд табдил ёфтани он монеъ мешуданд. Аз ин рӯ, дар ин самт як қатор ислоҳоти куллӣ гузаронида шуд. Пеш аз ҳама, онҳо ба такмили заминаи қонунгузорӣ, таъминоти дахлдори кадрӣ, молиявӣ, моддию техникии фаъолияти судӣ ва татбиқи адолати судӣ аз ҷониби судҳои мустақилу соҳибихтиёр дахл доштанд. Ҳамин тариқ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми худ аз 30 апрели соли 2001 қайд карда буданд: «адолати том ва таъмини ҳаққу манфиатҳои ҳамаи аъзои ҷомеа, муассисаҳо ва созмонҳо ниҳоят ҳалли худро дар фаъолияти мақомоти судӣ меёбанд. Сохтмони ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва рушди муносибатҳои бозорӣ маҳз ба фаъолият ва кафолати судӣ эҳтиёҷ доранд. Ҳатто ворид шудани сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисоди кишвар низ ба таъмини кафолати ҳуқуқу манфиатҳо ва амнияти онҳо вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, ба мо зарур аст, ки нақш ва мавқеи ҳокимияти судиро дар ҷомеа амалан баланд бардорем ва бо ин васила мустақилияти онро таъмин намоем. Бояд таъкид кунам, ки мо дар ин роҳ корҳои зиёдеро анҷом додем. Таъсиси Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз санҷиши тахассусӣ гузаштани судяҳо ва аз рӯйи натиҷаи санҷиш ҷо ба ҷо кардани онҳо аз ҷумлаи ин корҳо мебошанд. Дар масъалаҳои таъминоти моддию техникӣ ва шароити кории судҳои ҷумҳурӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда бошанд ҳам, аммо ин соҳа қатъиян беҳбудиро тақозо менамояд. Ба Шурои адлия зарур аст, ки якҷо бо раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо оид ба ҳалли ин масъала тадбирҳои мушаххас андешад. Дар баробари ин, дар фаъолияти судҳо камбудиҳо низ ҷой доранд. Дар баъзе мавридҳо судяҳо қонунҳоро нодуруст татбиқ менамоянд ва ҷазоро мувофиқи кирдори содиршуда, шахсияти гунаҳкор ва хавфнокии ҷамъиятии он таъин намекунанд. Ба судҳои ҷумҳурӣ лозим аст, ки ба

*Унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Тел:** +992 557020202; **E-mail:** bakht-83@mail.ru

масъалаи сари вақт баррасӣ намудани парвандаҳо ва иҷрои бечунучарои ҳукму ҳалномаҳо диққати ҷиддӣ диҳанд. Қобили зикр аст, ки бо мақсади идомаи ислоҳоти судию ҳуқуқӣ беҳбудии фаъолияти судҳо, таъмини мустақилият ва дахлнопазирии судяҳо мо зарур шуморидем, ки дар бораи судҳои Тоҷикистон қонуни ягона қабул намоем. Лоиҳаи ин қонун ба шумо пешниҳод шудааст ва боварӣ дорам, ки онро дастгирӣ мекунед»[152].

Ҳамин тариқ, пас аз қабули Конститутсияи соли 1994 вазифаҳои асосӣ муайян карда шуданд, ки ҳалли онҳо дар раванди ташаккули низоми нави ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон вазифаи аввалиндараҷа гардид. Ба чунин вазифаҳо мансубанд: такмили қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти судӣ, таҳкими кафолатҳои мустақилияти судяҳо, аз ҷумла тадбирҳои ҳифзи ҳуқуқии онҳо, беҳтар намудани таъминоти ташкилии фаъолияти судҳо, таъминоти моддию иҷтимоӣ, таҳкими низоми судӣ бо мутахассисони баландихтисос ва ғайра.

Масъалаи асосии ислоҳоти ҳокимияти судӣ муайян намудани низоми судии кишвар ҳисобида мешавад. Тавре И.Р. Шодиев қайд менамояд: «Ҳангоми муайян намудани низоми судии мамлакат, ду роҳи қабули низоми судӣ дар кишвар пайдо гардида буд: яке низоми шуравии судӣ ва дигаре судҳои махсусгардонидашуда. Дар низоми судии шуравӣ танҳо суди салоҳияти умумидошта ташкил гардида, дар дохили он дигар судҳо ташкил гардида буданд. Аммо низоми судии судҳои махсусгардонидашуда билохир танзими худро дар Конститутсия мустаҳкам гардонд, ки нисбат ба низоми шуравии судӣ афзалият дорад»[153].

Дар навбати худ, Х.М. Мирзамонзода қайд мекунад, ки «амалӣ намудани ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби низоми махсус таъсисдодашудаи судҳо сурат мегирад, ки он иборат аст аз маҷмуи судҳои ҳама намуд ва сатҳи дар Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ муқарраргардида, ки бо мақсади амалӣ намудани ҳокимияти судӣ ташаккул ёфтаанд. Судҳо дар низоми судӣ, чун қоида, бо салоҳият, ҳаҷм ва доираи ваколатҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд.[154]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд -ҶТ) низоми судӣ аз Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе, шаҳрӣ ва судҳои ноҳиявӣ, Суди иктисодии Вилояти Мухтори Кухистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоятҳо ва шаҳри Душанбе иборат мебошад.

Тибқи Конститутсия Суди конститутсионии ҶТ мақоми судии назорати конститутсионӣ буда, ҳокимияти судиро мустақилона ва соҳибихтиёрона тавассути мурофиаи судии конститутсионӣ амалӣ менамояд.

Суди Олии ҶТ мақоми олии судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ ва дигар парвандаҳои дар доираи салоҳияти судҳои тобеияти умумӣ қарордошта, назорати судии фаъолияти онҳоро дар шаклҳои мурофиавии пешбининамудаи қонун анҷом ва оид ба масъалаҳои амалияи судӣ тавзеҳот медиҳад.

Тибқи Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Суди Олии иқтисодии ҶТ «мақоми олии судӣ оид ба ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ, дигар парвандаҳои марбут ба соҳибкорӣ ва фаъолияти иқтисодӣ, инчунин дигар парвандаҳое, ки судҳои иқтисодӣ баррасӣ мекунанд.”мебошад.

---

[152]Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30/04/2001. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/ 15126 (санаи дастрасӣ: 19.11.2022).

[153]Ниг.: Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – нач. XXI вв: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2010. – С. 146.

[154]Ниг.: Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2021. – С.67.

И.Р. Шодиев пас аз таҳлили раванди мазкур қайд мекунад, ки «ислоҳоти судӣ аслан аз зарурати ҷорӣ кардан ва минбаъд ривоҷ додани тахассуси судҳо дар Тоҷикистон бармеояд. Дар кишвари мо се зернизоми судӣ ташаккул ёфта, дар маҷмуъ хеле бомуваффақият амал мекунанд:

- суди конститутсионӣ;
- судҳои салоҳияти умумӣ;
- судҳои иқтисодӣ[155].

Ҳамин тавр, дар заминаи меъёрҳои Конститутсия бори нахуст дар баробари судҳои салоҳияташон умумӣ, инчунин суди конститутсионӣ ва суди иқтисодӣ дар самти татбиқ намудани адолати судӣ таъсис дода шуд[156].

Таъсиси судҳои махсусгардондашуда ба раванди ҳифзи ҳуқуқи инсон таъсири мусбат расонид. Аз ҷумла, муҳаққиқони ватанӣ ба фаъолияти Суди конститутсионии ҶТ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон баҳои баланд медиҳанд. Ҳамин тариқ, А.М. Диноршоев зикр менамояд, ки «Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти худ тамоюлҳои муосирро, ки асоси низоми назорати конститутсионӣ ва адолати судии конститутсионӣ мебошанд, истифода мебарад. Аз як тараф, ин мафҳуми дарки якхелаи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, аз тарафи дигар, ғояи тартиби иерархӣ дар низоми ҳуқуқӣ мебошад, ки имкон медиҳад назорати фаъолияти қонунэҷодкунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъмин гардад»[157].

Таҳлили фаъолияти Суди конститутсиониро анҷом дода, Д.Х. Элназаров қайд мекунад, ки «аз лаҳзаи таъсиси Суди конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои нави ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон тавассути воситаву механизмҳои нав пайдо шуданд. Ҳифзи ҳуқуқи инсон яке аз вазифаҳои муҳимтарини конститутсионии давлат буда, он вазифадор аст низоми боэътимоди кафолатҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, аз ҷумла механизми ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии инсонро ташаккул диҳад. Суди конститутсионӣ ягона мақомест, ки вазифаи он дарёфти мувозинати муносиби байни манфиатҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ, ҳокимият ва озодӣ, ҳифзи шахс, ҷомеа ва давлат аз тааррузи ғайриқонунӣ, таъмини ҳифз ва амнияти вазъи конститутсионию ҳуқуқии ҳама субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад»[158].

Баъдан ӯ қайд мекунад, ки «дар фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон бештар мебошанд. Қабули қарор аз рӯи баҳси мушаххас дар аксар маврид аз ҷониби Суди конститутсионӣ таҳия гардидани ҷанбаҳои алоҳидаи назарияи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла ҳуқуқҳои конститутсиониро муайян мекунад. Рисолати ҳуқуқҳифзкунандаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои истиқлолиятякбора афзун шудааст ва дараҷаи устувории муносибатҳои боэътимоди шаҳрвандон ба мурофиаи судии конститутсионӣ шаҳодати аёни он мебошад. Принсипҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунандаи Суди конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои қабулкардаи он на танҳо барои мурофиаи судии конститутсионӣ, балки барои манфиатҳои тамоми ҷомеа низ муҳим мебошанд. Чунин принсипҳо иборатанд аз:

---

[155] Ниг.: Шодиев И.Р. Асари ишорашуда.– С. 89.

[156]Ниг.: Шерализода Ҷ.Ш. Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ: дисс... барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. -Душанбе 2023. – С.175.

[157]Ниг.: Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. -Душанбе 2007.- С. 45.

[158]Ниг.: Эльназаров Д. Х. Конституционно-правовое регулирование защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики: автореф. дисс. … д-ра юрид. наук. - Душанбе, 2020. - 97 с.

-принсипҳои мувофиқати маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳо ба мақсадҳои аз ҷиҳати конститутсионӣ муҳим;

-ҳатмият ва таъсири танзимкунанда доштани принсипҳои зикргардида;

- худсарӣ накардан дар раванди тафсири қонунҳо;

- эҳтироми шаъну шарафи шахс ҳамчун субъекти баробарҳуқуқ дар муносибат бо давлат»[159].

Дар ҳақиқат, аз таҷрибаи амалисозии фаъолияти Суди конститутсионӣ чунин бармеояд, ки он бо фаъолияти худ ба таъмини принсипи баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, рафъи табъиз ва шароити ноодилонаи татбиқи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд мусоидат намуда, дар амал талаботи дар моддаи 5 Конститутсияи ҶТ муқарраргардидаро татбиқ менамояд.

Қарорҳои Суди конститутсионии ҶТ оид ба чунин парвандаҳо: «Дар бораи ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани Фармони Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 ноябри соли 1993, № 134 - Дар бораи боздоштани амали моддаҳои 6, 28, 48, 49, 53, 53.1, 85, 90, 92, 97, 221.1 ва 221.2 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1993, № 944 қабул шудааст, дар бораи тасдики Фармони Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузорӣ дар мавриди шикоят овардан ба суд оид ба дар ҳабс нигоҳ доштан ё тамдиди муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан ва тафтиши судии асоснок будани ба ҳабс гирифтан ё тамдиди муҳлати боздошт»; парванда бо пешниҳоди судяи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Ш.Р. Шодиев «Дар бораи муайян намудани мувофиқати моддаи 17 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қисми 2 моддаи 17 ва қисми 2 моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар он ба андешаи ӯ муқаррароти Кодекси оила ба талаботи қисми дуюми моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он «Мардон ва занон баробарҳуқуқанд.» ва қисми дуюми моддаи 33 Конститутсияи ҶТ, ки тибқи он «Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд.»; ҳалномаи Суди конститутсионии ҶТ аз 12 июни соли 2001 оид ба парванда «Дар бораи муайян кардани мутобиқати қисми 5 моддаи 329 ва қисми 2 моддаи 339 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»[160].

Қарорҳо оид ба ин парвандаҳо барои ташаккули консепсияи муосири ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон, тафсири муқаррароти асосии Конститутсия, ки ҳуқуқҳои асосии инсонро танзим мекунанд, аҳаммияти тақдирсоз доштанд.

Дар давоми раванди ислоҳоти ҳокимияти судӣ ба масъалаи танзими ҳуқуқии мақоми судяҳо, таъминоти моддию техникӣ ва кадрии ҳокимияти судӣ низ диққати ҷиддӣ дода шуд. Дар ин замина ба ду тағйироти муҳим ишора кардан лозим аст, ки дар ташаккул ва рушди ҳокимияти судӣ дар кишвар нақши калон доранд. Якум, таъсиси Шурои адлия ва дуюм, аз 5 то 10 сол зиёд кардани муҳлати ваколати судяҳо.

Дар адабиёти ватанӣ оид ба тағйироти мазкур андешаҳои гуногун мавҷуданд, аз ҷумла, онҳо ба фаъолияти Шурои адлия дахл доранд. Дар ин замина, пеш аз ҳама, бояд сабаби чунин дигаргуниҳо – таъмини мустақилияти судяҳо ишора шавад. Тавре Х.М. Мирзамонзода қайд менамояд, «ҳифзи судӣ дар давлати ҳуқуқбунёд дар он сурат аҳаммияти муҳим ва ҳатмӣ пайдо мекунад, агар аз ҷониби

---

[159]Ниг.: Эльназаров Д. Х. Асари ишорашуда. - С. 31.

[160] Ниг.: Сборник решений Конституционного суда Республики Таджикистан.- Душанбе, 2010.- С. 224–229.

суди босалоҳият, мустақил ва беғараз баррасии парванда на танҳо кафолат дода шавад, балки воқеан иҷро гардад»[161].

Фаъолияти Шурои адлияро тавсиф намуда, А.М. Диноршоев чунин қайд менамояд: «дар ибтидо таъсиси Шурои адлия ва фаъолияти минбаъдаи он бо мақсади таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ пешбинӣ шуда буд, чунки Шурои адлия дар баробари интихоби судяҳо вазифаҳои дигареро низ дошт: фаъолияти оморӣ ва таҳлилӣ оид ба иттилоот дар бораи фаъолияти судҳо, ташкил ва гузарондани курсҳои такмили ихтисоси судяҳо ва ғайра»[162]. Натиҷаҳои ин ислоҳотро баҳо дода, олимони ватанӣ қайд мекунанд, ки «тағйироти соли 1999 ба Конститутсия ворид кардани ниҳодҳои нав, ки то ин замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надоштанд, рушди низоми давлатро таъмин намуданд. Аз ҷумла, таъсиси Шурои адлия барои таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии судяҳо, инчунин, ҳалли дигар масъалаҳои мубрами дар низоми судӣ мавҷудбуда, замина гузошт»[163]. Аммо як қатор олимони ватанӣ зимни таҳлили фаъолияти Шурои адлия ба номукаммалии фаъолияти он ва иҷрои вазифаҳои таъмини мустақилияти суд ишора кардаанд. Аз ҷумла Ф.Н. Абдулозода қайд мекунад, ки «Дар як давраи муайян мақоми ҳуқуқии Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Конститутсия ва Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда шуда буд, вале ин муқаррарот, ақида ва мавқеи моро дар бораи он ки Шурои адлия мақоми рукни ҳокимияти иҷроия аст, дигар накард. Чунин ҳолат дар як марҳилаи муайяни таърихӣ тавонист мустақилияти ҳокимияти судиро то андозае коста намояд, бинобар ин, 22 майи соли 2016 зимни ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ муқаррароти ҳуқуқӣ дар бораи Шурои адлия аз он хориҷ карда шуда, фаъолияти он ба тамом қатъ карда шуд»[164]. Ҷ.Ш. Шерализода дар навбати худ, қайд менамояд, ки «воқеан ҳам, тавре ки амалияи фаъолияти Шурои адлия нишон дод, аз уҳдаи таъиноти асосии худ яъне, фароҳам овардани шароит барои таъмини мустақилияти судҳо намебаромад ва аз ин рӯ, ворид намудани тағйирот дар ин самт иқдоми мантиқӣ ба ҳисоб мерафт»[165].

Тағйироти назарраси самти ҳокимияти судӣ, ки дар доираи ислоҳоти конститутсионии соли 2003 амалӣ шудааст ва ба таъмини мустақилияти судҳо нигаронида шуда буд, аз 5 то 10 сол зиёд кардани муҳлати ваколати онҳо буд. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки вобаста ба масъалаи муҳлатҳои ваколати судяҳо баҳсҳои гуногун сурат гирифтанд ва дар натиҷа тасмим гирифта шуд, ки ваколати судяҳо ба муҳлати то 10 сол тамдид карда шавад. Оид ба ин масъала мо бо мавқеи олимони ватанӣ розӣ мебошем[166], ки мазмуни асосии принсипи ивазнашавандагии судяҳо муқаррар намудани муҳлати кафолатноки ваколатхо мебошад ва дар давоми ин муддат онҳоро худсарона бозхондан, ба суди дигар гузарондан ва ғайра мумкин нест. Дар шароити Тоҷикистон муҳлати муқарраршуда, яъне 10 сол ба ин меъёр комилан мувофиқ аст. Мо чунин мешуморем, ки вақте сухан дар бораи ивазнашавандагии судяҳо меравад, на дар бораи муҳлат, балки дар бораи муттасилияти дар ин вазифа қарор доштан гап задан лозим аст.

---

[161] Ниг.: Мирзамонзода Х.М. Асари ишорашуда. – С. 269.
[162] Ниг.: Диноршоев А.М. Асари ишорашуда.– С. 90.
[163]Ниг.: Алимов С.Ю., Диноршоев А.М., Салохидинова С.М. Конституционное право Республики Таджикистан. – Душанбе, 2017. – С. 116-118.
[164] Ниг.: Абдуллозода Ф.Н. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ–ҳуқуқӣ): диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020. – С. 69.
[165]Ниг.: Шерализода Ҷ.Ш. Асари ишорашуда.- С. 21.
[166] Диноршоев А.М. Асари ишорашуда. – С. 43.; Мирзамонзода Х.М. Асари ишорашуда. – С. 31.; Искандаров З.Х. Ҳуқуқи инсон ва механизмҳои миллии ҳимояи он. – Душанбе, 2007.- С. 21.

Бо ҷамъбасти ин гуфтаҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дастовардҳои муҳимтарини ислоҳоти судии охири солҳои 90-ум ва ибтидои солҳои 2000-ум дар соҳаи фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд чунин мебошанд:

- эътирофи принсипи таҷзияи ҳокимият ва дар ин замина эътирофи ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақил ва мухтори ҳокимият;

-эътироф намудани таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

- тавсеаи самтҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ бо роҳи ба он вогузор намудани ҳуқуқи амалигардонии фаъолияти назоратӣ (аз ҷумла, назорати мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ);

- таҳкими чунин принсипҳои демократии фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз қабили мустақилияти ҳокимияти судӣ;

- соҳибихтиёрии ҳокимияти судӣ;

- волоият ва таъсири бевоситаи Конститутсия (ба Конститутсия мутобиқ будан);

- қонуният;

- оммавият.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи ислоҳот ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон кафили таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эълон гардид.

Ҳамзамон, ҳадафи асосии ислоҳоти судӣ таъмини ҳимояи самарабахши судӣ ва риояи бечунучарои ҳуқуқу озодиҳои инсон буд. Аммо бо вуҷуди ин, дар кишвар ҳангоми амалигардонии фаъолияти ҳокимияти судӣ мушкилоти бисёре ҷой доштанд. Аз ин рӯ, зарурати такмил додани фаъолияти ҳокимияти судӣ ба миён омад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо ба ин ҷиҳат таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Бинобар ин, дар Паёми худ ба парламенти кишвар аз 20 апрели соли 2006 қайд карда буданд, ки «ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ бе низоми судии возеҳу мустақил ва беғараз ғайриимкон аст. Вобаста ба ин, бо мақсади такмили минбаъдаи фаъолияти ҳокимияти судӣ зарур мешуморам, ки корҳои зерин иҷро шаванд: Якум. Салоҳият ва ваколатҳои Суди конститутсионӣ барои нисбатан пурра ва босамар истифода бурдани имкониятҳои назорати конститутсионӣ такмил дода шаванд. Дуюм. Бо мақсади рушд ва такмили минбаъдаи ҳокимияти судии кишвар Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва Шурои адлияро зарур аст, якҷо бо мақомоти дахлдори давлатӣ барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо назардошти шароити ҳозираи кишвар таҳия ва пешниҳод намоянд.»[167]. Дар Паём аз 15 апрели соли 2009 таъкид шудааст, ки «мақомоти ҳокимияти судӣ воситаи муҳимми ҳифзи ҳуқуқи инсон ва таъмини волоияти қонун мебошад. Бо мақсади таҳким ва такмили ҳокимияти судӣ соли 2007 Барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ тасдиқ карда шуд, ки тибқи он ислоҳоти судӣ марҳила ба марҳила амалӣ мегардад. Бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, афзун намудани нақши суд дар ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои қонунии давлат, ташкилоту муассисаҳо, идома додани ислоҳоти судӣ ва таҳия намудани барномаи нави маҷмуии соҳаи мазкур барои солҳои минбаъда мувофиқи мақсад мебуд.[168.] Пешвои миллат низ дар Паёми худ аз 23 апрели соли 2014 мураккаб будани раванди такмили фаъолияти ҳокимияти судиро қайд намуданд: «мо ҷиҳати ташаккули низоми судии кишвар,

---

[167]Ниг.: Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 20. 04. 2006. Реҷаи дастрасӣ: http:// http://prezident.tj/ru/node/874 (санаи дастрасӣ: 17.09.2022).

[168]Ниг.: Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 15. 04. 2009. Реҷаи дастрасӣ: http:// http://prezident.tj/ru/node/ 866 (санаи дастрасӣ: 17.09.2022).

афзун намудани мақоми ҳокимияти судӣ дар ҷомеа ва ба сатҳи байналмилалӣ баровардани низоми судии кишвар корҳои зиёдро анҷом додем. Ҳокимияти судӣ минбаъд низ такмил меёбад, ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ идома дода мешаванд, бо мақсади таҳияи заминаи пешакии ҳуқуқӣ барои расидан ба ин ҳадафҳо қонунҳои дахлдор таҳия ва қабул карда мешаванд. Бо мақсади рушди низоми судии кишвар, баланд бардоштани сатҳи касбии судяҳо, нақш ва мавқеи суд дар ҳифзи воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои қонунии ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, айни замон барномаи нави низоми судиву ҳуқуқӣ барои се соли оянда таҳия мегардад»[169].

«Рушди минбаъдаи ҷомеа ва дар ҳаёт татбиқ намудани ҳадафу вазифаҳои дар назди мо гузошташуда, кафолати ҳамаҷонибаи адолати судиро тақозо мекунад. Зарур аст, ки барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ таҳия карда шуда, дар доираи он сохтор ва фаъолияти мақомоти судӣ такмил дода, инчунин ҷиҳати таъмини баррасии босифат ва саривақтии парвандаҳо ва иҷрои қарорҳои қабулнамудаи мақомоти судӣ тадбирҳои мушаххас андешида шаванд. Бо ин мақсад зарур аст дар муҳлати кӯтоҳтарин барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ барои солҳои 2019-2021 таҳия ва пешниҳод карда шавад”[170] зикр гардид аз ҷониби Пешвои миллат дар Паём аз 26 декабри соли 2018.

Пас аз тадқиқи масъалаҳои такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ муҳаққиқони ватанӣ якчанд самти онҳоро нишон медиҳанд. Ҳамин тариқ, Ҳ.М. Мирзамонзода ба самтҳои зерин ишора менамояд- такмили сохтор ва фаъолияти низоми судӣ, такмили намудҳои мавҷудаи мурофиаи судӣ, имкони таъсиси судҳои махсусгардондашуда ва таъмини дастрасии иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти судӣ.[171] И.Р. Шодиев диққатро ба зарурати такмилдиҳии сохтори судҳо бо роҳи таъсиси судҳои махсусгардондашуда равона менамояд.[172] З.Х. Искандаров ва А.М. Диноршоев дар навбати худ, таваҷҷуҳро ба норасоиҳои қонунгузории мурофиавӣ ҷалб менамояд, ки ба нақзи ҳуқуқи инсон дар ҷараёни мурофиаи судӣ мусоидат мекунанд[173].

Ақидаҳои дар илми ватанӣ мавҷудбударо ҷамъбаст намуда, дар асоси таҳлили ҳама 4 барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ, метавонем ду самти такмили сохтори судиро ҷудо кунем, ки онҳо низ ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидаанд:

- самтҳои функсионалӣ;
- самтҳои ташкилӣ.

Самти якум масъалаҳои марбут ба ташкил ва фаъолияти низоми судӣ, аз ҷумла ташкили судҳои махсусгардондашуда, масъалаҳои назорати судӣ, тафсир ва татбиқи санадҳои судиро дар бар мегирад.

Самти дуюм ба ҳалли масъалаҳои марбут ба сиёсати ташкилӣ, моддию техникӣ ва кадрӣ дар фаъолияти ҳокимияти судӣ нигаронида шудааст.

**Адабиёт:**


1. Абдуллозода Ф.Н. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии


---

[169]Ниг.: Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 15. 04. 2009. Реҷаи дастрасӣ: http:// http://prezident.tj/ru/node/ 866 (санаи дастрасӣ: 17.09.2022).

[170]Ниг.: Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26. 12. 2018. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/ 19089 (санаи дастрасӣ: 14.11.2022)

[171]Ниг.: Мирзамонзода Х.М. Асари ишорашуда. – С. 283.

[172]Ниг.: Шодиев И.Р. Асари ишорашуда.- С. 31.

[173]Ниг.: Искандаров З.Х. Асари ишорашуда. – С. 23.; Диноршоев А.М. Асари ишорашуда.- С. 21.

таърихӣ–ҳуқуқӣ): дисс... барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020.
2. Алимов С.Ю., Диноршоев А.М., Салохидинова С.М. Конституционное право Республики Таджикистан. – Душанбе, 2017.
3. Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2007.
4. Искандаров З.Х. Ҳуқуқи инсон ва механизмҳои миллии ҳимояи он. – Душанбе, 2007.
5. Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики: дисс. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2021.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 04. 2001. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/ 15126 (санаи дастрасӣ: 19.11.2022).
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20. 04. 2006. Реҷаи дастрасӣ: http:// http://prezident.tj/ru/node/874 (санаи дастрасӣ: 17.09.2022).
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15. 04. 2009. Реҷаи дастрасӣ: http:// http://prezident.tj/ru/node/ 866 (санаи дастрасӣ: 17.09.2022).
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26. 12. 2018. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/ 19089 (санаи дастрасӣ: 14.11.2022).
10. Шерализода Ҷ.Ш. Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Чумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ: дисс... барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. -Душанбе, 2023.
11. Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – нач. XXI вв.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2009. – 176 с.
12. Эльназаров Д. Х. Конституционно-правовое регулирование защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики: автореф. дисс. … д-ра юрид. наук. - Душанбе, 2020. – 97 с.

**Исозода Б. Ч.**

**Фишурда**

**Заминаҳои таърихии ислоҳот ва такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд**

Муаллиф зикр менамояд, ки ислоҳоти сиёсӣ ҳуқуқӣ ва иқтисодие ки дар кишвар гузаронида мешавад ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу манфиятҳои қонунии шаҳрвандон, инчунин фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ нигаронида шудаанд. Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии дар кишвар гузаронидашуда тасдиқи мустақилияти ҳокимияти судиро дар механизми давлатӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимият гузоштанд. Ба андешаи муаллиф воқеан, барои татбиқи босамари ҳокимияти судӣ суботи сиёсию иқтисодии давлатро таъмин намудан лозим аст, ки ба он аз ҷумла вазъи иқтисодиёт ва қонунгузорӣ, сатҳи шуурнокии ҳуқуқии шаҳрвандон ва дар ниҳояти кор, сатҳи таъмини ҳуқуқу изодиҳои инсон ва шаҳрванд вобаста аст. Дар робита ба ин, таҳқиқи ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судӣ ҳамчун механизми асосии ҳифз ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд на танҳо вазифаи муҳим, балки муракаб низ мебошад. Мақсади асосии фаъолияти ҳокимимяти судӣ ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз амалҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо мебошад. Маҳз

ҳокимияти судӣ қодир аст, ки ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро пурра ва самараноктар ҳифз намояд. Ҳамзамон муаллиф қайд менамояд, ки ба даст овардани мақоми мустақил, салоҳиятдор ва бонуфуз аз ҷониби ҳокимияти судӣ ҳам аз масъалаи ташкил ва фаъолияти судҳои ҳама сатҳҳо, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст ва ҳам аз истифодаи имкониятҳои ҳокимияти судӣ дар амалия, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳо пешбинӣ кардаанд, вобаста аст.

**Исозода Б. Ч.**

**Аннотация**

**Исторические предпосылки реформ и совершенствования деятельности судебной власти Республики Таджикистан по обеспечению прав и свобод человека и гражданина**

Автор отмечает, что проводимые в стране политические, правовые и экономические реформы направлены на обеспечение и защиту законных прав и интересов граждан, а также создание благоприятных условий жизни. Проведенные в стране судебно-правовые реформы подтвердили независимость судебной власти в государственном механизме как самостоятельной ветви власти. По мнению автора, фактически для эффективной реализации судебной власти необходимо обеспечить политическую и экономическую стабильность государства, которая зависит, в том числе, от состояния экономики и законодательства, уровня правового сознания граждан и, в конечном итоге, уровня обеспечения прав и свобод человека. В связи с этим исследование организации и деятельности судебной власти как основного механизма защиты и обеспечения прав и свобод человека и гражданина является не только важной, но и комплексной задачей. Основной целью судебной власти является защита прав и свобод человека от незаконных действий государственных органов и их должностных лиц. Именно судебная власть способна в полной мере и эффективно защитить конституционные права и свободы человека и гражданина. При этом автор отмечает, что приобретение судебной властью независимого, компетентного и авторитетного статуса зависит как от организации и деятельности судов всех уровней, что установлено законодательством, так и от использования судебной власти в практика, которая предусмотрена Конституцией Республики Таджикистан и законами это зависит.

**Isozoda B. C.**

**The summary**

Historical prerequisites for reforms and improvement of the activities of the judiciary of the Republic of Tajikistan to ensure human and civil rights and freedoms

The author notes that the political, legal and economic reforms carried out in the country are aimed at ensuring and protecting the legitimate rights and interests of citizens, as well as creating favorable living conditions. The judicial and legal reforms carried out in the country confirmed the independence of the judiciary in the state mechanism as an independent branch of government. According to the author, in fact, for the effective implementation of judicial power, it is necessary to ensure the political and economic stability of the state, which depends, among other things, on the state of the economy and legislation, the level of legal consciousness of citizens and, ultimately, the level of ensuring human rights and freedoms. In this regard, the study of the organization and activities of the judiciary as the main mechanism for protecting and ensuring the rights and freedoms of man and citizen is not only an important, but also a

complex task. The main goal of the judiciary is to protect human rights and freedoms from illegal actions of government bodies and their officials. At the same time, the author notes that the acquisition of an independent, competent and authoritative status by the judiciary depends both on the organization and activities of courts at all levels, as established by law, and on the use of judicial power in practice, which is provided for by the Constitution of the Republic of Tajikistan and laws.

**Муқарризи мақола Шерализода Ҷ.Ш. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.**

III. ИЛМҲОИ ХУСУСӢ – ҲУҚУҚӢ (МАДАНӢ) (ИХТИСОС: 5. 1. 3)

III. ЧАСТНО – ПРАВОВЫЕ (ЦИВИЛИСТИЧЕСКИЕ) НАУКИ

(СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 3)

**ВБД: 341. 4 (575. 3)**

Ғаюрзода Ш. К*.,
Қудратзода Б.О*.

# ХИЗМАТРАСОНИИ ЛОГИСТИКӢ: МАФҲУМ ВА НИШОНАҲО

Калидвожаҳо: хизматрасонии логистикӣ, боркашонӣ, санадҳои танзимкунанда, сарҳади гумрукӣ, гардиши молу маҳсулот, муносибатҳои молумулкӣ, рақобати фаъол, муомилоти маданӣ, иттилоот, таърих, ташаккулёбӣ, барномаи рушд, давра, Паёми Президент, унсурҳои логистика, субъект, объекти логистика, баҳо, таваккал.

Ключевые слова: логистические услуги, грузоперевозки, нормативные акты, таможенная граница, транспортировка продуктов, имущественные отношения, активная конкуренция, гражданский оборот, информация, история, формирования, программа развития, период, Послание Президента, элементи логистики, субъекты, объекты логистики, оценка, риски.

Keywords: logistics services, trucking, regulations, customs border, product transportation, property relations, active competition, civil turnover, information, history, formations, development program, period, Presidential Address, elements of logistics, subjects, logistics facilities, assessment, risks.

Дар замони муосир муносибатҳои молумулкӣ бо суръати баланд, инкишофи номаҳдуд ва рақобати фаъол дар муҳити муомилоти маданӣ ташаккул меёбанд. Барои муваффақ шудан дар муомилоти мазкур дигар истифодаи танҳо тарзу равишҳои маркетингӣ нокифоя буда, дар ин раванд истифодаи восита ва усулҳои муосири самараноки идоракунии фаъолияти даромаднок зарур аст. Дар ин ҳолат падидаи пешқадами илмию татбиқӣ ва иттилоотӣ логистика мебошад.

Хизматрасонии логистикӣ яке аз хизматрасониҳои музднoку самарабахши фурӯши ашё, иҷрои кор ва хизмат мебошад. Ин объекти танзими ҳуқуқи маданӣ (моддаи 860 Кодекси мадании ҶТ)[174] бо истилоҳи “логистика” алоқамандӣ дорад.

Логистика ҳамчун назария ҳанӯз дар давраҳои қадим дар Византия ба вуҷуд омадааст. Калимаи лотинӣ буда, маънои «санъати ҳисоб» - ро дорад. Нахустин маротиба дар дастхатҳои қадимаи император Шери (Лев) VI (солҳои 865 - 912) оид ба санъати ҳарбӣ қайд шудааст. Логистика маҳз дар соҳаи ҳарбӣ оид ба масъалаҳои баҳисобгирии ғизоӣ ва тақсимоти дурусти он пайдо шудааст. Дар Россия калимаи мазкур дар аввалҳои асри XIX аз ҷониби нависанда оид ба масъалаҳои ҳарбӣ ва ходими шинохтаи француз Антуан – Анри Жомини, ки дар артиши рус хизмат мекард, ворид шудааст. Дар давраи шӯравӣ калимаи

* Мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

*Доктор (PhD)-и кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

[174]Ниг.: Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.08 соли 2023).

«логистика» аз истифода бардошта шуд, бо ҷойи он калимаи «таъминот» ворид гардид.

Логистикаро ба се давраи инкишоф, ки аз замони пеш таъиноташ ҳамчун тақсимоти маҳсулоти моддӣ буд, ҷудо кардан мумкин аст:

– давраи пеш аз логистика;

– давраи логистикаи классикӣ;

– давраи неологистикӣ.

Дар давраи пеш аз логистика (то солҳои 50-ум) пойгоҳи системаву хизматрасонии логистикии тақсимоти маҳсулотҳои моддӣ аз интиқоли он ҷудо буд. Ҳамлу нақли бору маҳсулот бо логистика, яъне тақсинамоиву таъминот ҳамчун ду самти фаъолият аз ҳамдигар ҷудо буда, бо ҳам тамоман вобастагӣ надоштанд.

Давраи дигар ин давраи логистикаи классикӣ буда, дар ибтидои солҳои 60-ум оғоз ёфта, хусусияти фарқкунандааш дар он аст, ки фирмаҳо ба ҷойи ташкили ҳамлу нақли оптималӣ ба бунёди марказҳои логистикӣ шурӯъ карданд. Дар натиҷа, ин марказҳо аз амалиёти логистикии худ, ба гирифтани фоидаи зиёд ноил шуданд, ки ин ба кам намудани сарфи хароҷот ва ба таъмини саривақтии талаботҳои зиёди субъектҳои дахлдор вобастагӣ дорад.

Аввали солҳои 1980-умро метавон ба давраи нави инкишофи логистика — давраи неологистика ё насли дуюми логистика ҳисоб кард. Меъёри ташаккули системаи оптималии идоракунии тақсимот, фоидаи зиёд аз амалиёти логистикии ҳамаи ширкатҳои иштирокчӣ буд. Таваҷҷӯҳ ба муомилоти байнишиlistкатӣ дар соҳаи логистика дода шуд.

Аз ҷониби олимон Л. А. Казарина,[175] М. М. Лисогор,[176] В. В. Волжин,[177] А. П. Тяпухин[178] ва дигарон баъзе масъалаҳои хизматрасониҳои логистикӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Таваҷҷуҳи зиёди соҳибкорон дар сатҳу иқтидори баланд бардоштани самаранокии фаъолияти системаҳои интиқоли маҳсулот аст, ки ин ба таъминоти логистикӣ вобаста аст. Амалия нишон медиҳад, ки ширкатҳое, ки аз логистика истифода мебаранд, аз ин ҳисоб хароҷоти марбутро кам карда, ба коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ дар ин бахш расида, оид ба имконияти захиравӣ нисбат ба рақибон бартарӣ ба даст оварда, фоидаро ба таври назаррас афзоиш дода истодаанд. Интиқоли ашёҳои гуногун тавассути амалиётҳои гуногуни техникии ҷараёни истеҳсолот тақрибан 90%-и тамоми хароҷоти вақтро мегирад. Истифодаи системаи логистика метавонад фосилаи вақтро сарфа ва хеле кам карда, дар ҳама марҳилаю давраи бахши истеҳсолот натиҷаҳои назаррас орад. Кутоҳу сарфашавии вақт дар байни ҷараёни истеҳсолот ба назар расида, ба даст овардани ашёи хому масолеҳ ва ба истеъмолкунанда расондани маҳсулоти тайёр ба амал меояд.

Ба натиҷаи назарраси самаранок ноил шудани фаъолияти корхонае, ки аз химатрасонӣ ё системаи логистика истифода мебарад, асосан аз ин ҳисоб дида мешавад:

- саривақтӣ арзон кардани арзиши аслии ашёҳо;

- баланд бардоштани эътимоднокӣ ва сифати таъминот.

---

[175]Ниг.: Казарина Л. А. Логистические услуги. – Байкал. Государственный универ. экономики и права. – Иркутск, 2006. – 157с.

[176]Ниг.: Лисогор М. М. Сущность и источники логистических услуг. – М., МАКС, 2005.; Она же: Развитие логистических услуг в современной экономической системе: дис. канд. эконом. наук: 08. 00. 05. – М., 2006. – 143с.

[177]Ниг.: Волжин В. В. Логистические ловушки и решения в договорах. Справочник предпринимателя. – 3 – е изд. – М., Дашков и К., 2014. – 140с.

[178] Ниг.: Тяпухин А. П. Коммерческая логистика: учебник. – М., КНОРУС, 2017. – 316с.

Хусусияти хизматрасонии логистика дар он аст, ки ба таври мунтаззам ба назар гирифтани маҷмӯи тамоми марҳилаҳои раванди истеҳсолот аз нуқтаи назари як занҷири истеҳсолии моддӣ, ки онро «системаи логистикӣ» меноманд, мебошад.[179] Таъсири мутақобилаи узвҳои алоҳидаи ин занҷир дар сатҳҳои техникӣ, технологӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, методӣ ва дигар сатҳҳои интегратсия сурат мегирад. Кам кардани хароҷоти захираҳо ва коҳиш додани сарфаи вақт тавассути оптимизатсияи идоракунии ҳамаҷонибаи раванди моддию молӣ ва иттилоотӣ ба даст оварда мешавад.

Муҳити иттилоотӣ дар ҷое ба вуҷуд меоянд, ки равандҳои ашёӣ вуҷуд доранд ва ин яке аз хусусиятҳои раванди муомилоти онҳо мебошанд. Аз ин рӯ, истифодаи истилоҳи равандҳои ашёӣ мавҷудияти муҳити иттилоотиро дар назар дорад ва идоракунӣ ҳам ба ҷараёни ашёӣ ва ҳам ба муҳити иттилоот таъсир мерасонад. Истифодаи хизматрасониҳои логистикӣ рафти қабулнамоии ахборотро тезонида, дараҷаи хизматрасониро дар раванди истеҳсолот баланд мебардорад.

Тасвири барномавии ҷараёни фаъолиятро метавон ба таври зерин муаррифӣ кард:

-ашёҷамъНамоӣ;

-истеҳсолот;

-маркази тақсимкунӣ;

-истеъмолкунанда.

Истифодаи хизматрасонии логистика дар ягон субъекти хоҷагидор ин ҳамкории зич бо шарик-харидорро дар бар мегирад, ки боиси ноил шудан оид ба кам кардани хароҷот ва ба иҷрои дақиқи уҳдадориҳои худро дар назди шарик оварда мерасонад.

Асоси самаранок фаъолият намудан ҳангоми истифодаи хизматрасониҳои логистикӣ риояи якчанд қоида ё принсипҳоеро дар бар мегирад, ки ин аз сатҳи баланди ҳамфикрии иштирокчиёни муомилоти ашёро дар гардиш қарормедода дар доираи системаҳои таҷҳизоти техникии коркарди бор вобаста мебошад.

Ҳангоми ташкили маркази логистикӣ бояд шаш принсип риоя карда шавад:

-бор ё маҳсулоти лозима – яъне, дар гардишу интиқоли фаъолияти марказҳои хизматрасонии логистикӣ бояд маҳсулоти зарурию лозима ба мақсади тақсимнамоӣ ё хариду фурӯш қарор дошта бошад;

- сифати хуб – принсипи сифати хуб доштани бору маҳсулот бисёр муҳим буда, бояд марказҳои логистикӣ ин қоидаро ба таври бояду шояд ба роҳ монда, молҳои сифати хубро вориду тақсим намоянд;

- миқдори зарурӣ – яке аз принсипҳои дигар буда, вориди бор ё маҳсулотҷамъНамоии дар маркарҳои логистикӣ бояд дар асоси нақшаи пешакӣ таҳияшуда ба роҳ монда шавад;

- риояи вақт - бояд дар вақти зарурӣ молҳои лозимию сифати хубдошта расонида шавад;

- макони муайян – тибқи ин принсип молу маҳсулот ба ҷои зарурии бо мувофиқаи пешакии тарафҳо муаёнкардашуда расонида шавад;

- хароҷоти камтарин - бо хароҷоти камтарини ҳадди ақал ба амал баровардани фаъолият, инчунин сарфакорона хароҷот кардан дар фаъолияти ин бахш.

Агар ин шаш принсип риоя карда шавад, пас ҳадафи фаъолияти муваффақонаи логистикӣ ба даст оварда мешавад.

---

179Ниг.: Тяпухин А. П. Асари ишорашуда. – С. 42.

Зарурияти омӯзиши системаҳо ё марказҳои хизматрасонии логистикӣ дар айни замон хеле муҳим аст, зеро фаъолияти муваффақи ширкат бештар аз самаранокии бунёди ин падида вобаста аст.[180] Дар маҷмӯъ мақолаи мазкур ҷанбаҳои ташаккул ва мазмуну муҳтавои системаву марказҳои логистикиро фаро мегирад.

Мақсади таҳқиқот омӯзиши назарияи логистика, омӯзиши системаи марказҳои логистикӣ инчунин роҳҳои танзими ҳуқуқии ин фаъолияти судманд аст, ки саҳми хизматрасонӣ дар пешрафти иқтисодиёти мамлакат назаррас мебошад.

Барои ноил шудан ба ин мақсади таҳқиқот бояд як қатор вазифаҳо ҳал карда шаванд. Пеш аз ҳама асосҳои бунёдии хизматрасонии логистикиро омӯхта ва низоми хизматрасониҳо ва таъиноти марказҳои логистикиро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додан муҳим аст.

Логистика аз калимаи юнонии «logistike» гирифта шуда, маънои санъати ҳисоб кардан, мулохиза карданро дорад. Логистика ин самти фаъолияти илмию амалии идоракунист, ки аз идоракунии самарабахши иттилоотиву моддии марбут ва фаъолияти молиявию муомилотӣ дар бахши натиҷаҳои истеҳсолот иборат аст.

Ташаккули заминаҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ вазифаи таъхирнопазир дар соҳаи фаъолияти хизматрасонии логистикӣ мебошад. Фаъолияти логистикӣ аввалан муҳтавои онро дорад, ки бор ё дигар маҳсулотҳои интиқолӣ аз сарҳади гумрукӣ ҳам ба сифати маҳсулоти ватанӣ ва ҳам ба сифати маҳсулоти воридотӣ гузашта, дар як маврид ҷараёни дар гардиш қарор додани молу маҳсулотро иҷро менамояд. Молу маҳсулотро ба дохили мамлакат ворид намуда, мутақобилан молу маҳсулоти ватаниро ҳамчун маҳсулоти воридотивазкунанда ба хориҷи кишвар тавассути сарҳади гумрукӣ интиқол медиҳад. Албатта ин фаъолият агар аз як ҷиҳат як навъи фаъолияти соҳибкорӣ бошад ҳам аз тарафи дигар бараъло навъӣ хизматрасонӣ аст. Хизматрасонӣ объекти ҳуқуқи маданӣ буда, хизматрасонии логистикӣ низ бояд ба таври дахлдор ҳамчун таркиби объекти ҳуқуқи маданӣ эътироф карда шуда, воситаҳои танзимии ҳуқуқии он коркард карда шаванд.

Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) калимаи «логистика» мавриди истифода қарор гирифт. 22 – юми декабри соли 2017 дар Паёми худ Президенти кишвар супориш доданд, ки «….Вазорати нақлиёт якҷо бо дигар сохтору мақомот оид ба ташкили терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, долонҳои нақлиётӣ ва ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ гардондани хизматрасониҳо лоиҳаҳои дахлдорро таҳия ва бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ амалӣ намоянд».[181] Илова бар он Пешвои миллат чунин ибрози назар намуданд: «Дар ин ҷода, бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ бунёд намудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, марказҳои логистикӣ ва сардхонаҳо, инчунин беҳтар намудани корҳои бозорёбӣ (маркетинг) низ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим мебошад».[182]

Дар Барномаи саноатикунонии босуръати ҶТ барои солҳои 2020-2025, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 27 майи соли 2020, №293 тасдиқ шудааст, оид ба таҳияи нақша-чорабиниҳои назаррас дар самти хизматрасонии логистикӣ, бунёди хизматрасонии логистикӣ дар кишвар, ва дигар масъалаҳои мусоидаткунандаи инкишофи бахши хизмасрасонии логистикӣ як қатор тадбирҳо оварда шудааст. Хусусан дар сархати 3, банди 23-и Барнома ҷиҳати мусоидат ба рушди содирот ва низоми миллии воридотивазкунии интихобӣ нақши логистика низ ба назар

---

[180] Ниг.: Сфера услуг: менеджмент: учебное пособие// Под ред. Т. Д. Бурменко. – М., КНОРУС, 2017. – С. 61.

[181]Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 – юми декабри соли 2017.// www. President. Tj (санаи муроҷиат: 23. 08 соли 2023.)

[182] Ҳамон ҷо.

мерасад, ки чунин омадааст: андешидани чораҳои дахлдор ҷиҳати таъсиси марказҳои логистикӣ ва нуқтаҳои анҷом додани амалиётҳои банду баст, боркунӣ ва таҳвили маҳсулотҳои содиротӣ дар наздикии роҳҳои нақлиётии автомобилию роҳи оҳан ва фурудгоҳҳо ва ғайра[183].

Дар ин замина дар боби 9-и Барнома бо номгузории соҳаи нақлиёт дар амалишавии Барнома, яъне саҳми соҳаи нақлиёт ҳамчун соҳаи афзалиятнок дар ин раванди назарраси Барномаи мазкур якчанд тадбирҳову камбудиҳо ба назар мерасанд. Дар сархати 1, банди 164-и Барнома мавҷуд набудани марказҳои нақлиётӣ-логистикӣ омадааст. Банди 169 афзалияти соҳаи нақлиёт дар бахши бунёди хизматрасонии логистикаро дар бар мегирад, дар он қисмат чунин қайд шудааст: афзалияти дигари соҳаи нақлиёт ба саноатикунонӣ нигаронидашуда ҳамоҳангсозии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ бо марказҳои логистикӣ-нақлиётӣ мувофиқи мақсад мебошад. Мавқеи марказҳои логистикӣ-нақлиётӣ барои фурӯш ва содироти маҳсулоти тайёр ва воридоти ашёи хом аҳамияти муҳим дорад.

Дар самтҳои фаъолият ҷиҳати ноил шудан ба афзалиятҳои Барнома низ ки якчанд омилҳо дар банди 170-и Барномаи мазкур оварда шудаанд, дар сархати 4-и ин қисмат низ аҳамияти логистика бо чунин мазмун ба назар мерасад:

- таъмини рушд мутобиқи талаботи муосири шабакаи марказҳои нақлиётию логистикӣ ва низоми хизматрасонӣ ба онҳо. Натиҷаҳои пешбинигардидаи дурнамои Барнома банди 171-ро дар бар гирифта, дар он тадбирҳои саривақтии ба логистика рабтдоранда ба монанди:

- сохтмони зиёда аз 50 км хатти роҳи оҳани фаръии ба корхонаҳои саноатӣ баранда («Хуаксин Ғаюр семент», «Моҳир семент», Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд», Минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» ва дигар корхонаҳои бузурги саноатии бунёдшаванда);

- харидории 1000 вагони боркаш;

- сохтмони 5 маркази логистикии нақлиётӣ, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе, минтақаи Бохтар, ноҳияи Данғара, вилояти Суғд ва шаҳри Хоруғ;

- ташкили маркази иттилоотии логистикӣ дар шаҳри Душанбе пайваст ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва минтақа;

- низоми идоракунии дороиҳои хоҷагии роҳҳо ва ғайра дида мешаванд.

Ҳамин тавр, хизматрасониҳои логистикӣ ҳамчун маҷмӯи хизматҳои музднок иҷрошаванда оид ба ташкил ё гузаронидани хизматрасониҳои нақлиётӣ-экспедиторӣ, нигоҳдории бору нақлиёт дар анборҳо, коркади терминалии онҳо, инчунин дигар хизматҳои ба онҳо алоқаманд, мавзӯи нави танзими шартномавӣ мебошад.

Асосан намудҳои зерини чунин хизматрасонӣ ҷой дорад:

- нақлиётию экспедиторӣ. Ҳамлу нақли бор ва воситаҳои нақлиёт, намояндагии экспедиторӣ, қабул ва интиқоли онҳо;

- нигоҳубинии бор ва воситаҳои нақлиёт дар анборҳо, интихоби дурусти анборҳо;

- таъминоти молӣ тибқи эҳтиёҷоти корхонаҳо савдо;

- харидорӣ ба мақсади фурӯш ё коркарди минбаъдаи истеҳсолӣ.

Бояд таъкид кард, ки ба амал баровардани хизматрасонии логистикӣ фаъолиятҳоро ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар хориҷи кишвар дар бар мегирад, ки дар натиҷа, танзими ҳуқуқии ҳам санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва ҳам заминаҳои меъёрии қонунгузории миллиро дар бар мегирад.

---

[183] Ниг.: Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2025. Бо Қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 27 майи соли 2020, №293 тасдиқ шудааст. //[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/. (санаи муроҷиат: 15.04.2023.).

Агар мо меъёрҳои ҳуқуқии байналхалқиро, ки муносибатҳои мутақобилаи иштирокчиёни хизматрасонии логистикиро ба танзим медароранд, мушоҳида намоем бештар маврид қонунгузории мадании давлатҳои мухталиф танзимкунандаи хизматрасонии логистикӣ мебошанд. Қонунгузории мадании мамлакатҳои хориҷа сарчашмаи асосии танзимнамоии хизматрасонии логистикӣ ҳамчун як навъи фаъолияти муосири пешбурди иқтисод ба назар мерасанд. Ин гуна танзимро дар давлатҳои Аргентина, Болгария, Италия, Полша, Португалия, Руминия, Германия, Франсия ва ғайра. дидан мумкин аст. Дар як қатор давлатҳои алоҳида ба монанди Албания, Венгрия, Венесуэла, Чехия ҳамчун қонунгузории танзими бахши хизматрасонии логистикӣ якзайл аз ҳуқуқи хусусии байналмиллалӣ ва ё оинномаҳои алоҳида истифода мекунанд.

Ҳангоми таҳлили баъзе санадҳои махсуси байналмиллалӣ бояд Конвенсия дар бораи Шартномаи ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии бор, "Қоидаҳои ЮНСИТРАЛ оид ба ҳуқуқҳои амалиявии марбут ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи хариду фурӯши байналмилалии мол", инчунин Конвенсияи Венаро бояд мавриди омӯзиш қарор дод. Конвенсия дар бораи Шартномаи ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии бор (соли 1956) итминони заруриро ба яке аз ҷанбаҳои пешбурди тиҷорат ва логистика танзим мекунад, яъне интиқоли байналмилалии бор тавассути автомобил. Инчунин, Конвенсия дар бораи Шартномаи ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии бор танҳо ба ҳамлу нақли бор маҳдуд аст. Моддаи 1-и Конвенсия муқаррар мекунад, ки интиқоли як қатор маҳсулотҳоро, ки хусусияти ба худ хос доранд танзими онҳо тавассути татбиқи ин Конвенсия ба роҳ монда намешаванд, аз ҷумла, почта, ашёи шахсӣ, маводҳои тарканда ва қисматҳои он. Масъалаҳои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ, ки Конвенсия дар бораи Шартномаи ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии бор фаро нагирифтааст, аз ҷониби дигар санадҳо мавриди танзим қарор дода мешаванд.

Ҳамин тавр, кашонидани борҳои хавфнок бо роҳи автомобилӣ, ки масъулияти баландро талаб менамояд, мумкин аст, фақат дар асоси дигар созишномаи байналмилалие, ки Созишномаи Аврупо оид ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии борҳои хатарнок ном дорад, ба танзим дарорварда мешавад. Конвенсияи дар бораи Шартномаи ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии бор дар минтақаҳое амал менамояд, ки агар боркашонӣ дар байни ду ва ё зиёда мамлакатҳое ба амал баровarда шавад, ки яке аз онҳо иштироккунандаи ин Конвенсия мебошад.

Мувофиқи сархати якуми банди даҳуми "Барномаи давлатии рушди низоми логистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2028", ки бо қарори Ҳукумати кишвар аз 28. 10 соли 2023, таҳти № 503 тасдиқ шудааст, яке аз самтҳои рушди низоми логистика андешидани тадбирҳо оид ба рушди таъмини ҳуқуқӣ ва иттилоотии логистика мебошад[184]. Барои ин кор, пеш аз ҳама мафҳум ва нишонаҳои хизматрасонии логистикиро кушодан лозим аст.

Ҳамин тавр аз таҳқиқоти мақолаи мазкур чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки хизматрасонии логистикӣ гуфта маҷмӯи хизматрасониҳоеро меноманд, ки барои самаранокии фурӯши неъматҳои моддӣ ва ё ғайримоддӣ равона гардида, бо истеҳсоли ашё, иҷрои кор ва ё хизмат алоқамандӣ дорад. М. М. Лисогор, ки аввалиншуда дар бораи хизматрасонии логистикӣ рисолаи номзади илмҳои иқтисодӣ ҳимоя кардааст, дар ақида мебошад, ки ин хизматрасонӣ на танҳо бо

---

[184]Ниг.: Барномаи давлатии рушди низоми логистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2028", ки бо қарори Ҳукумати кишвар аз 28. 10 соли 2023, таҳти № 503. //[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/. (санаи муроҷиат: 15.12.2023.).

тақсимот, балки бо истеҳсоли ашё, иҷрои кор ва хизмат алоқамандӣ дорад.[185] Дар ин хусус мафҳумҳои дигар низ баён шудаанд. Бисёри муаллифон хизматрасонии логистикиро ҳамчун маҷмӯи амалиётҳое меноманд, ки бо ташкили самараноки муомилоти мол ва иттилоот алоқаманд мебошанд[186]. Ё онро басо маҳдуд муайян мекунанд. Масалан, ҳамчун иҷрои маҷмӯи вазифаҳо оид ба ташкили боркашонӣ аз як нуқтаи интиқол ба нуқтаи дигар[187]. Бо чунин ақидаҳо розишудан мушкил аст, зеро мавзӯи шартномаи хизматрасонии логистикӣ маҷмӯи амалҳои музднок оид ба ташкили истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва ё ғайримоддӣ ва фурӯши самараноки онҳо дар бозори ашё, иҷро кор ва хизмат мебошад. Бинобар ин, чунин хизматрасониро ба се намуд ҷудо намудан мумкин аст:

- хизматрасониҳо то фурӯши объектҳои дар боло муайяншуда. Муайян намудани эҳтиёҷоти бозор, хариди маҳсулот ва ташкили кор;
- хизматрасониҳо ҳангоми фурӯш. Пайдо намудани харидор, боркашонӣ ва ғайра;
- хизматрасониҳо баъди фурӯши ашё, натиҷаҳои иҷрои кор ва хизмат. Мисоли он шуда метавонад, хизматрасониҳо кафолатӣ, қабули арзу шикояти харидорон ва ғайра.

Адабиёт:


1. Казарина Л. А. Логистические услуги. – Байкал. Государственный универ. экономики и права. – Иркутск, 2006. – 157с.
2. Лисогор М. М. Сущность и источники логистических услуг. – М., МАКС, 2005.
3. Лисогор М. М. Развитие логистических услуг в современной экономической системе: дис. канд. эконом. наук: 08. 00. 05. – М., 2006. – 143с.
4. Волжин В. В. Логистические ловушки и решения в договорах. Справочник предпринимателя. – 3 – е изд. – М., Дашков и К., 2014. – 140с.
5. Тяпухин А. П. Коммерческая логистика: учебник. – М., КНОРУС, 2017. – 316с.
6. Сфера услуг: менеджмент: учебное пособие// Под ред. Т. Д. Бурменко. – М., КНОРУС, 2017. – 416с.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 – юми декабри соли 2017. .// www. President. Tj (санаи муроҷиат: 23. 08 соли 2023.).
8. “Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2025”. Бо Қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 27 майи соли 2020, №293 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/. (санаи муроҷиат: 15.04.2023)
9. Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.08 соли 2023).
10. Барномаи давлатии рушди низоми логистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2028”, ки бо қарори Ҳукумати кишвар аз 28. 10 соли


[185]Ниг.: Лисогор М. М. Развитие логистических услуг в современной экономической системе: автореф. дис. канд. эконом. наук: 08. 00. 05. – М., 2006. – С. 11.

[186]Ниг.: Сфера услуг: менеджмент: учебное пособие// Под ред. Т. Д. Бурменко. – М., КНОРУС, 2017. – С. 31.

[187] Ниг.: Тяпухин А. П. Коммерческая логистика: учебник. – М., КНОРУС, 2017. – С. 47.

2023, тахти № 503. //[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/. (санаи муроҷиат: 15.12.2023.).

Ғаюрзода Ш. К.,
Қудратзода Б.О.

Фишурда
Хизматрасонии логистикӣ: мафҳум ва нишонаҳо

Дар ин мақола муаллифон барои муайяннамудани мафҳуми хизматрасонии логистикӣ аввал ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва нуқтаи назари иқтисодчиҳоро оид ба он таҳлил менамоянд. Ошкор мешавад, ки хизматрасонии логистикӣ бо маъноҳои васеъ ва маҳдуд маънидод карда мешавад. Бисёриҳо онро бо муомилоти молҳо алоқаманд менамоянд. Муаллифон бо чунин андешаҳо розӣ намешаванд. Аз рӯи ақидаи онҳо, хизматрасонии логистикӣ аз маҷмӯи хизматрасониҳои музднок иборат буда, ба фурӯши самараноки неъматҳои моддӣ ва ё ғайримоддӣ равона гардида, бо истеҳсоли ашё, иҷро кор ва хизмат алоқаманд мебошанд.

Гаюрзода Ш. К.,
Кудратзода Б.О.

Аннотация
Логистические услуги: понятие и признаки

В данной статье авторы для определения понятия и признаков логистических услуг сначала анализируют программные документы и оценки экономистов по данному вопросу. Обнаруживается, что логистические услуги трактуется широко и ограниченно. Многие связывают это явление с движением товаров. Авторы с этими выводами не соглашаются. По их мнению, логистические услуги представляют собой комплекс взаимосвязанных возмездных услуг, направленных на эффективное продажу материальных или нематериальных благ, связанных с производством вещей, выполнением работ или оказанием услуг.

Gayurzoda Sh. K.,
Qudratzoda B.O.

The summary
Logistics services: the concept and features

In this article, the authors, in order to define the concept and features of logistics services, first analyze the program documents and estimates of economists on this issue. It is found that logistics services are interpreted broadly and in a limited way. Many people associate this phenomenon with the movement of goods. The authors disagree with these conclusions. In their opinion, logistics services are a complex of interrelated paid services aimed at the effective sale of tangible or intangible goods related to the production of things, the performance of works or the provision of services.

**Муқарризи мақола Қурбонализода Ф. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.**

**ВБД: 341. 4 (575. 3)** **Саидов Ҳ.М*.**

# МАФҲУМ ВА МАЗМУНИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ БА ОБЪЕКТҲОИ ОБ

**Калидвожаҳо:** Кодекси об, ҳуқуқи моликият, моликияти давлатӣ, моликияти хусусӣ, соҳибӣ, истифода, ихтиёрдорӣ, объектҳои об, қитъаи замин, ҳавзҳо, карйерҳо.

**Ключевые слова:** Водный кодекс, право собственности, государственная собственность, частная собственность, владение, пользование, распоряжение; водные объекты; земельный участок; пруды; обводненные карьеры.

**Keywords:** water code, property right, state property, private property, possession, use, disposal, water objects, land plot, ponds, flooded quarries.

Ҳуқуқи моликият яке аз намудҳои ҳуқуқҳои ашёӣ мебошад. Дар илми ҳуқуқи маданӣ ҳуқуқи моликиятро ба маънои объективӣ ва субъективӣ мефаҳманд. Вақте, ки сухан дар бораи танзими ҳуқуқи моликият дар низоми ҳуқуқӣ ва ҳамчун институти алоҳида меравад, дар ин маврид ҳуқуқи моликият ба маънои объективӣ фаҳмида мешавад. Аз мазмуни моддаи 279 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[188] (минбаъд Кодекси мадании ҶТ) бармеояд, ки ҳуқуқи моликият ба маънои объективӣ ин маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки муносибатҳои ашёиро ҳангоми соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории ашёи муайяни молӣ танзим менамояд. Ҳуқуқи моликият ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ бояд асоси қонунӣ дошта бошад, ки дар асоси он соҳибмулк аз рӯи салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани ашёи ба ӯ тааллуқдоштаро доро мебошад. Баъзан моликият ҳамчун ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ё ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ фаҳмида мешавад, ки он хосси муносибатҳои ашёӣ нест. Ҳуқуқҳои субъективии молик ҳифзшаванда мебошанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мафҳуми ҳуқуқи моликият ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ нуқтаи назари мухталиф мавҷуд аст. То имрӯз дар илми ҳуқуқ мафҳуми ҳуқуқи моликият мушаххас муайян нашудааст. Чунин ҳолат ба дуруст муайян кардани мазмун ва доираи амалӣ ҳуқуқи моликият таъсир мерасонад[189].

Ба таври анъанавӣ вақте, ки дар бораи ҳуқуқи моликият ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ сухан меравад, маҷмӯи ваколатҳои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани молик ба молу мулки ба ӯ тааллуқдошта дар назар дошта мешавад. Ин мавқеъро Е.А. Суханов дастгирӣ намуда, чунин мешуморад, ки ин се ваколат барои имкониятҳои амалӣ кардани ҳуқуқҳои молумулкӣ басанда буда, кӯшишҳои назариявӣ доир ба зам кардани ваколатҳои иловагӣ ба ин се ваколати асосии пешбинигардида натиҷаи мусбат нadодааст. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло Е.А. Суханов ҳуқуқи моликиятро чунин баён менамояд: "Ҳуқуқи моликият ҳамчун ҳуқуқи субъективии маданӣ ин имконияти бо қонун мустаҳкам карда мебошад, ки шахс аз рӯи салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молумулки ба ӯ тааллуқдоштаро дорад, дар баробари ин таваккали тасодуфан нобуд ё вайрон шудани молу мулк ва нигоҳдории онро ба уҳда дорад"[190].

---

*Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон hsaidov88@mail.ru тел: (+992) 985 62 88 77.

[188] Ниг.: Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.05 соли 2023.).

[189] Ниг.: Худоёрзода Б.Т., Саидов Ҳ.М. Ҳуқуқи гражданӣ, қисми 1 / Зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. – ҶДММ "Нушбод", Душанбе, 2022. – С. 234-235.

[190] Ниг.: Гражданское право. В 4 Т-х, Т.2. Общая часть: учеб. для студентов "вузов, обучающихся по направлению 521400" "Юриспруденция" и по специальности 021100" "Юриспруденция" // Ем В.С. и др/. отв. ред. Е.А. Суханов -3-е изд. перераб. и доп. М.: Волтерс Клувер, 2008. -С. 32.

Ҳамчунин қонунгузории маданӣ (қисми 1 моддаи 281 Кодекси мадании ҶТ) муқаррар кардааст, ки таваккали тасодуфан нобуд ё вайрон шудани ашё ба зиммаи молик гузошта мешавад. Н.Ю. Мурзина бошад, мафҳуми ҳуқуқи моликиятро ба таври васеъ маънидод менамояд. Аз рӯи муҳокимаронии ӯ ҳуқуқи моликиятро метавон ҳамчун таъмини ҳуқуқии имконияти шахси ваколатдор доир ба пешакӣ муайян намудани рафтори шахсони дигар нисбат ба он (молу мулк), аз рӯи салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода, ихтиёрдорӣ намуда, нисбати ин молу мулк тамоми амали ба қонун зид набударо анҷом медиҳад, муайян кард[191].

Моро мебояд, ки ҳуқуқи моликиятро бо фаҳмиши маданӣ нисбат ба объектҳои об таҳлилу баррасӣ намоем. Бояд таъкид намуд, ки ҳиқуқи моликиятро нисбат ба объектҳои об аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мумкин аст бо ду маъно баррасӣ кард. Якум, ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ ва дуюм, ҳамчун маҷмуи ваколатҳои молик.

Бояд тазаккур дод, ки ҳуқуқи моликият ба маънои объективӣ тартиби ба вуҷуд омадан ва қатъ гардидани ҳуқуқи моликиятро ба объектҳои об муайян мекунад ва ҳуқуқи моликият ба маънои субъективӣ ҳамчун татбиқи ваколатҳои молик нисбат ба объектҳои об баррасӣ мешавад. Аз ин рӯ, ҳуқуқи моликият ба маънои объективӣ ва ҳуқуқи моликият ба маънои субъективӣ аз ҷиҳати умумӣ ва махсус бо ҳам алоқаманданд.

Ҳуқуқи моликият ба объектҳои об ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки муносибатҳои моликиятро ба объектҳои об танзим мекунанд. Яъне маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои моликиятро танзим мекунанд, ҳуқуқи моликиятро ба маънои объективӣ ташкил медиҳанд.

Мувофиқи моддаи 13-и Конститутсияи ҶТ замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад[192]. Тибқи моддаи 9-и Кодекси оби ҶТ (минбаъд -КО ҶТ) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи асосҳо ва тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ҳуқуқи истифодаи объектҳои обро ба даст меоранд[193]. Дар вобастагӣ ба ин аз рӯи фаҳмиши маданӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи моликият як қатор объектҳоро (ҳавз, кони зери об монда (карйерҳо), ки дар ҳудуди қитъаи замини дахдор ҷойгиранд) нисбат додан имконпазир аст, ки метавонанд мутаносибан ба мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ тааллуқ дошта бошанд.

Ҳамин тариқ, қонун ба вуҷуд омадан ва қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба объекти обро бо пайдо шудан ё қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба қитъаи замине, ки дар он чунин объекти об ҷойгир аст, алоқаманд мекунад. Ин тартиб воқеан ба маврид аст. Зеро реҷаи маданӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи моликият нисбати на ҳамаи объектҳои об татбиқ мегардад, чунки объектҳои оби табиӣ (дарё, кул, бахр, пиряхҳо) объекти ҳуқуқи моликият ба маънои маданӣ-ҳуқуқӣ буда наметавонанд. Тартиби болозикр нисбат ба объектҳои оби сунъӣ (ҳавзҳо, карйерҳо) бештар тааллуқ дорад.

Мавриди зикри хос аст, ки ҳуқуқ ба қитъаҳои замин бо асосҳои

---

[191] Ниг.: Мурзина Н.Ю. К вопросу о понятии субъективного права собственности. Кн. Цивилистические записки. Межвузовский сборник научных трудов. –М.: «Статут», 2001. -С. 346.

[192] Ниг.: Конститутсияи ҶТ 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.05 соли 2023.).

[193] Ниг.: Кодекси оби ҶТ аз 2 апрели соли 2020, №1688. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.05 соли 2023.).

маъмултарин (санадҳои мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ) ба вуҷуд меояд, ки мутобиқи онҳо додани қитъаҳои замин сурат мегирад, инчунин шартномаҳо ва дигар аҳдҳо, аз ҷумла амалҳои фаъоли субъектони ҳуқуқи маданӣ низ ин ҷараёнро ба вуҷуд меоранд. Ҳуқуқ ба замин, инчунин метавонад дар асоси мерос ба миён ояд, масалан, вақте ки ҳуқуқи моликияти якумраи меросии ба қитъаи замин тааллуқдошта ба ворисии шаҳрванди фавтида мегузарад. Ҳамчунин, ҳуқуқ ба қитъаҳои замин аз қарори суд, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданиро муқаррар кардааст (сарсатри 2, 5, моддаи 10 (1) Кодекси замини ҶТ)[194] ба миён меояд.

Кодекси замини ҶТ (минбаъд КЗ ҶТ) ба даст овардани ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро дар асоси шартномаи хариду фурӯш ва дигар шартномаи бегонакунӣ (ҳадя, иваз, иҷора, гараф ва ғайра.), инчунин ба даст овардани қитъаи заминро бо тартиби мерос муқаррар мекунад. Ин ҳолат аз он сарчашма мегирад, ки бо Қонуни ҶТ аз 1 августи соли 2012 ба КЗ ҶТ тағйирот ворид гардид, ҳамон сол инҷониб ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин тибқи муқаррароти моддаи 2 (2) ҳамчун объекти ҳуқуқи граждани (маданӣ-таҳрири мо) муқаррар шуд. Ҳамчунин, бояд таъкид намуд, ки бо қабули Кодекси мадании ҶТ (аз 24-уми декабри соли 2022, ки аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор гирифт) қитъаи замин ҳамчун ашёи ғайриманқул (моддаи 138) муқаррар гардид, ки имконияти муомилотпазирии ин объектро дар ҳуқуқи маданӣ васеъ гардонид. Пас, ҳангоми муомилоти қитъаи замин ашёҳои дар болои он ҷойгиршуда (объектҳои об чуни нашё буда метавонанд) интиқол ёфта, ҳуқуқи моликияти субъектон (аз ҷумла, ҳуқуқи моликияти хусусии шахсони воқеӣ) татбиқ мегардад. Вобаста ба ин, чунин гуфтан мумкин аст, ки объектҳои об бо қитъаи замин, ки дар он воқеъ гардидаанд, вобаста мебошанд ва бегона кардани объектҳои об бидуни бегона кардани қитъаи замин, ки дар он объектҳои об воқеъ мебошанд, иҷозат дода намешавад. Ҳамчунин, тақсим кардани қитъаи замин низ иҷозат дода намешавад, агар дар натиҷаи чунин тақсимкунӣ тақсими объектҳои об (ҳавзҳо ва карйерҳо) талаб карда шавад. Аз ин рӯ, ҳавз ё карйерҳо, ки дар қитъаи замини дахлдор ҷойгир мебошанд, моликияти давлатӣ ё мутаносибан моликияти шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ ҳисобида мешаванд, агар дар қонун тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад.

Дар КО ҶТ масъалаи қатъи ҳуқуқи моликият ба ҳавз ё карйерҳо махсус ба миён гузошта нашудааст. Танҳо ҳуқуқи истифодабарии объектҳои об ва қатъи онро аз рӯи як қатор асосҳо ба тартиб медарорад (моддаи 9, бобҳои 5, 8 ва 9 КО ҶТ). Бояд таъкид дошт, ки қатъ ва (ё) гузаштани ҳуқуқи моликият ба объекти об ба сарнавишти қитъаи замине, ки дар он ҷойгир мебошанд, вобаста аст.

Вобаста ба таҳлили гузаронидашуда ба як масъала таваҷҷуҳ кардан зарур аст. Яъне объектҳои об манбаи пайдоиши табиӣ ва сунъӣ дошта метавонанд. Аз ин рӯ, агар манбаи пайдоиши объектҳои об, яъне табиӣ ё сунъӣ номаълум бошад, пас чи тавр объектҳои об дар ҳуқуқи моликияти ин ё он шахс қарор гирифта метавонанд. Бояд таъкид намуд, ки объектҳои оби сунъӣ, яъне ҳавз ё карйерҳо метавонанд моликияти хусусӣ ё моликияти давлатӣ бошанд ва дарё ё баҳр бошад танҳо дар моликияти давлатӣ буда метавонанд. КО ҶТ ба саволи объекти ҳуқуқи моликияти хусусии шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ қарор гирифтани объектҳои об (ҳавзҳо ва карйерҳо) ҷавоби мушаххас намедиҳад. Инчунин, ба объектҳои об ворид кардани ҳавзҳо ва

---

[194]Ба таври муфассал, ниг.: Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №23, мод. 351; с. 1997, №23-24, мод. 333, фасли IV; с. 1999, №5, мод. 59; с. 2001, №4, мод.176; с. 2004, №2, мод. 55, №3, мод. 190; с. 2006, №7, мод. 347; с. 2008, №1, қ. 2, мод. 22, №6, мод. 463; с. 2011, №3, мод. 171; с. 2012, №4, мод. 269; №8, мод. 828; Қонуни ҶТ аз 28.07.2006 № 199, аз 5.01.2008 № 357, 18.06.2008 № 405, аз 25.03.2011 № 704, аз 16.04.2012 № 819, аз 1.08.2012 № 891, аз 14.11.2016 № 1363, аз 23.12.2021 № 1823, №1824, № 1825, аз 19.07.2022 № 1902.

карйерҳоро Қонуни ҶТ «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ» аз 29 апрели соли 2006, №185 муқаррар намекунад[195]. Мувофиқи Қонуни мазкур ба объектҳои ҷуғрофӣ дарёҳо, кӯлҳо, пиряххо ва дигар объектҳои табиӣ дохил мешаванд. Зимнан, ҳавзҳо ва карйерҳо на табиӣ, балки объектҳои оби сунъӣ мебошанд. Аз ин рӯ, қонуни болозикр ба номҳо ва тағйир додани номи онҳо паҳн намегардад.

Гузашта аз ин, фаҳмиши ҳуқуқи моликият ба маънои субъективиро баррасӣ намудан зарур аст. Ҳуқуқи моликият ба маънои субъективӣ ҳамчун маҷмуи ваколатҳои соҳибмулк оид ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории объектҳои об фаҳмида мешавад. Мувофиқи моддаҳои 279-281 Кодекси мадании ҶТ молик ҳуқуқ дорад моликияти худро соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кунад, бори гарони нигоҳдорӣ ва хавфи аз даст додани моликиятро ба душ дорад.

Бояд зикр намуд, ки мазмуни ҳуқуқи моликият ба объектҳои обро қонунгузории маданӣ ва об муайян мекунанд. Е.Н. Лёмкина чунин менависад, ки мутобиқи қонунгузории об хусусияти хоси моликияти объектҳои об ин истифодаи нопурраи мафҳуми «соҳибӣ» ба объектҳои об мебошад, зеро оби дар онҳо мутамарказшуда дар ҳолати ҳаракати пайваста ва мубодила қарор дорад. Зери ваколати соҳибии ашё имконияти бо ҳуқуқ таъминшудаи амалигардонии воқеии доштани ашё мебошад, фаҳмида мешавад. Дар ин маврид, сухан дар бораи ҳукмронии хоҷагӣ бар ашё меравад, ки он аслан талаб намекунад, ки молик бо он алоқаи бевосита дошта бошад[196]. Барҳак таъкид менамояд Т.С. Бакунина, ки Кодекси об ба моликияти асосан федералӣ гузаштани объектҳои обро таъмин намуда, муомилоти ҳуқуқии мадании ин сарватҳо ва объектҳоро бо мақсади таъмини истифодаи оқилона ва ҳифзи онҳо ба ҳадди аксар маҳдуд кардааст[197]. Ба ақидаи М.М. Соҳибзода объектҳои об ин моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодабарии самараноки онро барои аҳолӣ кафолат дода, бегонакунии объектҳои обиро манъ менамояд ва объектҳои обӣ бояд ба таври ҷиддӣ тибқи таъйинот истифода бурда шаванд[198].

Ба андешаи мо қонунгузории оби ҶТ бояд доираи объектҳои оби рӯизаминиро, ки дар моликияти хусусӣ буда метавонанд, муқаррар кунад. Масалан, ҳавзҳо ва карйерҳо дар алоқаманди бо реҷаи ашёи ғайриманқул дар моликияти хусусӣ қарор гирифта метавонанд. Чунки бо қитъаи замине, ки дар он ин объектҳои ҷойгир шудаанд, гузашт карда мешаванд, барои онки як намуди ашёи ғайриманқул ин қитъаи замин ба ҳисоб меравад. Вале оид ба ин ҳолат Кодекси оби амалкунанда ягон муқаррароти мушаххас надорад. Ҳамчунин, дар КО ҶТ мафҳумҳои ин ҳавзобаҳо (ҳавзҳо ва карйерҳо) муайян карда нашудааст, ки метавонад ба азхудкунии ноодилонаи кулҳои хурд ё, масалан, обанборҳои хурд ба моликияти хусусӣ мусоидат кунад, ки ин қобили қабул нест. Илова бар ин, бояд дар назар дошт, ки дар ҷои обанборҳои табиӣ бисёр обанборҳои сунъӣ пайдо мешаванд, кули хурде, ки ба обанбори хурди сунъӣ табдил ёфтааст, метавонад моликияти хусусӣ гардад. Бо вуҷуди ин, моддаи 62-и КО ҶТ муқаррар мекунад, ки корҳо вобаста ба тағйир ва ё бунёди ҳавзобаҳо ё обравҳои табиӣ танҳо бо шарти нигоҳ доштани ҳолати табиии бавуҷудоии он гузаронида

---

195 Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ» аз 29 апрели соли 2006, №185 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2006, №4, мод. 198, ҚҶТ аз 19.03.2013с. №945.

196 Ниг.: Лёмкина Е.Н. Право собственности на водные объекты / Вопросы гражданского права / Сибирский юридический вестник, №3 (50), 2010. –С. 59.

197 Ниг.: Бакунина Т.С. Экологическое право: учебник. М., 2007. - С. 656.

198 Ниг.: Собирзода М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми махсус: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. –С. 70.

мешаванд[199].

Дар айни замон, инчунин баҳс дар бораи он, ки чӣ ҳавз ва чӣ карйер ҳисобида мешавад, мавҷуд аст, ин ба он вобаста аст, ки дар Кодекси об таърифи ин мафҳумҳо дода нашудааст, бинобар ин, барои гирифтани тасаввурот дар бораи он, ки қонунгузор чиро дар назар дорад, бояд ба таърифҳои табиатшиносӣ муроҷиат намоем. Ҳавз тавассути сохтани сарбанд дар дарёҳои хурд сохта мешавад ё метавонад махсус дар ҷойи алоҳила кофта омода карда шавад. Масоҳати он одатан набояд аз 1 метри мураббаъ зиёд бошад. Ҳавзҳо бо дигар обанборҳои рӯизаминӣ ё обҳои зеризаминӣ робитаи гидравликӣ доранд, яъне онҳо ба таври табиӣ аз об пур мешаванд. Карйерҳо - ин кофтани қабатҳои замин мебошанд, ки ҳангоми истихроҷи канданиҳои фоиданок ба вуҷуд меоянд. Мафҳуми «карйер» маънои онро дорад, ки дигар он барои истихроҷи маъдан истифода намешавад ва пур кардани он ба таври табиӣ ё сунъӣ сурат мегирад. Ҳавзҳо обанборҳои сунъии хурд мебошанд. Онҳо дар дарёҳо, сойҳо, дараҳо, ҷуйборҳо, ҷуйҳо, карйерҳо сохта мешаванд. Чуқурӣ, чун қоида, тақрибан 3-5 м ва майдони об ба 1 метри мураббаъ мерасад. Агар андозаҳо ва чуқуриҳо аз меъёрҳои муқарраршуда зиёд бошанд, сухан дар бораи обанборҳо меравад. Одатан ҳавзҳо обро барои моҳидорӣ ва моҳипарварӣ, обёрӣ, варзиш, фароғат ва чорабиниҳои фарҳангӣ мутамарказ мекунанд. Карйерҳо аз бисёр ҷиҳат ба ҳавзҳо наздиканд. Аз нуктаи назари гидрология дар ҷои конҳое, ки дар онҳо маъданҳои фоиданок дар кони ба истилоҳ кушода истихроҷ карда мешуданд, ҳавзҳо ташкил кардан мумкин аст. Баръакси дигар ҳавзҳо, худи пур кардани конҳо ба таври табиӣ сурат мегирад[200].

Мавриди зикри хос аст, ки ба моликияти хусусӣ доираи маҳдуди объектҳои об иҷозат дода мешаванд (масалан, ҳавзҳои сунъӣ), чунки ин объектҳо дар қитъаи замин бо меҳнати инсон ба вуҷуд оварда мешаванд ва якҷоя бо қитъаи замин ҳамчун ашёи ғайриманқул мавриди муомилот қарор мегиранд. Ҳамзамон, бояд зикр кард, ки ҳавзҳо ва карйерҳо ҳамчун объекти об метавонанд, ки дар моликияти давлатӣ ва хусусӣ қарор дошта бошанд, зеро ин объектҳои об хислати сунъии пайдошавӣ доранд.

Ваколати истифодаи объектҳои об аз истифодаи фоиданок ё гирифтани хосиятҳои фоиданоки онҳо иборат аст. Ваколати истифода ҳуқуқи субъективии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳифз ва истифодаи объекти об буда, дар асоси қарори ба истифода додани он ё шартномаи истифодаи объекти об ба миён меояд. Дар ин маврид, зарур аст, ки дар бораи муносибати байни ҳуқуқи истифодабарӣ ва ваколати истифодабарӣ таваҷҷуҳ зоҳир кард. Бояд зикр намуд, ки бе ҳуқуқи истифода амалӣ намудани яке аз ваколатҳои соҳибмулк, аз ҷумла истифодабарӣ ғайриимкон аст, зеро дар сурати мавҷуд будани ҳуқуқи истифода (масалан, шартномаи истифодаи объекти об) мумкин аст ваколати истифодабарӣ амалӣ шавад (масалан, истифодаи объектҳои об бидуни гирифтани захираҳои об бо мақсади тавлиди нерӯи барқ). Ҳамин тариқ, ҳуқуқи истифода ва ваколати истифодабариро метавон ҳамчун ҷараёнҳои асосӣ ва ҳосилшуда (муштоқ, дуюминдараҷа, истеҳсолӣ) ҳисобид.

Ваколати дигари молик ихтиёрдорӣ аст, ки имкони аз ҷиҳати ҳуқуқӣ таъминшуда барои муайян кардани тақдири ашё тавассути амалӣ намудани амалҳои ҳуқуқӣ нисбат ба ин ашё фаҳмида мешавад. КО ҶТ асосан моликияти давлатиро ба объектҳои обро афзалтар муқаррар мекунад. Вале

[199] Ниг.: Кодекси оби ҶТ аз 2 апрели соли 2020, №1688. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.05 соли 2023.).
[200] Ниг.: Лёмкина Е.Н. Асари ишорашуда. –С. 60.

рушди бесобиқаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва кафолат дода шудани фаъолияти хоҷагидорӣ маҷбур менамояд, ки муомилоти объектҳои об имконпазир гардад, онҳо аз як шахс ба шахси дигар, аз давлат ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои анҷом додани фаъолияти гуногуни соҳибкорӣ гузашт карда шаванд. Дар ин маврид риояи реҷаи ашёи ғайриманқул ҳатмӣ мебошад. Аммо як чизро бояд қайд кард, ки агар объекти об бидуни риояи қонунгузорӣ ба иҳотаи шахсе гузашта бошад, ки тибқи қонун аз они ӯ буда наметавонад, дар ин маврид бояд ҳуқуқи моликияти шахс нисбати ин объект эътироф нагардад. Вобаса ба ин, Кодекси мадании ҶТ дар моддаи 309 муқаррар мекунад, ки «агар бо асосҳои иҷозатдодаи қонун дар моликияти шахс ашёе қарор дошта бошанд, ки аз рӯйи қонун ба он тааллуқ дошта наметавонад, чунин ашё бояд аз ҷониби ин шахс дар давоми як сол аз лаҳзаи пайдо шудани ҳуқуқи моликият нисбат ба ашё бегона карда шаванд, агар қонун мӯҳлатҳои дигарро муқаррар накарда бошад»[201]. Аз сабаби он, ки объектҳои об аксаран дар моликияти давлатӣ қарор доранд, ба истиснои ҳавзҳо ва карйерҳо, хусусигардонӣ ва фурӯши онҳо манъ карда шудааст. Ҳамзамон, моликияти давлатӣ дар асоси шартномаи истифодаи об ва қарор дар бораи ба истифода додани объекти об барои истифода дода мешавад. Моро зарур аст, ки ваколати ихтиёрдориро нисбат ба ҳавзҳо ва карйерҳо баррасӣ намоем. Ҳавзҳо ва карйерҳо, ки дар қитъаи замини воқеъгардида вобаста мебошанд, ашёи ғайриманқул буда, муносибатҳо оид ба даст овардани ҳуқуқи моликият ва истифодаи онҳо асосан тибқи қонунгузории замин ва маданӣ, ки дар ин қисмат нисбат ба қонунгузории об афзалият доранд, танзим карда мешаванд. Бояд таъкид дошт, ки ҳуқуқи моликият ба қитъаи замин ба ҳавзҳо ва карйерҳо, ки дар ҳудуди ин қитъаи замин ҷойгиранд, тааллуқ дорад. Ба бегона кардани қитъаи замин бе чунин ҳавзобаҳо (ҳавзҳо ва карйерҳо) роҳ дода намешавад. Ин қитъаҳои замин тақсим карда намешаванд, агар дар натиҷаи чунин тақсимкунӣ тақсим кардани ҳавз ё карйерҳо зарур бошад. Аз ин меъёр бармеояд, ки тартиби бегона кардани ин объектҳои об, аз ҷумла тибқи шартномаҳои хариду фурӯш, бо роҳи харидан тибқи шартҳои шартномаи иҷора, шартномаи истифодаи об бо хариди минбаъдаи объекти об (ҳавз, карйерҳо) ва бо тартиби хусусигардонӣ, ки қонунгузории маданӣ ва замин муайян мекунанд, имконпазир аст. Ба андешаи Д.О. Сиваков дар шартномаи истифодаи об ё шартномаи иҷораи қитъаи замине, ки дар он ҳавз (карйер) ҷойгир аст, пешбинӣ шуда метавонад, ки қитъаи замини ба иҷора гирифташуда пас аз ба охир расидани мӯҳлати иҷораи об ба моликияти истифодабарандаи об гузарад, ба шарте ки истифодабарандаи об тамоми нархи хариди дар шартномаи қитъаи замин ва ҳавз (карйерҳо) муқарраргардидаро бо дарназардошти қонунгузории об пардохт намояд[202].

Ҳамин тариқ, тамоми меъёрҳои Кодекси замини ҶТ оид ба додани қитъаҳои замин, ба тартиб даровардани онҳо, хариду фурӯш, иҷора ва дигар аҳдҳо ба қитъаҳои замин якҷоя бо ҳавзобаҳои (ҳавзҳо ва карйерҳо) дар ҳудуди онҳо воқеъбуда пурра татбиқ мешаванд. Нисбат ба ҳавзҳо ва карйерҳо, ки ба моликияти хусусӣ тааллуқ доранд, талабот оид ба истифодаи об амал намекунад. Масалан, тартиби бастани шартномаи истифодаи об ё қабули қарор дар бораи ба истифода додани чунин объекти об татбиқ карда намешавад. Барои истифодабарии қитъаи замин, аз ҷумла майдони ишғолкардаи ҳавз ё карйерҳо аз соҳиби қитъаи замин андози замин ситонида

[201] Ниг.: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.05 соли 2023.).
[202] Ниг.: Сиваков Д.О. Новый кодекс РФ и водное хозяйство // Хозяйство и право. 2007. № 2. - С. 30–34.

мешавад, на андози об ва на пул барои истифодабарии объектҳои об. Нисбат ба ҳавзҳо ва карйерҳо, минтақаҳои муҳофизати об муқаррар карда нашудаанд. Дар баробари ин, ҳавзҳо ва карйерҳо, як қисми қитъаи замин мебошанд. Аз ин рӯ, бисёр хусусиятҳои низоми ҳуқуқии ин объектҳои об бо низоми ҳуқуқии дигар объектҳои об мувофиқ омада, муносибатҳои вобаста ба мақсадҳои истифода, ҳифз, муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои моликон ва амалӣ намудани функсияҳои идоракунии давлатӣ бо қонунгузории об танзим карда мешаванд.

Чунин таъкид менамояд Т.С. Бакунина, ки ҳавзҳо ва карйерҳо қисми фонди об буда, маълумот дар бораи онҳо ба Феҳристи давлатии об ворид карда шуда, нисбати онҳо мониторинги давлатӣ гузаронида мешавад ва объекти назорати давлатӣ оид ба истифода ва ҳифзи объектҳои об мебошанд[203].

Як чизро бояд қайд кард, ки бо рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва кафолат дода шудани фаъолияти озоди соҳибкорӣ имкони хусусигардонии баъзе объектҳои об имконпазир аст. Таҳлили КО ҶТ муайян мекунад, ки танҳо хусусигардонии иншооти хоҷагии об, ки таъйиноти махсуси стратегӣ доранд, манъ мебошад. Аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки хусусигардонии объектҳои оби таъйиноти махсуси стратегӣ надошта, масалан, ҳавзҳо, карйерҳо дар вобастагӣ ба реҷаи ашёи ғайриманқул имконпазир аст. Фаромӯш набояд кард, ки тамоми объектҳои об хусусигардонидашаванда намебошанд (масалан, дарёҳо, кулҳо, пиряххо, объектҳои оби зеризаминӣ ва м.и.). Бар замми ин ҳастанд объектҳои обе, ки хусусигардонидашаванда мебошанд. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» аз 16 май соли 1997, №465 омадааст, ки объектҳое, ки мутобиқи моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти истисноии давлатӣ мебошанд (ба ин моликият объектҳои об дохил мешаванд-таҳрири мо), ҳамчунин объектҳои мероси таърихӣ ва сарвати миллӣ, биноҳо ва иншооти мақомоти давлатӣ, системаҳои оби нӯшокӣ, корхонаҳои мудофиа, корхонаҳо оид ба нигоҳдошти партовҳои радиоактивӣ, инчунин амволи нерӯгоҳи барқи обии «Норак» хусусӣ гардонида намешаванд. Ҳамчунин муқаррар шудааст, ки хусусигардонии объектҳое, ки фаъолияти иқтисодиёти шаҳрҳо ва ноҳияҳоро таъмин мекунанд: иншооти комплекси сӯзишворию энергетикӣ; иншооти хоҷагии об (ба истисноӣ системаҳои обрасонии оби нӯшокӣ); роҳҳои оҳан ва роҳҳои автомобилгард; шабакаҳои алоқа; объектҳои нигаҳдории тандурустӣ ва маориф бо қарори Ҳукумати ҶТ сурат мегирад[204].

Дар хулоса ҳаминро бояд гуфт, ки ҳуқуқи моликият нисбат ба объектҳои об ин маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки муқаррар кардан, ба вуҷуд омадан, амалӣ гардидан, қатъ шудани ҳокимияти субъектонро нисбат ба объектҳои об ифода намуда, муносибатҳои ҳуқуқии бавуҷудомадаро миёни мақомоти давлатӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқӣ ба танзим медароранд. Ин фаҳмиши объективии ҳуқуқи моликият нисбати объектҳои об мебошад. Ҳуқуқи моликият нисбат ба объектҳои об, ки дар амалӣ намудани ваколати соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молик ифода меёбад, фаҳмиши ҳуқуқи моликиятро ба маънои субъективӣ дар назар дорад. Ҳуқуқи моликият нисбат ба объектҳои об дар шакли давлатӣ ва хусусӣ ҷой дошта метавонад. Дар шакли хусусӣ ҳуқуқи моликият бо риояи реҷаи ашёи ғайриманқул, яъне нисбати қитъаи замин, ки объектҳои об дар ҳамин қатъаи замин ҷойгиранд ба вуҷуд омада метавонад.

---

[203] Ниг.: Бакунина Т.С. Асари ишорашуда. - С. 656.

[204] Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» аз 16 май соли 1997, №465 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1997, №10, мод. 160; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 167; с. 2003, №12, мод. 699; с. 2009, №3, мод. 90; с. 2016, №7, мод. 630; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., №1402; аз 28.01.2020 с., №1686.

Имконияти ба моликияти субъектон (шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ) додани қитъаҳои замини дар онҳо мавҷудбудаи объектҳои об бо риояи реҷаи ашёи ғайриманқул аз манфиат холӣ нест.

**Адабиёт:**


1.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.05 соли 2023.).

2.Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020, №1688. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.05 соли 2023.).

3.Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.05 соли 2023.).

4.Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №23, мод. 351; с. 1997, №23-24, мод. 333, фасли IV; с. 1999, №5, мод. 59; с. 2001, №4, мод.176; с. 2004, №2, мод. 55, №3, мод. 190; с. 2006, №7, мод. 347; с. 2008, №1, қ. 2, мод. 22, №6, мод. 463; с. 2011, №3, мод. 171; с. 2012, №4, мод. 269; №8, мод. 828; Қонуни ҶТ аз 28.07.2006 № 199, аз 5.01.2008 № 357, 18.06.2008 № 405, аз 25.03.2011 № 704, аз 16.04.2012 № 819, аз 1.08.2012 № 891, аз 14.11.2016 № 1363, аз 23.12.2021 № 1823, №1824, № 1825, аз 19.07.2022 № 1902.

5.Қонуни ҶТ «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2006, №4, мод. 198, ҚҶТ аз 19.03.2013с. №945.

6.Қонуни ҶТ «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1997, №10, мод. 160; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 167; с. 2003, №12, мод. 699; с. 2009, №3, мод. 90; с. 2016, №7, мод. 630; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., №1402; аз 28.01.2020 с., №1686.

7.Бакунина Т.С. Экологическое право: учебник.- М., 2007.

8.Гражданское право. В 4 Т-х, Т.2. Общая часть: учеб. для студентов “вузов, обучающихся по направлению 521400” “Юриспруденция” и по специальности 021100” “Юриспруденция” // Ем В.С. и др/. отв. ред. Е.А. Суханов -3-е изд. перераб. и доп. М.: Волтерс Клувер, 2008.

9.Лёмкина Е.Н. Право собственности на водные объекты / Вопросы гражданского права / Сибирский юридический вестник, №3 (50), 2010.

10.Мурзина Н.Ю. К вопросу о понятии субъективного права собственности. Кн. Цивилистические записки. Межвузовский сборник научных трудов. –М.: «Статут», 2001.

11.Сиваков Д.О. Новый кодекс РФ и водное хозяйство // Хозяйство и право. 2007. - № 2.

12.Соҳибзода М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми махсус: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. – 400с.

13.Худоёрзода Б.Т., Саидов Ҳ.М. Ҳуқуқи гражданӣ, қисми 1 / Зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. – ҶДММ “Нушбод”, Душанбе, 2022. –368 с.


Саидов Ҳ. М.

**Фишурда**
**Мафҳум ва мазмуни ҳуқуқи моликият ба объектҳои об**

Дар мақолаи мазкур ҳуқуқи моликият ба объектҳои об ба маънои объективӣ ва субъективӣ таҳлил гардида, хусусиятҳои татбиқи ваколатҳои молик муайян шудааст. Таваҷҷуҳи бештар ба татбиқи ҳуқуқи моликият нисбат ба ҳавзҳо ва карйерҳо ҳамчун объекти об зоҳир карда мешавад.

**Саидов Х. М.**
**Аннотация**
**Понятие и содержание право собственности на водные объекты**

В данной статье анализируются права собственности на водные объекты в объективном и субъективном смысле, определяется особенности реализации полномочий собственника. Больше внимания уделяется реализации права собственности в отношении пруды и обводненные карьеры как водных объектов.

Saidov H. M.
The summary
**Concept and content of property rights to water objects**

In this article, the property rights to water objects are analyzed in an objective and subjective sense, and the characteristics of the implementation of the owner's powers are determined. More attention is paid to the implementation of property rights in relation to submerged ponds and quarries-mines as water objects.


**Муқарризи мақола Қурбонов Қ. Б. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.**

**ВБД: 341. 4 (575. 3)** **Ҷураев А. Ш.***

## ХАРИДУ ФУРӮШИ ҲИССА БА МАНЗИЛИ ИСТИҚОМАТӢ


**Калидвожаҳо:** мавзуи шартнома, хариду фурӯш, фурӯшанда, харидор, ҳуқуқи хариди афзалиятнок, муҳлати имтиёзнок, ҳисса, фурӯши ҳисса, ҳуқуқи моликияти умумӣ, иштирокчиёни моликияти умумӣ, огоҳинома, оферта, тақсими ҳисса, манзили истиқоматӣ, қонунгузорӣ.

**Ключевые слова:** предмет договора, купля-продажа, продавец, покупатель, право преимущественной покупки, льготный срок, доля, продажа доли, право общей собственности, участники общей собственности, уведомление, оферта, раздел доли, жилое помещение, законодательство.

**Keywords:** subject of the contract, purchase and sale, seller, buyer, right of first refusal, grace period, share, sale of share, right of common ownership, participants in common property, notice, offer, division of share, residential premises, legislation.


Манзили истиқоматӣ яке объектҳои бозоргирӣ ҳуқуқи маданӣ мебошад ва шартномаи хариду фурӯши он яке аз воситаҳои шинохтаи дар бавуҷудоии ҳуқуқи

*Ассистенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Тел.:** +992 988157373 E-mail: Azimjon_95@bk.ru

моликиятӣ ба он маҳсуб мегардад. Мавзуи шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ унсури асосӣ буда, имконият медиҳад, ки шартномаи мазкурро аз дигар намудҳои шартномаи хариду фурӯш фарқ намуд. Манзили истиқоматӣ мавзуи шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ мебошад. Яке аз масъалаи муҳими мавзуи шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ фурӯш ва хариди ҳисса ба шумор меравад.

Фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши ҳисса дар ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматӣ бо ҳуқуқи хариди афзалиятноки моликони дигар маҳдуд аст. Ф.С. Сулаймонов қайд мекунад, ки азбаски ин ба сифати ҳуқуқи дигар соҳибмулкон баромад менамояд, пас барои соҳибмулке, ки ҳуқуқи ихтиёрдорӣ намудани ҳиссаи худро амалӣ менамояд, ба сифати уҳдадорӣ баромад менамояд[205]. Мувофиқи муқаррароти моддаи 322 КМ ҶТ ҳангоми фурӯши ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ ба шахсони ғайр иштирокдорони боқимондаи моликияти ҳиссагӣ барои харидани ҳиссаи фурӯши мутобиқи нарх ва шартҳои дигари баробаре, ки он фурӯхта мешавад, ҳуқуқи афзалиятнок доранд, ба ғайр аз фурӯш дар савдои оммавӣ. Дар ин ҳолат, фурӯшандаи ҳисса уҳдадор аст иштирокдорони дигари моликияти ҳиссагиро аз нияти худ оид ба фурӯхтани ҳиссааш ба шахсони дигар хаттӣ огоҳ намуда, нарх ва шартҳои дигари фурӯшро нишон диҳад. Агар иштирокдорони дигари моликияти ҳиссагӣ барои харидани ҳисса розӣ набошанд, ҳиссаи фурӯхташавандаро ба молу мулки ғайриманқул дар давоми як моҳ ва молу мулки дигар дар давоми даҳ рӯз аз лаҳзаи огоҳ шудан ба даст наоранд, фурӯшанда ҳуқуқ дорад ҳиссаи худро ба шахси дигар фурӯшад. Ҳангоми фурӯши ҳисса бо вайрон кардани ҳуқуқи афзалиятноки хариди ҳисса, ҳар як иштирокдори моликияти ҳиссагӣ ҳуқуқ дорад дар давоми се моҳ ба суд дар хусуси ба он гузашт намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои харидор талабот арз намояд[206].

Ин тартиб фароянди универсалӣ (фарогирӣ) дошта, на танҳо ба хариду фурӯши ҳисса дар ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқул, балки ба ҳама фурӯши ҳисса дар ҳуқуқи моликият тааллуқ дорад. Акидан, хариду фурӯши ҳиссаи моликияти умумӣ дар ҳуқуқи маданӣ масъалаи муҳим буда, роҷеъ ба он дар илми ҳуқуқи маданӣ фикру мулоҳизаҳои мухталиф вуҷуд дорад. Л.В. Кузнетсов чунин назар дорад, ки тартиби комилан муайянгардидаи мазкур бо як қатор масъалаҳои баҳснок ва баъзан ҳалнашаванда алоқаманд аст[207]. Пеш аз ҳама, дар тартиб ва шакли фиристодани огоҳинома дар шакли хаттӣ бораи фурӯш бо дигар шарикон мушкилӣ вуҷуд дорад. Мувофиқи нишондоди сареҳи қонунгузорӣ (м. 322 КМ ҶТ) огоҳинома бояд дар шакли хаттӣ тартиб дода шуда, дар он нарх ва дигар шартҳое, ки ҳисса ба шахси бегона фурӯхта мешавад, зикр гардад ва баъд ба суроғаи дигар иштирокчиёни моликияти ҳиссагӣ ирсол шавад. Дар ин маврид метавонад баъзе аз мушкилот оид ба суроғаи фиристодани огоҳинома пайдо шавад. Аз моҳияти масъала дарк кардан мумкин аст, ки огоҳинома бояд ба суроғаи ҷойи истиқомати дигар моликон равона карда шавад. Аммо, дар амалия ҳолате пайдо мешавад, ки иштирокчиёни дигари моликияти умумӣ дар суроғаи ирсолшуда истиқомат намекунанд ё ҷойи истиқоматӣ доимӣ надоранд. Пас дар ин маврид, муайян намудани роҳи ҳалли масъала ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар ин самт метавон андешаи Н. Толчеевимро ҷонибдорӣ намуд, зеро ӯ қайд менамояд, ки “талаботи ирсоли огоҳинома метавонад иҷрошуда ҳисобида

[205] Ниг.: Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи ашёӣ: монография. – Душанбе: Нашриёти ДМТ, 2015. – С. 177.

[206]Ниг.: Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.09 соли 2023).

[207]Ниг.: Кузнецова Л.В. Некоторые проблемы осуществления преимущественного права покупки доли в праве общей долевой собственности // Журнал российского права. – 2006. – №4.- С. 39.

шавад, агар фурӯшанда далели пешниҳоди огоҳинома дар бораи фурӯши ҳисса ба ҷойи маълуми истиқомати иштирокчиёни ғоибшуда, ё комилан номаълум будани ҷойи истиқомати онҳоро дошта бошад”[208]. Бояд зикр намуд, ки ба сифати чунин далел метавонад нусхаи огоҳиномаи ба субъектони ҳуқуқи афзалиятнок ирсолшуда, инчунин маълумотномаи маъмурияти маҳаллӣ, мақомоти андоз оид ба қарзи насупоридани андозҳо бо дарназардошти истиқомат надоштан дар суроғаи ирсолгардида ва ғайра, баромад намоянд.

Дар қонунгузории кишвар роҷеъ ба ин масъала меъёри мушаххасе вуҷуд надорад, вале қобили зикр аст, ки ҳатто ирсоли огоҳинома ба суроғаи охири истиқомати моликони муштарак ба харидори ҳисса кафолат дода наметавонад, ки шахси дорандаи ҳуқуқи афзалиятнок барои ба худ гузаронидани ҳуқуқу уҳдадориҳои ӯ даъво намекунад. Масъалаи мазкур сароҳатан дар қонунгузории мадании Олмон ҳалли худро ёфтааст. Масалан, мувофиқи м. 1104 Кодекси мадании Олмон дар ҳолати номаълум будани ҷойи истиқомати шахси ҳуқуқи афзалиятнокдошта, суд метавонад дар бораи истисно намудани ҳуқуқи ӯ ҳалнома барорад[209]. Аз ин меъёри Кодекси мадании Олмон бармеояд, ки бо ҳалномаи суд ҳуқуқи афзалиятнок метавонад қатъ гардад. Истифода намудани ин таҷриба дар қонунгузории мадании кишвар аз манфиат холӣ нест. Чунки ҳалномаи мақомоти суд ба харидор кафолати ҳифзи саҳми харидаашро аз даъво вобаста ба гузариши ҳуқуқу уҳдадориҳояш ба иштирокчиёни дигари моликияти умумро медиҳад.

Ҳамин тавр, иштирокчиёни моликияти ҳиссагӣ аз ҳуқуқи афзалиятноки худ метавонанд дар мӯҳлати муайяннамудаи қонунгузории маданӣ истифода намоянд. Ҳангоми хариду фурӯши ҳисса дар манзили истиқоматӣ, дорандаи ҳуқуқи афзалиятнок дар хариди ҳисса дар давоми як моҳ баъди гирифтани огоҳинома метавонад аз ҳуқуқи худ истифода намуда, онро харад. Мӯҳлати додашуда имтиёзнок буда, дар давоми он, агар дорандагони ҳуқуқи афзалияток аз ҳуқуқи афзалиятноки хариди ҳисса бо сабабҳои узрнок (ҳатто бо сабаби беморӣ) низ истифода накунанд, ин мӯҳлат барқарорнашаванда аст.

Дар ҳамин замина, О. Селезнева бамаврид қайд менамояд, ки хомушӣ дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонун барои амалӣ намудани ҳуқуқи афзалиятнок ба харид баробар ба даст кашидан аз ин ҳуқуқ аст[210]. Муҳаққиқони ватанӣ зимни тафсири КГ ҶТ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ишора менамоянд, ки “мӯҳлати муқарраргардида пешгирикунанда (қатъкунанда) мебошад, яъне баъди гузаштани он ҳуқуқи хариди афзалиятнок моҳияти худро гум мекунад. Имконияти барқарор сохтани мӯҳлати гузаронидашуда (сарфи назар аз сабабҳои узрноки гузаронидани мӯҳлат ё дигар ҳолатҳо) тибқи қонун пешбинӣ нашудааст”[211]. Дар сурати ба вуҷуд омадани баҳс танҳо фурӯшандаи ҳисса имконияти исбот намудани иҷрои уҳдадории ба субъектони дигар ба тариқи хаттӣ огоҳ намуданашро дорад. Дар ин асно, мувофиқи қонунгузорӣ огоҳинома бояд дарбаргирандаи нарх ва дигар шартҳои шартнома низ бошад. Аммо шартҳои мушаххас дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашудааст. Дар илми ҳуқуқи маданӣ рӯи ин масъала андешаҳои мухталифи ҳуқуқшиносон мавҷуд аст. Масъалаи табиати ҳуқуқии огоҳинома дар бораи фурӯши ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ аз аҳаммияти ҳуқуқӣ ва амалӣ

---

[208]Ниг.: Толчеев Н. Преимущественное право покупки доли жилого дома (квартиры) / Н. Толчеев // Российская юстиция. – 2000. – № 7. – С. 20–23.

[209]Ниг.: Германское Гражданское Уложение. [Элоктронный ресурс]. Манбаи дастрас: https://ru.wikisource.org/wiki/Германское_гражданское_уложение/Книга_3/Раздел_6 (санаи муроҷиат: 01.08 соли 2023)

[210] Ниг.:Селезнева О. Право преимущественной покупки и отказ от него. // Правовые вопросы недвижимости. – 2006. – № 1. – С. 38.

[211]Ниг.: Маҳмудов М.А., Тағайназаров Ш.Т., Species Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – С.652.

бархурдор аст, зеро маҳз бо баррасии он маълум мешавад, ки оё чунин огоҳинома ҳамчун оферта ҳисобида мешавад ё хайр ва, инчунин лаҳза ва ҷойи бастани шартнома, риояи шакл ва ғайра. Дар робита ба ин ду мавқеи бо ҳам таноқуздоштаи андешамандони соҳаи ҳуқуқи маданӣ ҷой дорад.

Э.П. Гаврилов чунин назар дорад, ки огоҳинома оид ба фурӯши ҳисса ба шахси сеюм бояд ҳамчун оферта баҳо дода шавад. Аз нигоҳи ӯ "маънои огоҳинома дар он нест, ки фурӯшанда дигар иштирокчиёни моликияти ҳиссагиро дар бораи нияти ба шахси сеюм фурӯхтани ҳиссаи худ огоҳ намояд, балки ӯ бар ҳар як иштирокчии дигар пешниҳод менамояд, ки онро аз ӯ харанд. ... Пас, ин огоҳинома офертаи аҳди яктарафа аст"[212]. Андешаи мазкурро К. Скловский, М. Смирова ҷонибдорӣ намуда, огоҳиномаи фурӯшандаро ҳамчун оферта маънидод менамоянд. Аз нигоҳи онҳо "фурӯшанда уҳдадор аст, ки субъекти ҳуқуқи афзалиятнокро дар бораи фурӯши ашё бо нишон додани тамоми шартҳо огоҳ намояд. Зоҳиран, ин амали фурӯшанда характери офертаро дорад, чунки субъекти ҳуқуқи афзалиятнок дар посух ба ин изҳорот ҳуқуқ дорад ҳиссаро харад ва ё аз хириди он даст бикашад, ғайр аз ин, қонун имкони саркашии фурӯшандаро аз фурӯш муқаррар накардааст, агар субъекти ҳуқуқи афзалиятнок барои харид розигӣ дода бошад"[213]. Гурӯҳи дигари олимон андешаи муқобилро манзур менамоянд. Масалан, А.П. Фоков қайд менамояд, ки "моҳияти ҳуқуқии огоҳинома танҳо дар он аст, ки дигар шариконро дар бораи хоҳиши бегона кардани ҳисса хабардор намояд"[214]. Андешаи мазкурро В.П. Камишинский ва Е.В. Волкова дастгирӣ намуда, чунин иброз менамоянд: "Азбаски ҳуқуқи афзалиятнок вижагии ҳуқуқи талабкуниро надорад ва фурӯшанда дар бастани шартнома ба дорандаи ҳуқуқи афзалиятнок уҳдадор нест ва меъёрҳое, ки хусусият ва оқибати огоҳиномаи фурӯши дарпешистодаро муайян менамоянд, набояд ин огоҳиномаро чун оферта пешбинӣ намоянд"[215]. А.А. Онина ҳамчун муҳаққиқи масъалаи баррасишаванда, дар робита ба сифати оферта баррасӣ намудани огоҳии шахсони дорои ҳуқуқи афзалиятнок оид ба фурӯши ҳиссаи дарпешистода, назари интиқодӣ дорад. Аз нигоҳи ӯ, огоҳинома танҳо хусусияти иттилоотӣ дорад[216]. Ҳамин ғояро С.С. Желокин дастгирӣ намуда, чунин мешуморад, ки дарвоқеъ фурӯшанда метавонад ба дигар иштирокчиёни моликияти ҳиссагӣ оферта дар бораи фурӯши ҳисса ирсол намояд, вале огоҳинома ҳангоми нияти бегона намудани ҳисса ба шахси сеюм бо тариқи музднок фиристода мешавад ва ҳуҷҷати дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ мебошад[217].

Андеша ва дидгоҳҳои болозикр имкон фароҳам меоранд то мо доир ба масъалаи баррасишавандаи назари худро манзур намоем. Аз нигоҳи мо барои ҳалли масъалаи мазкур муайян кардан лозим аст, ки огоҳиномаи мавриди назар оё дорои вижагиҳои зарурӣ чун оферта ҳаст ё на. Мувофиқи м. 502 КМ ҶТ "Оферта ин пешниҳоди равонашуда ба як ё якчанд шахси мушаххас мебошад, ки ба таври

---

[212] Ниг.: Гаврилов Э. Преимущественное право покупки. // Российская юстиция. – 2001. – № 2. – С. 17.
[213]Ниг.: Скловский К., Смирнова М. Институт преимущественной покупки в российском и зарубежном праве.// Хозяйство и право.- 2003.- № 10. – С. 41.
[214]Ниг.: Фоков А.П. Теоретические и практические проблемы распоряжения имуществом, находящимся в общей долевой и совместной собственности. // Арбитражный и гражданский процесс. – 2003. – № 11. – С. 7.
[215]Ниг.: Камышанский В.П. Осуществление преимущественных прав в отношениях по отчуждению имущества / В.П. Камышанский, Е.В. Волкова [Электронный ресурс] // КонсультантПлюс. Россия / ООО «ЮрСпектр». – Минск, 2016.
[216] Ниг.: Онина А.А. Преимущественное право покупки в гражданском праве Российской Федерации: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03. – Краснодар, 2009. – 20 с.
[217] Ниг.: Желонкин С.С. К вопросу о правовой природе извещения в механизме реализации преимущественного права: правовая определенность или судейское усмотрение // Вестник арбитражной практики.- 2017.- № 4.- С. 18.

кофӣ муайян буда, нияти шахси пешниҳодкардаро дар хусуси аз ҷониби худ басташуда ҳисобидани шартнома бо гирандаи пешниҳод, ки онро қабул мекунад, ифода менамояд. Оферта бояд шартҳои муҳимми шартномаро дар бар гирад”[218]. Чихеле аз нишондоди кодекс маълум аст, оферта бояд нияти мушаххаси оферентро дар хусуси аз ҷониби худ басташуда ҳисобидани шартнома бо гирандаи пешниҳод дарбар бигирад, дар баробари ин бояд оферент дар изҳори иродаи худ озод бошад. Изҳори ирода дар сурате метавонад оферта шавад, ки агар он хоҳиш ва иродаи шахси огоҳкунандаро барои қабули аксепт инъикос намояд ва дар такя ба шартҳои дар оферта нишондодашуда бо аксептант муносибати ҳуқуқӣ барқарор намояд.

Ба андешаи мо огоҳинома дар бораи фурӯши ҳисса ба ин аломати оферта мувофиқат намекунад, чунки моҳияти ин огоҳинома иттилоърасонӣ ва огоҳ намудани иштирокчиёни моликияти умумӣ  дар бораи фурӯши ҳисса ба шахси сеюм мебошад. Ҳамзамон фурӯшанда розигии шариконро барои бегона кардани ҳиссаи хеш мепурсад. Фурӯшандаи ҳисса иштирокчиёни дигари моликияти умумиро дар бораи фурӯши ҳисса танҳо пас аз муайян намудани харидори дигар (шахси сеюм)  ва мувофиқаи онҳо ба тамоми шартҳои шартномаи оянда огоҳ менамояд, яъне ин як огоҳӣ ба шарикон дар мавриди фурӯши ҳисса ба шахси сеюм мебошад. Тибқи қонунгузорӣ оферта ин ҳамеша натиҷаи иродаи озоди субъектони ҳуқуқи маданӣ мебошад ва уҳдадории ирсоли огоҳинома ба иштирокчиёни моликияти умумӣ хусусияти императивӣ (ҳатмӣ) дошта, дар қонун пешбинӣ шудааст.

Ҳолати дигаре, ки бояд мариди таҳлил қарор гирад, ин аст, ки агар огоҳинома дар бораи фурӯши ҳисса ба иштирокчиёни моликияти ҳиссагӣ ирсол шаваду якчанд шарикон барои хариди ҳисса розигӣ диҳанд, дар ин ҳолат масъалаи фурӯш ба кӣ ва чӣ гуна ба вуҷуд меояд. Ин масъала дар қонунгузории мадании ҶТ муқаррар нашудааст, вале дар илми ҳуқуқи маданӣ се нуқтаи назар мавҷуд аст.

Тарафдорони андешаи аввал чунин назар доранд, ки шартномаи хариду фурӯш бо ҳар кадоми иштирочиёни моликияти умумӣ, ки розигии худро барои хариди ҳисса баён намудаанд, мутаносибан ба андозаи ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ, ки ба ин шарикон марбут аст, баста мешавад. Ин мавқеъ дар қонунгузории соири кишварҳои хориҷа мустаҳкам шудааст. Масалан, дар моддаи 815-14 Кодекси мадании Фаронса муқаррар шудааст, ки “агар якчанд шарикони молу мулки тақсимнашаванда аз ҳуқуқи афзалиятнок истифода намоянд, онҳо дар якҷоягӣ ба  қисми фурӯхташуда  мутаносибан ҳиссаи худро ба даст меоваранд”[219].

Алоқамандони назари дуюм чунин мепиндоранд, ки шартномаи хариду фурӯш бо шахсе баста мешавад, ки нахуст ба фурӯшанда муроҷиат кардааст. Ҳамин тариқ, ба ақидаи С.А. Денисова шартнома бояд бо иштирокчии моликияти умумие баста шавад, ки нахуст ба огоҳиномаи фурӯшанда посух медиҳад[220]. Қобили қайди махсус аст, ки нуктаи назари мазкур аз дидгоҳи мо баҳсбарангез мебошад, чунки ирсоли огоҳинома ба ҳамаи  иштирокчиёни моликияти умумӣ дар як вақт метавонад имконнопазир бошад ва ҳамчунин номуайянии ба кӣ барвақт ва ба кӣ дер расидани огоҳинома метавонад мабнӣ  ба вайрон намудани баробарии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ гардад.

---

[218]Ниг.: Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.09 соли 2023).

[219]Ниг.: Французский гражданский кодекс [Электронный ресурс]. http://oceanlaw.ru/wp-content/uploads/2018/02/ Фр.Кодекс-123.pdf. (санаи муроҷиат: 28.08 соли 2023).

[220]Ниг.: Денисов С.А. Преимущественное право на заключение договора как институт, устанавливающий пределы свободы заключения договора.// Законодательство. – 1997. – № 2. – С. 36.

Пайравони нуқтаи назари сеюм андеша доранд, ки ҳуқуқи интихоби харидор миёни иштирокчиёни моликияти ҳиссагӣ мувофиқи шартномаи хариду фурӯш ба фурӯшанда тааллуқ дорад. Ин нуқтаи назарро А.П. Фиков[221], О. Селезнева[222], М. Козлов[223] ва ғайра тарафдорӣ менамоянд. Ин нуқтаро бояд дарназар дошт, ки дар шартномаи хариду фурӯш интихоби харидор миёни иштирокчиёни моликияти умумӣ аз ҷониби фурӯшанда ба принсипи озодии шартнома низ мувофиқат мекунад ва табиӣ аст, ки муносибатҳои шартномавӣ дар асоси изҳори иродаи озоди тарафҳо вобаста ба манфиатҳояшон амалӣ мешаванд. Инчунин, ин нуқтаи назар дар қонунгузории баъзе аз давлтаҳо низ мустаҳкам гардидааст. Масалан, дар қисми 3, моддаи 362 Кодекси мадании Украина нишон дода шудааст, ки “дар сурати изҳори хоҳиши якчанд иштирокчӣ барои ба даст овардани ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ , фурӯшандаи ҳисса ҳуқуқ дорад харидорро интихоб намояд”[224]. Дар қонунгузории мо низ ҳамин нуқтаи назар пешбинӣ шавад, боиси ҳалли баҳси миёни иштирокчиёни моликияти умумӣ дар хариду фурӯши ҳисса мегардад.

Бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҳама иштирокдорони моликияти умумӣ дар қ. 3. м. 322 Кодекси мадании ҶТ пешбинӣ шудааст, ки ҳангоми фурӯши ҳисса бо вайрон кардани ҳуқуқи афзалиятноки хариди ҳисса, ҳар як иштирокдори моликияти ҳиссагӣ ҳуқуқ дорад дар давоми се моҳ ба суд дар хусуси ба он гузашт намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои харидор талабот арз намояд.Муҳлати пешбинигардида пешгирикунанда (қатъкунанда) мебошад, аз ин лиҳоз, талаботи даъво, ки бо гузаронидани муҳлати зикргардида изҳор шудааст, бояд рад карда шавад. Ин муҳлат аз лаҳзае оғоз меёбад, ки шахс дар бораи вайрон гардидани ҳуқуқи худ огоҳ шудааст ё мебоист огоҳ шавад.

Шартномаи хариду фурӯши ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ дар робита ба манзили истиқоматӣ бо иштирокчие баста мешавад, ки агар он ба ҳайси тарафи шартнома ба қайди давлатӣ гирифта шуда бошад. Фурӯшанда дар ҳолати фурӯши ҳиссаи худ ба яке иштирокчиёни ҳуқуқи моликияти умумӣ, ҳуқуқи афзалиятноки дигар иштирокчиён ба хариди ҳисса аз эътибор соқит мегардад, яъне ҳуқуқи афзалиятнок замоне рӯи кор меояд, ки ҳисса ба шахси дигар фурӯхта шавад.

Яке аз хусусиятҳои манзили истиқоматӣ дар муқоиса ба бинои ғайриистиқоматӣ дар он ифода меёбад, ки манзили истиқоматӣ, хонаи истиқоматӣ ва хона дар бинои бисёхонагиро ҳамчун қоида аз рӯи асл ҷудо намудан ғайриимкон аст ва биноҳои ғайриистиқоматиро, масалан чун ошхона, ҳаммом ва ғ., ки ҳуҷраҳои ёрирасон ба ҳисоб мераванд, ҷоиз нест дар баробари манзили истиқоматӣ ҳамчун ҳисса ҷудо намуд. Дар қиболи ин, имкон дорад, ки ҳисса дар ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматӣ ягона ҷойи истиқомат барои ҳар як иштирокчии моликияти умумӣ бошад, вале мавҷудияти муносибатҳои шахсӣ ва ё дигар муносибатҳое, ки метавонанд зиндагии муштараки онҳоро номумкин гардонанд. Масалан, дар ҳолати талоқ гирифтани ҳамсарон ниёзи ҳалли масъалаи тақсими ҳисса ба вуҷуд меояд.

Дар робита ба масъалаи тақсими манзили истиқоматӣ миёни шарикон на дар қонунгузории маданӣ ва на манзил меъёри махсусе, муқаррар нагардидааст. Ҳамзамон фурӯши ҳисса ба дорандагони ҳуқуқи афзалиятнок наметавонад мушкилиҳои манзилиро ҳал намояд, чунки маълум аст, нархи бозории ҳисса дар

[221] Ниг.: Фоков А.П. Асари ишорашуда. – С. 7.
[222] Ниг.: Селезнева О. Асари ишорашуда.– С. 37.
[223] Ниг.: Козлов М. Предпочтение перед посторонними// ЭЖ-Юрист.- 2005.- № 29.- С.4.
[224] Ниг.: Украинский гражданский кодекс. [Манбаи электронӣ]. https://continent-online.com/Document/?doc_id=30418568. (санаи мурочиат: 02.09 соли 2023).

ҳуқуқи моликияти умумӣ нисбат ба объекти мустақили манзили истиқоматӣ поёнтар аст. Дар ин асно мушкилӣ дар он аст, ки ҳиссаро ба таври воқеӣ дар манзили истиқоматӣ ҷудо намудан ғайриимкон аст. Чун қоида ҳамаи иштирокчиёни моликияти ҳиссагӣ ба истифодаи манзили истиқоматӣ манфиатдор мебошанд.

Мувофиқи м. 324 Кодекси мадании ҶТ барои ҳалли масъалаи тақсими ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ муқаррар намудааст, ки ҳангоми ба мувофиқа наомадани иштирокдорони моликияти ҳиссагӣ оид ба тарз ва шартҳои тақсими молу мулки умумӣ ё ҷудо кардани ҳиссаи яке аз онҳо иштирокдори молу мулки ҳиссагӣ ҳуқуқ дорад дар шакли асл ҷудо кардани ҳиссаи худро дар молу мулки умумӣ бо тартиби судӣ талаб намояд. Агар дар шакли асл ҷудо кардани ҳиссаро қонун иҷозат надиҳад ё бо сабаби расидани хисороти номутаносиб ба молу мулки таҳти моликияти умумӣ қарордошта имконнопазир бошад, молики ҷудошаванда ба пардохти арзиши ҳиссааш аз ҷониби дигар иштирокдорони моликияти ҳиссагӣ ҳуқуқ дорад. Агар молу мулке, ки дар шакли асл дар асоси моддаи мазкур ба иштирокдори моликияти ҳиссагӣ дода мешавад, бо ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ мувофиқ наояд, он тавассути пардохти маблағи муайян ё ҷуброни дигар бартараф карда мешавад. Пардохти ҷуброн ба иштирокдори моликияти ҳиссагӣ ба ивази ҷудо кардани ҳиссааш дар шакли асл аз ҷониби моликони дигар бо розигии ӯ иҷозат дода мешавад. Дар ҳолате, ки ҳиссаи молик ночиз аст, ба таври воқеӣ дар асл ҷудо кардани он имконнопазир аст ва молик барои истифодаи молу мулки умумӣ манфиати назаррас надошта бошад, суд метавонад бе розигии ин молик низ дигар иштирокдорони моликияти ҳиссагиро барои пардохти ҷуброн уҳдадор намояд. Молик баъди мутобиқи моддаи мазкур гирифтани ҷуброн ҳуқуқи худро ба ҳисса дар моликияти умумӣ гум мекунад.

Ба мерос гузоштани манзили истиқоматӣ яке аз василаҳои табиии инкишофи моликияти ҳиссагӣ маҳсуб мешавад. Мерос дар ҳаёти ҳар шахс новобаста аз вазъи иқтисодияш муҳим арзёбӣ гардида, барои ҳар шахс бо далелҳои мухталиф аҳаммиятнок аст. Масалан, барои баъзеҳо барои зиндагии шахсияш муҳим аст, барои дигарон бошад масири нигоҳ доштани қисме аз моликияташ ба шумор меравад, ё дигар шахс барои нигоҳдории манзили зист дар оила, ё идомаи анъанаҳо ва хотироти ниёгон ва ғайра.

Аз гуфтаҳои мазкур бармеояд, ки дар доираи меъёрҳои ҳуқуқи мерос бояд меъёрҳое мустаҳкам гарданд, ки имконияти зиёд шудани шумораи соҳибони ҳисса дар манзили истиқоматиро боз дорад. Бавижа, пешбинӣ намудани меъёри ҳатмӣ дар қонунгузорӣ барои ба қайд гирифтани манзили истиқоматӣ ба моликияти танҳо яке аз ворисон бо уҳдадории пардохти пулӣ вобаста ба арзиши ҳисса ба дигар ворисон зарур аст.

Аз таҳлил ва омӯзиши масъалаи мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар ҳолати мутааллиқ будани манзили истиқоматӣ ба якчанд шахс, дар сатҳи қонунгузорӣ меъёре муқаррар кардан лозим аст, ки имкони бо тартиби судӣ мубодилаи ҳатмии манзили истиқоматӣ бо дигар манзилҳое, ки нархи паст доранд, ба миёнояд. Дар ин маврид, ҳуқуқи ҳар як иштирокчии моликияти ҳиссагӣ ба манзил таъмин мегардад ва муаммоҳои эҳтимолии иҷро накардани ҳалномаи суд дар бораи пардохти маҷбурии ҷуброн бинобар набудани пули воқеӣ ҳал карда мешавад.

## Адабиёт:


1. Гаврилов Э. Преимущественное право покупки. // Российская юстиция. – 2001. – № 2. – С. 16–17.
2. Германское Гражданское Уложение. [Элоктронный ресурс]. Манбаи дастрас:https://ru.wikisource.org/wiki/Германское_гражданское_уложение/Книга_3/Раздел_6 (санаи муроҷиат: 01.08 соли 2023).
3. Денисов С.А. Преимущественное право на заключение договора как институт, устанавливающий пределы свободы заключения договора // Законодательство. – 1997. – № 2. – С.34–39.
4. Желонкин С.С. К вопросу о правовой природе извещения в механизме реализации преимущественного права: правовая определенность или судейское усмотрение // Вестник арбитражной практики.- 2017.- № 4.- С. 16 - 22.
5. Камышанский В.П. Осуществление преимущественных прав в отношениях по отчуждению имущества / В.П. Камышанский, Е.В. Волкова [Электронный ресурс] // КонсультантПлюс. Россия / ООО «ЮрСпектр». – Минск, 2016.
6. Козлов М. Предпочтение перед посторонними// ЭЖ-Юрист.- 2005.- № 29.- С.3 - 12.
7. Кузнецова Л.В. Некоторые проблемы осуществления преимущественного права покупки доли в праве общей долевой собственности // Журнал российского права. – 2006. – №4.- С. 21 – 41.
8. Маҳмудов М.А., Тағайназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 1000с.
9. Онина А.А. Преимущественное право покупки в гражданском праве Российской Федерации: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03. – Краснодар, 2009. – 20 с.
10. Селезнева О. Право преимущественной покупки и отказ от него // Правовые вопросы недвижимости. – 2006. – № 1. – С. 37–39.
11. Скловский К., Смирнова М. Институт преимущественной покупки в российском и зарубежном праве.// Хозяйство и право.- 2003.- № 10. – С. 21 – 38.
12. Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи ашёӣ: монография. – Душанбе: Нашриёти ДМТ, 2015. – 248 с.
13. Толчеев, Н. Преимущественное право покупки доли жилого дома (квартиры) / Н. Толчеев // Российская юстиция. – 2000. – № 7. – С. 20–23.
14. Украинский гражданский кодекс. [Манбаи электронӣ]. https://continent-online.com/ Document/?doc_id=30418568. (санаи муроҷиат: 02.09 соли 2023).
15. Фоков А.П. Теоретические и практические проблемы распоряжения имуществом, находящимся в общей долевой и совместной собственности. // Арбитражный и гражданский процесс. – 2003. – № 11. – С.5–10.
16. Французский гражданский кодекс [Электронный ресурс]. http://oceanlaw.ru/wp-content/uploads/2018/02/ Фр.Кодекс-123.pdf. (санаи муроҷиат: 28.08 соли 2023).
17. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.09 соли 2023).

**Ҷураев А. Ш.**

**Фишурда**

**Хариду фурӯши ҳисса ба манзили истиқоматӣ**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои бегона кардани ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ ба манзили истиқоматӣ таҳлил шудааст. Роҷеъ ба масъалаҳои ҳуқуқи афзалиятноки харид ҳангоми фурӯши ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ ба молу мулки ғайриманқул диққати вижа дода шудааст. Бо дарназардошти омӯзиш ва таҳлили илми ҳуқуқи маданӣ ва қонунгузории маданӣ роҳҳои такмили қонунгузорӣ ва ҳалли муаммоҳо дар ин самт пешниҳод шудаанд.

**Джураев А. Ш.**

**Аннотация**

**Купля-продажа доли на жилое помещение**

В данной статье анализируются вопросы отчуждения доли в праве общей собственности на жилое помещение. Особое внимание уделено вопросам преимущественного права покупки при продаже долей в правах общего имущества на недвижимое имущество. С учетом изучения и анализа науки гражданского права и гражданского законодательства предлагаются пути совершенствования законодательства и решения проблем в этой сфере.

**Dzhuraev A. Sh.**

**The summary**

**Purchase and sale of a share in a residential building**

This article analyzes the issues of alienation of a share in the right of common ownership of residential premises. Particular attention is paid to the issues of preemptive right of purchase when selling shares in common property rights to real estate. Taking into account the study and analysis of the science of civil law and civil legislation, ways to improve legislation and solve problems in this area are proposed.

**Муқарризи мақола Маҳмудзода М. А. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.**

**ВБД: 341. 4 (575. 3)    Аминҷонов А. Х*.**

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ

**Калидвожаҳо:** никоҳ, талоқ, ҳуқуқ, сарчашма, декрет, кодекс, оила, дуализм, меъёрӣ-ҳуқуқӣ, шуравӣ, суд, қозӣ, низомнома, писарон, духтарон, кӯдак, Бухорои Шарқӣ, шӯро, коммисарҳо, прокурор, қонун.

**Ключевые слова:** брак, развод, закон, источник, указ, кодекс, семья, дуализм, нормативно-правовой акт, советский, суд, постановление, сыновья, дочери, ребенок, Восточная Бухара, совет, уполномоченные, прокурор, закон.

**Keywords:** marriage, divorce, law, source, decree, code, family, dualism, normative-legal act, Soviet, court, resolution, sons, daughters, child, Eastern Bukhara, council, commissioners, prosecutor, law.

Таърихи никоҳ ва оила - ин таърихи инсоният аст ва онҳо аввалин шакли ҳамзистии одамон буда, таҳқиқ ва омӯзишашон моро ба қаъри тамаддуни инсонӣ ошно месозад. Тоҷикон ҳамчун миллати қадима даврaҳои гуногуни ташакул ва рушди ҳуқуқи оилавиро аз сар гузаронидаанд, бинобар ин ошноӣ ба таърихи ҳуқуқи оилавӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихиро метавон шиносоӣ бо саргаҳи тамаддуни башарият номид. Ин таърихи пурғановати муносибатҳои ҳуқуқи оилавиро ба се давраи инкишофе ҷудо намудан мумкин аст, ки ҳар кадом сарчашмаҳои хоси танзими худро дорад:

1. Давраи инкишофи муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ то замони шуравӣ, дар навбати худ ба ду давра, яъне зардуштӣ ва мусулмонӣ ҷудо мешавад;
2. Танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ дар замони шуравӣ;
3. Танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол.

Қайд кардан ба маврид аст, ки муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи оилавӣ Маҳмудзода М., Худоёрзода Б., низ таърихи ҳуқуқи оилавии тоҷиконро бо назардошти таҳлили муқоисавии сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ ба се марҳила ҷудо намуда, чунин қайд намудаанд: "Донистани таърих ва сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ барои ҳамаҷониба аз худ кардани падидаҳои алоҳидаи ҳуқуқи оилавӣ ва дар заминаҳои сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқӣ баровардани хулосаи зарурӣ мусоидат менамояд. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили муқоисавии сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ се марҳилаи асосии инкишофи онро зикр кардан мумкин аст:

а) марҳилаи аввал-танзими ҳуқуқии никоҳ ва оила то ғалабаи Инқилоби Октиябр дар Тоҷикистон;

б) марҳилаи дуюм-танзими ҳуқуқии никоҳ ва оила дар Тоҷикистон баъди ғалабаи Инқолоби Октиябр;

в) марҳалаи сеюм-танзими муносибатҳои оилавӣ дар замони муосир"[225].

Даврабандиҳои болозикр шаҳодати ҳамфикрии мо бо устодон Маҳмудзода М. ва Худоёрзода Б. дар масъалаи мазкур мебошад. Ғайр аз ин дар илми таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон чунин даврабандӣ моҳияти тамаддунӣ дошта, ба ҳукми анъана даромадааст. Албатта, ин даврабандӣ бо назардоштии моҳият ва хусусияти муносибатҳои мавҷуда ва сарчашмаҳои ҳуқуқии танзими онҳо дуруст аст, вале агар давраи то шуравиро дар навбати худ ба давраи то исломӣ ва исломӣ

---

*Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Донишгоҳи давлатии Бохтр ба номи Носири Хусрав.

[225]Ниг.: Маҳмудзода М., Худоёрзода Б. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе:Эр- граф.- 2015. – С. 20-40.

ҷудо намоем ба мақсад мувофиқтар аст, зеро ин давраҳо бо як қатор хусусиятҳояшон аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Бинобар он, ки давраи якум, яъне давраи то шуравии муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ дар бобҳои гузашта мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтаанд, инҷо танзими муносибатҳои хуқуқи оилавиро дар замони шуравӣ ба риштаи таҳқиқ ва таҳлил мекашем. Агар муносибатҳои никоҳӣ-оилвӣ то замони шуравӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ тавассути сарчашмаҳои ҳуқуқии хусусияти дини дошта танзим шуда бошанд, дар замони шӯрвӣ сарчашмаҳои танзими соҳаи ҳуқуқи оилавӣ дар баробари дигар соҳаҳои ҳуқуқ асосан хусусияти позитивӣ-давлатӣ доштанд. Бинобар ин, чунин гузариш дар таърихи ҳуқуқи оилавии халқи тоҷик тағйироти куллиро ба вуҷуд овард. Албатта, ин ивазшавии танзими муносибатҳои ҳуқуқиро мушкилотҳои зиёди зерин ҳамроҳӣ менамуданд:

1) миллате, ки тӯли асрҳои зиёд тибқи меъёрҳои ҳуқуқи одатӣ–анаъанавӣ ва динӣ муносибатҳои худро танзим менамуд,[226] акнун мебоист ба низоми нави ҳуқуқии барояшон ноошно, ки сирф характери ғайридинӣ дошт гузарад;

2) барои татбиқи меъёри нави ҳуқуқӣ таъсиси як қатор мақомотҳои давлатӣ (суд, САҲШ ва ғайра.) лозим буд ва ногузир фаъолияти ин мақомотҳо барои шаҳрвандон тартиби нави муроҷиат ва ҳали баҳсҳои ҳуқуқиро пешбинӣ мекарданд;

3) азбаски ИҶШС якчанд халқу миллатҳоро мутаҳид намуда барояшон қунунгузории ягонаро ҷорӣ намуда буд хусусиятҳои ҳуқуқии миллии онҳо (аз ҷумла тоҷикон) дар қонун таҷассум намеёфт зеро ин ниҳоят мушкил буд.

Баробари ғалабаи Инқилоби Октябр ва барқорор намудани ҳокимияти шуравӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки ба танзими муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ равона гардида заминаи рушдӣ қонунгузории оилавии шӯрвӣ маҳсуб шуда, чун сарчашмаи соҳаи ҳуқуқи оилавӣ хизмат намудаанд. Суханҳои зерини устодон Маҳмудзода М., Худоёрзода Б. тасдиқи гуфтаҳои боло мебошанд: "Барои ташакул ва инкишофи қонунгузории оилавӣ, ки муностибатҳои никоҳу оилавиро танзим мекунад, аҳамияти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии шуравӣ роҷеъ ба никоҳ ва оила калон мебошад. Масалан, 18-19 декабри соли 1917 КИМ-и умумироссиягӣ ва Шӯрои комиссарҳои халқии ҶФШСР ду декрет - "Дар борои никоҳи шаҳрвандӣ, оид ба кӯдакон ва доир ба дафтари асноди ҳолати шаҳрвандӣ" ва "Дар бораи бекоркунии никоҳ" қабул кард, ки ин декретҳо нафақат ҳолати бунёди муносибатҳои никоҳу оиларо аниқ ифода карданд, балки барои қабули минбаъдаи қонунҳои никоҳу оила заминаи ҳуқуқӣ гузоштанд"[227]. Декрет "Дар борои никоҳи шаҳрвандӣ, оид ба кӯдакон ва доир ба дафтари асноди ҳолати шаҳрвандӣ" як қатор масъалаҳои муҳими никоҳи шаҳрвандиро муқарар намуда буд, ки асостаринашон ин танҳо этирофи никоҳи шаҳрвандӣ (яъне на никоҳи динӣ, балки никоҳи расмии давлатӣ), дар шӯъбаи қайди ақди никоҳ ба қайд гирфта шудани он, ҷой надоштани монеаҳои ақди никоҳ, синну соли никоҳӣ (18 барои писарон ва 16 барои духтарон) хешу табор будан, дар никоҳи дигар будан, ихтиёрона бастани никоҳ ба ҳисоб мерафтанд.

Меъёрҳои Декрет "Дар бораи бекоркунии никоҳ" бошад тартиби бекор кардани ақди никоҳ, ҳуқуқи тарафҳо оид ба муроҷиат барои бекор кардани никоҳ, мақомоте, ки метавонад никоҳро бекор кунад аз қабили суд ва шуъбаи қайди ақди никоҳ, интихоби насаб аз ҷониби ҳамсарон, бо кадоме аз волидон боқи мондани кӯдакон, таъминоти моддии кӯдак ва зан, паҳн шудани меъёрҳои декрети мазкур

[226]Ниг.: Халиков А. Г. Правовая система зороастризма. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005.- С. 67.
[227]Ниг.: Аминжонов А.Х. Хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи институтҳои асосии оилавӣ-ҳуқуқӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик: давраи ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ.-Душанбе:Нушбод, 2022.- С. 81.

ба ҳама навобаста ба эътиқод, оқибати ҳуқуқии талоқе, ки ба тариқи динӣ сурат гирифтааст, муқаррар намудааст. Чуноне мушоҳида менамоем, бисёре аз масъалаҳои ҳуқуқи оилавӣ аз ҷонибӣ ин декретҳо мавриди танзим қарор нагирифтаанд ва ин кор амалан ғайриимкон ҳам буд, зеро ин ду декрет нахустин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи ҳуқуқи оилавии шӯрвӣ буданд. Ҳамагӣ пас аз 1 сол санади дигари меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гардид, ки холигии декретҳои болозикрро пурра намуда, соҳаи ҳуқуқи оилавиро васеътар танзим карда ба рушду инкишофи он мусоидат намуд. Ин санад Кодекси қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳу оила ва васояти ҶФШСР мебошад, ки 16 сентябри 1918 қабул шудааст.

Қайд намудан ба мавриди аст, ки ин санад ҳаҷман хеле васеъ буда, меъёрҳои он қисмати зиёди муносибатҳои ҳуқуқи оилавиро ба танзим дароврда буданд ва аксарияти меъёрҳое, ки бо Кодеси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ соли 1968 ва Кодекси оилаи ҶТ танзим шудаанд, дар он пайдо намудан мумкин аст. Ҳатто фасл ва бобҳои санади зикр шуда умумияти хеле зиёд дорад ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки шакл ва сохтори ин санадҳо тақрибан якхелаанд. Ба сифати мисол чунин фасл ва бобҳо баромад карда метавонанд:

1) фасли 2 боби 1., шакли бастани никоҳ (боби 3 Кодекси оилаи ҶТ шарт ва тартиби бастани ақди никоҳ);

2) фасли 2 боби 3 беэътибории никоҳ (боби 5 Кодекси оилаи ҶТ беэътибори никоҳ, боби 6 Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ беэътибории никоҳ);

3) фасли 2 боби 4 қатъи никоҳ (боби 4 Кодекси оилаи ҶТ қатъи никоҳ, боби 5 Кодеси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ қатъ гардидани никоҳ). Ба назари мо чунин умумият ва ягонагии санадҳои фавқузикр далели таҳкурсии ҳам Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ ва ҳам Кодекси оилаи ҶТ ба ҳисоб рафтани Кодекси қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳу оила ва васояти ҶФШСР мебошад. Зеро сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихии дигаре, ки тӯли асрҳои зиёд муносибатҳои оилавӣ-ҳуқуқиро дар сарзамини мо тоҷикон танзим менамуданд аз рӯйи хусусият, мазмун ва шаклашон хеле фарқкқнанда буда, асосн табиати динӣ доштанд[228].

Ғайр аз ин, чӣ Кодекси қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳу оила ва васояти ҶФШСР ва чӣ Кодекси оилавии ҶТ моҳиятан ба оилаи ҳуқуқи романо-олмонӣ тааллуқ доранд, ки ин қаробати онҳоро ду чанд менамояд. Аммо ин маънои онро надорад, ки дар Кодекси оилаи ҶТ унсурҳои ҳуқуқи миллӣ дида намешаванд, баръакс солҳои охир фарҳанги ҳуқуқи миллӣ дар қонунгузории оилавӣ ҷойи худро бештар пайдо намуда истодааст.[229]

Ҳарчанд Декрет "Дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ оид ба кӯдакон ва доир ба дафтари асноди ҳолати шаҳрвандӣ", Декрет "Дар бораи бекоркунии никоҳ" ва Кодекси қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳу оила ва васоят дар ҶФШСР қабул шудаанд, онҳо муносибатҳои ҳуқуқиро дар сарзамини мо низ танзим менамуданд, зеро ин қаламрав ба тариқи мухтор тобеи ҶФШСР буд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар ҶФШСР қабул мегардиданд, тавассути ҶМШС Туркистон ба Тоҷикистон таъсир расонида, муносибатҳои никоҳ ва оиларо ба танзим медароварданд, зеро тибқи моддаи 3 Низомнома оид ба ҶМШС Туркистон, ин қаламрав ба тариқи мухтор идора шуда, амалиёти худро бо ҳукумати марказии ҶФШСР мувофиқ мекарданд[230].

---

[228]Ниг.: Усмонов О. Никоҳ, оила, ахлоқ ва қонун.-Душанбе: Ирфон, 1990.- С. 31.

[229]Ниг.: Маҳмудзода М., Худоёрзода Б. Асари ишорашуда. - С. 23.

[230]Ниг.: Қуръони Карим. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. –Бейрут: Дору-л-маърифат, 2004.; Маргинани Бурхануддин. Хидоя. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 1. Т. 1-2 /

Ҷойи баҳс нест, ки санадҳои мазкур яку якбора пурра татбиқ гашта наметавонистанд ва меъёрҳои шариативу одатӣ як мудат ҳамвора муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамуданд ва чунин сурат гирифтани корро қонуняти даврахои гузариш ҳисобидан мумкин аст. Зеро тибқи маълумотҳои таърихӣ мо якбора аз низоми ҳуқуқи зардуштӣ ба низоми ҳуқуқи мусалмонӣ нагузоштем, чунки дар давраҳои аввали паҳншавии ислом дар сарзамини Осиё Миёна амали ҳарду низоми ҳуқуқӣ мушоҳида мешуд. Аз ҳуқуқи исломӣ ба низоми шуравӣ ҳам гузариш бе дуализми ҳуқуқи сурат нагирифт ва ҳатто ҳангоми гузариш аз низоми шуравӣ ба давлати демократи як мудат якҷоя амалкунии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мушоҳида мешуд. Муҳаққиқони илми ҳуқуқ бо такя ба Низомномаи Ҳукумати ҶХШБ 27 майи соли 1922 "Дар бораи ихтисоршудани муваққатии амали баъзе расмҳои шариат ҳангоми ҳалли парвандаҳои маддaнӣ ва парвандаҳои доир ба ҷиноятҳои маишӣ дар додгоҳ, инчунин оид ба нигоҳ доштани судҳои қозигӣ" мавҷудияти дуализми ҳуқуқиро дар солҳои аввали шуравӣ таъкид менамоянд. Дар минтақаҳои шимоли Тоҷикистон муносибатҳои никоҳ ва оила дар баробари санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҳамчунин тавассути расму ойинҳо, ки хилофи қонунгузорӣ набуданд, ба танзим даровaрда мешуданд. Бинобар ин, дар ин давра дар минтақаҳои зикршуда унсурҳои дуализми ҳуқуқӣ вуҷуд дошт. Инчунин аз сабаби он, ки дар Тоҷикистони ҷанубӣ Ҳокимияти Шуравӣ дертар барқарор гардид, раванди ташаккули санадҳои қонунгузории оилавӣ бо дигар роҳҳо сурат мегирифт. Дар ин ҷо муносибатҳои оилавӣ аксаран бо расму ойинҳои шариат ва урфу одат танзим мешуданд.-гуфтаанд Маҳмудзода М., Худоёрзода Б. Дар ин бора мо танҳо мехоҳем илова намоем, ки дар Тоҷикистони шимолӣ дар баробари расму ойинҳо, меъёрҳои шариат низ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи истифода мешуданд, зеро Низомнома "Дар бораи судҳои шариатии қозиён дар ҶМШС Тоҷикистон, ки аз ҷониби Комитети инқилобии ҶМШС Тоҷикистон 5 июли соли 1925 тасдиқ шуда буд, бетаъсир намемонд. Қобили қайд аст, ки низоми ҳуқуқии шуравӣ дар Тоҷикистони шимолӣ нисбат ба Тоҷикистони ҷанубӣ барвақтар ҷорӣ гардид ва дар минтақаи ҷанубӣ меъёрҳои шариат ҳам нуфузи бештар дошт ва ҳам муддати зиёдтар расман амал менамуд ва ин боиси як муддат боқӣ мондани судҳои қозигӣ дар тамоми ҳудуди ҶМШСТ гашт.[231]

Вобаста ба дараҷаи сифати зиндагӣ ва шуурнокӣ муносибати аҳолии таҳҷоӣ ба судҳои халқӣ ва қозигӣ дар навоҳии мухталифи ҷумҳурӣ якхела набуд. Ҳамин тавр, аҳолии ноҳияҳои шимолӣ на танҳо аз муроҷиат кардан ба судҳои шариатӣ даст кашиданд, балки оид ба имконияти комилан барҳам додани ин додгоҳҳо масъала низ пешниҳод карданд. Бар замми ин дар бисёр маҳалҳо мақомоти САҲШ таъсис ёфта доираи ваколати судҳои шариатӣ тадриҷан маҳдуд мешуд ва аксари қозиҳо бекор мемонданд. Дар Бухорои Шарқӣ ин мудати дуру дароз таҳти идораи аморат қарор дошт, судҳои қозигӣ фаъолияти худро ҳамоно идома дода, иҷрои қонунҳои шуравиро на ҳамавақт таъмин менамуданд. Дар ин хусус иттилои ёрдамчии прокурори ҶМШСТ ба Комисариати халқии адлияи ҶМШСТ аз 4 сентябри соли 1925 шаҳодат медиҳад, ки тибқи он судҳои қозигӣ талаботи қунунҳои шуравиро риоя накарда Кодекси шуравиро наомухтаанд ва ҳатто омӯхтан ҳам намехоҳанд. Судҳои қозигӣ муқаррароти қонунгузории амалкунандаро ошкоро поймол мекарданд. Масалан, онҳо барои тасдиқи никоҳ ҳангоми ба қайдгирии он ризояти падару модар ва муллоҳоро талаб мекарданд. Мо чунин сурат гирифтани корро инкор намекунем, вале ин талаботи пешбини

---

Маргинани Бурхануддин; пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред. авт. предисл., вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. -М.: Волтерс Клувер, 2010. – С. 131-133.

[231]Ниг.: Мухтасари Қонунномаи Сосониён.-Душанбе: Эр-граф, 2015. – С.58.

намудаи судҳои қозигӣ ҳатто аз меъёрҳои шариат ҳам бар намеояд, зеро вақте ба шартҳои бастани никоҳ, ки шариат муқаррар намудааст менигарем ҳеҷ кадоме аз ин талаботҳо дида намешаванд.

Ҳамин тавр метавон гуфт, ки судҳои қозигӣ дар баробари қонунҳои шуравӣ меъёрҳои шариатро низ вайрон менамуданд, ки ин боиси нороҳатӣ ва поймолгардии ҳуқуқи шаҳрвандон мегашт. Пас эътироф бояд кард, ки фаъолияти ғайриқонунии татбиққунандагони ҳуқуқ махсусан, мақомотҳои давлатӣ метавонад ҳисси бадбинии шаҳрвандонро нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳатто низоми ҳуқуқӣ ба вуҷуд орад. Аз ин рӯ имрӯз барои давлати соҳибистиқлоламон дар баробари дурустии мазмуни меъёрҳои ҳуқуқӣ татбиқи дурусти онҳо аҳамияти хеле калон дорад. Фаъолияти судҳои қозигӣ дер давом накард, зеро 30 июли 1928 бо қарори КИМ ва Шӯрои Комиссарҳои халқии ҶМШСТ судҳои қозигӣ барҳам дода шуданд ва бо ҳамин давраи мавҷудияти дуализмӣ ҳуқуқи расман ба охир расид. Дуализми ҳуқуқи асосан ба фаолияти судҳои қозигӣ вобаста буд ва бо иҷозати фаъолияти ин судҳо дуализм бавуҷуд омада, бо барҳам додани фаъолияти судҳои қозигӣ қатъ гардид. Бо такя ба санадҳои ҳуқуқӣ метавон гуфт, ки дуализми ҳқуқи ҳамаги 6 сол давом кард. Бо қабули Низомнома “Дар бораи ихтисори муваққатии амали баъзе расамаҳои шариат ҳангоми ҳали парвандаҳои маданӣ ва парвандаҳо доир ба ҷиноятҳои маишӣ дар додгоҳ, инчунин оид ба нигоҳ доштани судҳои қозигӣ” аз ҷониби Ҳукумати ҶШХБ 27 майи соли 1922 оғоз ёфта, бо қарори КИМ ва шӯрои Комиссарҳои халқии ҶМШСТ 30 июли соли 1928 қатъ гардид. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ таъкид гардидааст, ки 30 июли соли 1928 бо қарори КИМ ва шӯрои Комиссарҳои халқии ҶМШСТ судҳои қозигӣ барҳам дода шуданд. Зеро дигар ба истифодаи меъёрҳои шариат зарурат намонда буд ва бо ҳамин иқдом ба дуализми ҳуқуқӣ дар соҳаи муносибатҳои никоҳу оила хотима гузошта шуд.

Ҳарчанд ҶШСТ 1929 ташкил шуда бошад ҳам, то соли 1969 қонуни алоҳидаи танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ қабул нагардида буд ва дар ин муддат дар ҳудуди ҶШСТ Кодекси қонунҳои никоҳ, оила ва васояти ҶШС Ӯзбекистон (соли 1928) амал мекард, зеро тибқи қарори алоҳидаи КИМ ҶШСТ аз 19 декабр соли 1929, №42 “Дар бораи дар ҳудуди ҶШСТ мавриди амал қарор додани қонунгузории амалкунандаи ҶШС Ӯзбекистон,” амали санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶШС Ӯзбекистон дар қаламрави ҶШСТ то лаҳзаи қабул гардидани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дахлдор нигоҳ дошта шуда буданд. Албатта, дар ин миён ҶШСТ чанд маротиба кӯшиши қабули қонуни алоҳида барои танзими муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ кард (махсусан, 28 ноябри соли 1935 ШКХ ҶШСТ қарор “Дар бораи нашри Кодекси ҶШСТ”-ро қабул намуда буд), вале онҳо бенатиҷа анҷом ёфтанд. Ба назари мо чунин сурат гирифтани танзими ҳуқуқӣ бештар характери сиёсӣ дошт, зеро аз як ҷониб ҶШС Ӯзбекистон роҳҳои ба ҳайъати худ баргардонидани ҶШСТ-ро меҷуст, аз ҷониби дигар чун қоида қонунҳои асосӣ аввал дар марказ (Москва), баъд дар минтақаҳо қабул мешуданд. Чун дар Москав 27 июни соли 1968 Асосҳои қонунгузорӣ оид ба никоҳ ва оила қабул гардид. Мо ҳам имкон пайдо намудем, ки Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ-ро қабул намоем. Вагарна чаро давлате, ки се маротиба Конститутсия (солҳои 1929, 1931, 1937) қабул менамояд бо сабабҳои объективию субъективӣ як Кодекси оид ба никоҳ ва оила қабул карда наметавонад?

Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ, ки соли 1969 қабул шуда аз 1 январи соли 1970 дар амал ҷорӣ шуда буд, то қабул ва дар амал ҷорӣ гардидани Кодекси оила ҶТ аз 13 ноябри соли 1998 №683. муносибатҳои ҳуқуқи оилавиро танзим менамуд ва зарурати қабули Кодекси оилаи ҶТ маҳз барҳамхӯрдани ИҶШС, куллан тайир ёфтани муносибати ҳуқуқи оилавӣ, ба низоми қонунгузории миллӣ ворид гардидани санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ, эътироф гардидани таҷзияи

ҳокимияти давлатӣ ва гуногунандешии сиёсӣ, дониста мешавад. Чи тавре мушоҳида менамоем дар қабули ҳарду Кодекс (1969-1998) таъсири ИҶШС нақши калидӣ дошт. Ба назари мо имрӯз ҳамчун давлати мустақил, бо истифода аз дастовардҳои охирини илми соҳаи ҳуқуқи оилавӣ таҷрибаи судӣ ва бе нақши калидӣ доштани дигар давлатҳо аз нав қабул намудани Кодекси оилаи ҶТ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ҳамин тавр метавон гуфт, ки дар Тоҷикистони шуравӣ сарчашмаҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои оилавӣ давра ба давра қабул ва устувор гардида, муҳимтарин масъалаҳои соҳаи ҳуқуқи оилавӣ аз қабили никоҳ, шартҳо ва тартиби бастани он, қатъ ва бекор кардани никоҳ, фарзандхонӣ, уҳдадориҳои алиментдиҳӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои аъзоёни оила ва ғайраро муқаррар ва танзим намудаанд. Хусусияти позитивӣ-давлатӣ доштани сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавии РССТ – ро қайд намудан бисёр муҳим ва саривақтӣ мебошад, зеро то ин давра мо тоҷикон дар асоси низоми ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ зиндагӣ намуда, асосан бо риояи сарчашмаҳои меъёрии характери динӣ дошта муносибатҳои худро танзим менамудем.

**Адабиёт:**


1.Маҳмудзода М., Худоёрзода Б. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе:Эр- граф, 2015.

2.Халиков А. Г. Правовая система зороастризма. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005.

3.Аминжонов А.Х. Хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи институтҳои асосии оилавӣ-ҳуқуқӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик: давраи ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ.-Душанбе: Нушбод, 2022.

4.Усмонов О. Никоҳ, оила, ахлоқ ва қонун.-Душанбе: Ирфон, 1990.- 176с.

5.Қуръони Карим. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. –Бейрут: Дору-л-маърифат, 2004.

6.Маргинани Бурхануддин. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 1. Т. 1-2 / Маргинани, Бурхануддин; пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред. авт. предисл., вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. -М.: Волтерс Клувер, 2010.

7.Мухтасари Қонунномаи Сосониён.-Душанбе: Эр-граф, 2015.

8.Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат: китоби дарсӣ. Барои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2008. – 566 с.



Аминҷонов А. Х.


Фишурда

Баъзе масъалаҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ


Муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони шуравӣ асосан тавассути санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки дар шакли декрет ва кодекс қабул гардида буданд, ба танзим дароварда мешуд. Чунин раванд дар сарзамини мо ҳануз аз солҳои 1917-1918 шуруъ гардида буд, яъне ҳанӯз то ташкилшавии Тоҷикистони шуравӣ сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавие, ки дар Москва қабул мегардиданд, дар ҳудуди мо низ амал мекарданд. Дар ҶФШСР ду декрет дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ қабул гардида буд: 1) "Дар борои никоҳи шаҳрвандӣ, оид ба кӯдакон ва доир ба дафтари аснoди ҳолати шаҳрвандӣ" ва 2) "Дар бораи бекоркунии никоҳ". Ҳамагӣ пас аз 1 сол санади дигари меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гардид, ки холигии декретҳои болозикрро пурра намуда, соҳаи ҳуқуқи оилавиро васеътар танзим карда, ба рушду инкишофи

он мусоидат намуд. Ин санад Кодекси қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳу оила ва васояти ҶФШСР мебошад, ки 16 сентябри соли 1918 қабул шудааст. Қайд намудан ба мавриди аст, ки ин санад ҳаҷман хеле васеъ буда, меъёрҳои он қисмати зиёди муносибатҳои ҳуқуқи оилавиро ба танзим даровурда буданд ва аксарияти меъёрҳое, ки бо Кодеси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ соли 1968 ва Кодекси оилаи ҶТ танзим шудаанд, дар он пайдо намудан мумкин аст. Ҷойи баҳс нест, ки санадҳои мазкур яку якбора пурра татбиқ нашуданд ва меъёрҳои шариативу одатӣ як муддат ҳамвора муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамуданд ва чунин сурат гирифтани корро қонунияти давраҳои гузариш ҳисобидан мумкин аст. Зеро тибқи маълумотҳои таърихӣ мо якбора аз низоми ҳуқуқи зардуштӣ ба низоми ҳуқуқи мусалмонӣ нагузаштем, чунки дар давраҳои аввали паҳншавии ислом дар сарзамини Осиё Миёна амали ҳарду низоми ҳуқуқӣ мушоҳида мешуд. Аз ҳуқуқи исломӣ ба низоми шуравӣ ҳам гузариш бе дуализми ҳуқуқи сурат нагирифт ва ҳатто ҳангоми гузариш аз низоми шуравӣ ба низоми миллӣ як мудат якҷоя амалкунии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мушоҳида мешуд.

Аминжонов А. Х.

**Аннотация**

Некоторые вопросы источников семейного права

Семейно - правовые отношения в Советском Таджикистане в основном регулировались нормативными правовыми документами, принятыми в виде декретов и кодексов. Такой процесс начался в нашей стране в 1917-1918 годах, т.е. до образования Советского Таджикистана, источники семейного права были приняты в Москве и действовали и на нашей территории. В РСФСР было принято два Декрета в сфере семейного право: 1 ) «О гражданском браке, о детях и о документах гражданского состояния» и 2 ) «О расторжении брака». Буквально через год был принят еще один нормативно-правовой документ, который заполнил пустоту вышеупомянутых указов, шире регламентировал сферу семейного права и способствовал его развитию. Этим документом является Свод законов о документах гражданского состояния, о браке, семейных правах и опеке РСФСР, принятый 16 сентября 1918 года. Важно отметить, что этот документ очень объемный, его нормы регулируют большую часть семейно-правовых отношений, а также большинство норм, регулируемых Кодексом о браке и семье РССТ 1968 года и Семейным кодексом Республики Таджикистана можно найти в нем. Нет сомнений в том, что эти документы не могли быть полностью реализованы сразу, а шариат и обычные нормы какое-то время регулировали общественные отношения, и такой процесс можно рассматривать как легитимность переходных периодов. Потому что, по историческим данным, мы не сразу перешли от зороастрийской правовой системы к мусульманской правовой системе, потому что в первые периоды распространения ислама на територии Средней Азии наблюдалось действие обеих правовых систем. Переход от исламского права к советской системе не произошел без правового дуализма, и даже при переходе от советской системы к национальной системе права, имело место одновременное применение нормативных и правовых актов.

Aminjonov A. Kh.

**The summary**

**Some issues of family law sources**

Family law relations in Soviet Tajikistan were mainly regulated by normative legal documents adopted in the form of Decrees and Codes. Such a process began in our country in 1917-1918, i.e. before the formation of Soviet Tajikistan, the sources of family law were adopted in Moscow and operated on our territory. In the RSFSR, two decrees were adopted in the field of family law: 1) "On Civil Marriage, Children and Civil Status

Documents" and 2) "On Divorce". Just a year later, another legal document was adopted, which filled the void of the above-mentioned decrees, more broadly regulated the sphere of family law and contributed to its development.This document is the Code of Laws on Civil Status Documents, Marriage, Family Rights and Guardianship of the RSFSR, adopted on September 16, 1918. It is important to note that this document is very voluminous, its norms regulate most of the family law relations, as well as most of the norms regulated by the Marriage and Family Code of the 1968 SSRT and the Family Code of the Republic of Tajikistan can be found in it. There is no doubt that these documents could not be fully implemented at once, and that Sharia and customary norms regulated social relations for some time, and such a process can be seen as the legitimacy of transition periods. Because, according to historical data, we did not immediately move from the Zoroastrian legal system to the Muslim legal system, because in the first periods of the spread of Islam in the territories of Central Asia, the operation of both legal systems was observed. The transition from Islamic law to the Soviet system did not take place without legal dualism, and even in the transition from the Soviet system to a democratic state, there was a simultaneous application of normative and legal acts.

**Муқарризи мақола Шосаидзода Ш. Ш., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

**ВБД: 341. 4 (575. 3) Азамқулов Ф.Ҳ.***

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҲОЛАТИ ҲУҚУҚИИ КООПЕРАТИВҲОИ ТИҶОРАТӢ

**Калидвожаҳо:** кооперативи тиҷоратӣ, кооперативи ғайритиҷоратӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, кооператсия, шахси ҳуқуқӣ, ташкилоти тиҷоратӣ, соҳибкорӣ, оинномаи кооператив, иттиҳоди шахсон, сармоя, аъзоҳаққии саҳмӣ, фоида, меҳнати шахсӣ, молу мулк, аъзои кооператив, муассисон, маҷлиси умумӣ.

**Ключевые слова:** коммерческий кооператив, некоммерческий кооператив, производственные кооперативы, кооперация, юридическое лицо, коммерческая организация, предпринимательство, устав кооператива, объединенных лиц, капитал, паевой взнос, прибыль, личный труд, имущество, член кооператива, учредители, общее собрание.

**Keywords:** commercial cooperatives, non-profit cooperatives, production cooperatives, cooperation, legal entity, commercial organization, entrepreneurship, the charter of the cooperative, union of persons, capital, membership fee, profit, personal work, property, members of the cooperative, the founders, general meeting.

Барои муайян кардани чи будани кооператив бояд ба таърихи пайдоиши ин мафҳум муроҷиат кард. Кооперативҳо хеле пеш аз он ки аз тарафи давлат эътироф карда шаванд, ташкил карда мешуданд. Сабаби асосии ташкил кардани кооперативҳо якҷоя кардани қувваҳо барои ба даст овардани натиҷаи якҷояи дилхоҳ буд. Тақсими кооперативҳо ба матлубот, истеҳсолӣ, кредитӣ ва ғайра сирф шартӣ буд, зеро ҳар як кооператив тамоми вазифаҳои асосиро, аз ҷумла аъзоёни кооператив дар фаъолияти он бо меҳнати шахсӣ иштирок мекарданд, аз мағозаҳои кооперативӣ ашё мехариданд, аз кооперативҳо қарз мегирифтанд ва қарз медоданд, шароити зисту зиндагонии онҳоро (кооперативҳои манзилӣ) беҳтар

* Ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

мекарданд, инчунин, эҳтиёҷоти дигарро ба воситаи кооперативҳо қонеъ мегардонданд, муттаҳид мекард.

Вале назорати куллии давлатӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ҳамкории давлатро бо кооператив амалан барҳам дод. Дар давоми қариб ним аср ташкилотҳои кооперативӣ ҳамчун унсури мустақили иқтисодиёт, мустақил аз давлат дарк карда нашуданд. Далели он аст, ки бозсозӣ ва азнавсозии иқтисодиёт аз бозсозии кооператсия ва қабули Қонуни ягонаи ИҶШС аз 26 май соли 1988 «Дар бораи кооператсия дар ИҶШС » оғоз ёфт[232].

Дар айни замон, дар Тоҷикистон ба ҳайси яке аз намудҳои шахсони ҳуқуқӣ кооперативҳо амал менамоянд. Дар асоси м.1 Қонуни ҶТ "Дар бораи кооперативҳо" аз 22 июли соли 2013, № 991, кооператив - иттиҳодияи мустақил ва ихтиёрии бо тартиби муқарраргардида бақайдгирифташуда мебошад, ки дар асоси узвияти шахсон бо мақсади қонеъ намудани талаботи муштараки иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар талаботи онҳо, инчунин, саъю кӯшиши шахсони мазкур тавассути муттаҳидкунии молу мулк (аъзоҳаққии саҳмӣ) ва таъсиси ташкилоти ба таври демократӣ идорашавандаи молу мулки якҷоя таъсис дода мешавад.[233] Дар моддаи мазкур аломатҳои фарққунандаи кооператив аз дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла, ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ муайян карда мешавад. Онҳо ба мо дар маҷмӯъ имконият медиҳад, ки кооперативро ҳамчун иттиҳоди сармоя ва шахсон баҳо диҳем. Ҳолати мазкур дар он маънӣ аҳамияти муайян дорад, ки ё як омил (муттаҳид кардани сармояҳо), ё дигар (муттаҳидшавии шахсон), ё ин ки таъсири якҷояи онҳо дар ҳолати ҳуқуқии кооператив аҳамияти афзалиятнок доранд.[234]

Кооперативҳо метавонанд дар ду шакли зерин таъсис дода шаванд:

-кооперативи ғайритиҷоратӣ;

- кооперативи тиҷоратӣ.

Кооперативи тиҷоратӣ ташкилоти тиҷоратӣ буда, мутобиқи оинномa асосан ба шахсони сеюм хизмат мерасонад. Даромади софи кооперативи тиҷоратӣ метавонад дар байни аъзои он тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ва оинномаи кооператив тақсим карда шавад[235].

Бояд қайд намоем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) мушкилии муайян кардани намудҳои кооперативи тиҷоратӣ ба омилҳои зиёд вобаста аст.

Аввалан, ин ба омили таърихӣ вобаста аст. Дар давоми зиёда аз 70 соли фаъолияти давлати шуравӣ ҳамагӣ ду намуди кооперативҳо: кооперативи истеҳсолӣ ва матлубот ташкил карда шудаанд. Моҳиятан кооперативҳои зикргардида ба хусусиятҳои асосие, ки кооператив, ба мисоли идоракунии демократӣ, ихтиёрӣ будан, тақсимоти фоида вобаста ба иштирок дар корҳои кооператив, ба кооперативҳо дохил шудан ҷавобгӯ набуданд. Инчунин, мустақилияти ташкилот дар шакли набудани назорати давлатӣ ба фаъолияти

[232]Ниг.: Ведомости ВС СССР. 1988. № 22. –С .355.
[233]Ниг.: Қонуни ҶТ "Дар бораи кооперативҳо" аз 22 июли соли 2013, № 991// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 519.
[234]Ниг.: Раҳимзода М.З. Субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2023. – С.148.
[235]Ниг.: Қонуни ҶТ "Дар бораи кооперативҳо" аз 22 июли соли 2013, № 991// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 519.

кооператив танҳо ба таври расмӣ вуҷуд дошта, дар ҳақиқат дар солҳои ҳокимияти шуравӣ ин ҳуқуқ вайрон карда мешуд.

Сониян, оқибати 70 соли милликунондани кооперативҳо, дар байни саҳмдорон гум шудани ҳисси соҳиби моликияти кооперативӣ, шавқу ҳаваси зиндаю самимона ба корҳои кооператив, иштироки фаъолона дар идоракунии кооператив буд. Ба васеъ шудани ташкилотҳо кооперативи матлубот мусоидат кард, онҳо боз ҳам душвортар мешуданд, ба якчандсад ва ҳатто ҳазорҳо аъзо мерасиданд, ки ин назоратро ба мақомоти роҳбарикунандаи кооператив душвор мегардонд ва кооперативҳоро аз эҳтиёҷоти аъзоёни одӣ эмин мегардонд.

Баъдан, пас аз кӯшиши бебарори бозсозӣ ва аз ҷиҳати қонунӣ ба тартиб даровардани ҳаракати кооперативӣ дар соли 1988 тавассути Қонун «Дар бораи кооператсия дар ИҶШС» дар мамлакат муносибати манфӣ нисбат ба кооператив ба амал омад ва ин намуди шахси ҳуқуқӣ амалан беобрӯ карда шуд.

Дар замони истиқлолият кооператив ҳамчун шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ боз пайдо шуда ва равнақ ёфт.

Баъди қабули қ. 1. Кодекси граждани (с.1999) "Кооперативҳои истеҳсолӣ" ба сифати як намуди ташкилоти тиҷоратӣ эътироф карда шудаанд. Дар асоси талаботи Кодекси гражданӣ, Қонуни ҶТ аз 2 декабри соли 2002 "Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ"[236] қабул карда шуд. Мақсад аз қабули Қонуни мазкур рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон буд. Бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гражданӣ (соли 2013) ва қабули Қонуни ҶТ аз 22 июли соли 2013 "Дар бораи кооперативҳо"[237], Қонуни ҶТ "Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ" беэътибор дониста шуда, кооперативҳои истеҳсолӣ яке аз намудҳои кооперативҳои тиҷоратӣ эътироф карда шуданд.[238]

